**ВАЗОРАТИ МОЛИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 338.45. (338.49)**

**НОСИРЗОДА ҲУСЕЙНИ САЪДУЛЛО**

# ИДОРАКУНИИ РУШДИ УСТУВОРИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
**(дар мисоли саноати хӯрокворӣ)**

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии**
**номзади илмҳои иқтисодӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 08.00.06.02 - Идоракунии инноватсияҳо ва ракамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ**

**Роҳбари илмӣ: д.и.и., профессор**
**Умаров Х.У.**

**Душанбе, 2024**

**МУНДАРИҶА**


**МУҚАДДИМА**........................................................................................ 4

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ УСТУВОРИ ИННОВАТСИОНИИ САНОАТ** **15**

1.1. Асосҳои назариявӣ ва рушди устувори инноватсионии саноат........................................................................................ 15

1.2. Методология ва принсипҳои идоракунии рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир........... 30

1.3. Асосҳои институтсионалии таъмини устувори инноватсионии саноат........................................................................................ 43

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА АРЗЁБИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ САНОАТИ ХӮРОКВОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН** **56**

2.1. Таҳлили вазъи муосир ва динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯрокворӣ............................ 56

2.2. Таҳқиқи омилҳо ва механизмҳои таъсиррасон ба идоракунии рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ................. 79

2.3. Арзёбии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ.................................................................... 104

**БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ САНОАТИ ХӮРОКВОРӢ** **117**

3.1. Роҳу самтҳои такмили низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ......................... 117

3.2. Идоракунии рушди инноватсионии саноати хӯрокворӣ дар асоси платформаи рақамӣ........................................................ 133

3.3. Таҳияи модели таъмини идоракунии рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ............................................. 150

**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОД**....................................................................... 163

**ФЕҲРИСТИ АДАБИЁТ**.......................................................................... 168

**РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБ** ............................... 184

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ММД -** Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ

**МТОК** – Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ

**МАИИ** – Мактабҳои афкори иқтисоди инноватсионӣ

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ДКС -** Дастгирии корхонаҳои саноатӣ

**КОА** – Комиссияи олии аттестатсионӣ

**КИТК** - Корҳои илмӣ-таҷрибавӣ ва конструкторӣ

**СҶТ** - Созмони ҷаҳонии тандурустӣ

**ҶДММ** – Ҷамъияти дорои маъсулияташ маҳдуд

**ҶСК** – Ҷамъияти саҳомии кушода

**ҶСП** – Ҷамъияти саҳомии пушида

**ШИҶ** – Шохиси инноватсионии ҷаҳонӣ

**IT-** Information Technology (Технологияҳои иттилоотӣ)

**TFMis** – Tajik finance Ministry **(**Системаи иттилоотии идоракунии молияи давлатӣ**)**

**SGB.net** – Uygulama Genelgesi Bakanlığımızın (Системаи автоматикунонидашудаи хизматрасонии буҷа)

**мар.** маротиба

**млн.** миллион

**сом.** сомонӣ

**ҳаз.** – ҳазор

**%** - фоиз

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар шароити муосир ва муносибатҳои зудрушдёбандаи иқтисоди бозорӣ марҳила ба марҳила татбиқ гардидани инноватсия дар иқтисодиёт, инкишофи илму инноватсия, ҷорӣ намудани он дар соҳаҳои гуногуни саноат ва тавсеаи истифодаи низоми инноватсионии иқтисоди ҷаҳон барои таъмини рушди устувори инноватсионии иқтисоди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон басо муҳим мебошад.

Таҷрибаи беш аз 30-солаи рушди иқтисоди ҷумҳурӣ дар раванди муносибатҳои бозор собит сохт, ки саноати кишвар ба рақобати шадиди аз иқтисоди ҷаҳонӣ баромада дучор гаштааст. Муқовимати муваффақи он ба ин рақобат танҳо дар шароити бунёди имкониятҳои мусоид барои ҷорӣ намудани инноватсияҳо амалӣ мегардад.

Бо назардошти тағйироти куллии иқтисодии ҷаҳонӣ корхонаҳои саноатии кишвар барои рушди устувори инноватсионӣ, амалӣ гардонидани стратегияи тараққиёти корхона ва ниҳоят, расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Рушди устувори инноватсионии саноат яке аз ҷузъҳои таркибии иқтисодиёт буда, мақсади он ҷорӣ намудани инноватсия ва дигар механизмҳои идоракунии инноватсионӣ барои мавқеъ ва пешсафӣ дар бозори дохилӣ ва ҷаҳонӣ мебошад. Ҳоло корхонаҳои саноатии ватанӣ дар шароити зуҳуроти манфии ҳам хусусияти объективӣ ва ҳам субъективӣ қарор гирифта, дар сатҳи зарурӣ ба натиҷаҳои рушди устувори инноватсионӣ комёб нашудаанд.

Бо назардошти талаботи муносибатҳои бозорӣ ва пешрафти илму техника Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030-ро ҳамчун ҳуҷҷати рушди иқтисодиёти миллӣ зарур мешуморад. Дар Стратегияи миллии рушд қайд шудааст, ки ҳадафи чоруми рушд – саноатикунонии босуръат бояд ба таври рӯзафзун ҷараён гирифта, ба дастовардҳои инноватсионӣ ноил гардад.

Сол то сол дар кишвар корхонаҳои хурду миёнаи саноати хӯроквори аз ҷониби соҳибкорони ватанӣ ва хориҷӣ ба истифода дода мешаванд, ки онҳо дар рушди низоми миллии инноватсионӣ замина мегузоранд. Баъзе аз корхонаҳои

саноати хӯроквории кишвар, ки аз солҳои пешин боқӣ мондаанд, ба талаботи замони нав ҷавобгӯ набуда, ба фаъолгардонии равандҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани техника ва технологияҳои муосир ниёзманд мебошанд.

Аз ин рӯ, зарурати дастгирии давлат ҷиҳати таъмин ва азнавбарқарорсозии техника ва технологияҳои муосири инноватсионӣ ба миён меояд. Соҳибкорони ватанӣ ба дастгирӣ ва сармоягузории давлатӣ барои ворид сохтани техникаю технологияҳои инноватсионӣ ва истифодаи онҳо дар истеҳсолот ниёз доранд.

Бояд гуфт, ки солҳои охир рушди устувори соҳаи саноати хӯрокворӣ бо вазъи номуносиби амнияти озуқаворӣ дучор омадааст: нархҳои маҳсулоти хӯрокворӣ ва ғизо боло рафта, номукаммалии идоракунии онҳо эҳсос мегардад. Аз ин рӯ, ин соҳаи бениҳоят муҳим, ҳамчун таъминкунандаи амнияти озуқаворӣ ва рушди босуботи иқтисодӣ таваҷҷуҳи махсус мехоҳад.

Дар робита ба ин, масъалаи таъмини идоракунии инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ дар ҷойи аввал меистад. Низоми самараноки идора ва танзимнамоии ҷараёнҳои фаъолияти инноватсионӣ, таъмини рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва идораи равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти иқтисодии онҳо муҳиммияти мавзуи таҳқиқотро муайян менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Назария ва методологияи таҳқиқот ба ақидаю осори илмии иқтисодшиносони маъруфи хориҷӣ, ба монанди Й. Шумпетар, И.В. Афонин, Э.А. Уткин, Э.Л. Доржиева, Л.Ф. Бердникова, В.Г. Мединский, В.И. Авареченков, Е.Е. Ваенмаер, П.Н. Завлина, Д. Сахал, Б. Твисс, П.Ф. Друкер ва дигарон асос ёфтаанд.

Масъалаи рушди устувори инноватсионӣ, механизми идоракунии он ва танзимнамоии ҷараёнҳои фаъолияти инноватсиониро олимони тоҷик Умаров Х.У., Комилов С.Ҷ., Файзулло М.Қ., Султонов З.С., Хоҷаев П.Д., Низомова Т.Д., Мирсаидов А.Б., Раҳматзода Ҳ.Б., Қодиров Ф.А., Раҳмонов Ҷ.Р., Ҷумаев У.М., Тошматов М.Н., Садриддинов Н.Т., Шарипов Б.К., Шомадова Н.С., Мирзоева Е.Ш. ва дигарон низ мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Сарфи назар аз ақидаҳои илмӣ, проблемаи назариявӣ ва амалии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ, рушди устувори саноат, таъмини рушди устувори инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ, методология ва принсипҳои идоракунии инноватсионӣ ва муайян кардани омилҳое, ки ба рушди устувори инноватсионии онҳо таъсир мерасонанд, маблағгузориҳои фаъолияти илмӣ-инноватсионӣ ва ташаккули низоми миллии инноватсионӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар шароити муосири прогрессивӣ ба таври зарурӣ ҳалли худро наёфтааст.

Аз ин рӯ, таҳқиқи проблема, муҳиммият, аҳаммияти назариявию амалӣ, омӯзиши мақсадҳои гузошташуда ва роҳҳои ҳалии он асоси кори илмӣ маҳсуб меёбанд.

**Робитаҳои таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти кори илмӣ ба муқаррарот ва нишондиҳандаҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаҳои рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат” аз 18 майи соли 2017, №384 ва Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 ҳамоҳанг буда, ба мақсади ноил гардидан ба индикаторҳои барномаҳою муқарраротӣ мазкур ва таъмини рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии, махсусан, соҳаи хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадаф аз таҳқиқоти диссертатсионӣ омӯзиши масъалаҳои назариявӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба такмил ва идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, аз чумла соҳаи саноати хӯрокворӣ дар шароити иқтисоди муосир мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда вазифаҳои зерин муайян карда шуданд:

- таҳқиқи асосҳои назариявию методологии идоракунии рушди устувори инноватсионӣ ва ба низом даровардани рушди инноватсионии саноат;

- мушаххасгардонии меъёрҳои идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ;

- таҳлили динамикаи рушди нишондиҳандаҳои саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир;

- фаъолгардонӣ ва такмилдиҳии идоракунии рушди устувори фаъолияти инноватсионии саноати хӯрокворӣ;

- таҳияи модели таъмини идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ.

**Объекти таҳқиқот** равандҳои муҳимтарини рушди саноати хӯрокворӣ мебошанд, ки дар доираи танзими равандҳои инноватсионӣ ва масоили амнияти озуқаворӣ ҳаллу фасл мегарданд.

**Мавзуи таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодиеро дар бар мегирад, ки тавсифкунандаи рушди низом ва равандҳои инноватсионии соҳаи саноати хӯрокворӣ, идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар инфрасохторҳои корхонаҳо ва танзими онҳо дар шароити иқтисоди муосир ба шумор меравад.

**Фарзияи таҳқиқот** ба мукаммалгардонии низоми идоракунии инноватсионӣ, истифодаи методология, принсипҳои он, такмили танзими низоми идоракунии инноватсионӣ, рушди устувори инноватсионӣ, иқтисоди миллӣ, дарёфти роҳҳои самараноки идоракунӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, кам намудани иқтисодиёти ғайрирасмӣ, баланд бардоштани рақобатнокии истеҳсолот ва сатҳи баланди мафкураи кормандон, сарфаи вақту меҳнат ва дар ин замина беҳтарсозии фаъолияти идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва сатҳи некуаҳволии мардум нигаронида шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои бунёдии олимони соҳа оид ба инноватсия, идоракунии иқтисодиёт, рушди инноватсионӣ, натиҷаҳо таҳқиқотҳои анҷомдода истифодаи роҳҳои такмили идоракунии низоми инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ, барномаҳои давлатӣ, Стратегияи

миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи методӣ, таълимӣ, маводи конференсияҳои илмӣ ва ҳисоботи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар кори илмӣ натиҷаҳои таҳқиқот ва таҳлилу хулосаҳо, методҳои монографӣ, менеҷменти инноватсионӣ, ҳисобҳои таҳлилӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ, регрессионӣ, оморӣ, мантиқӣ, методҳои индуксия, дедуксия, усулҳои назариявӣ-таҷрибавӣ ва мушоҳидаҳои муаллиф истифода шудаанд. Усулҳои зикршуда барои расидан ба мақсади дар таҳқиқот гузошташуда ва коркарди пешниҳодҳои муҳимми илмӣ мусоидат менамоянд.

**Сарчашмаи иттилоот.** Сарчашмаи иттилооти таҳқиқоти диссертатсиониро маҷмуаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаҳою стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳисоботҳои Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, таҳқиқотҳои олимони ватанию хориҷӣ оид ба равандҳои идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Давраи иҷрои кори диссертатсионӣ солҳои 2016-2022-ро дар бар гирифта, таҳқиқот дар назди кафедраи назарияи иқтисоди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон гузаронида шудааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** аз коркарди асосҳои назариявӣ, методологӣ ва институтсионалии мактабҳои муосири иқтисодӣ, муайян намудани самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми идоракунии рушди устувори инноватсионӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёт, таҳияи дастуру тавсия ва пешниҳодҳо ҷиҳати рушди низоми инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, махсусан, соҳаи хӯрокворӣ, мукаммалгардонии механизми идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ таҳлил ва арзёбии вазъи саноати хӯрокворӣ иборат мебошад.

**Натиҷаҳои нисбатан муҳимми аз ҷониби муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ бадастомада ба сурати зайл ифода шудаанд:**

1. Асосҳои назариявӣ ва методологии идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, муайянсохтани рушди устувори инноватсионии саноат ва ба низом даровардани афкори илмӣ доир ба он;

2. Меъёрҳои идоракунии инноватсионӣ дар шароити муосир ва шароиту имкониятҳои мавҷуда барои гузариш ба рушди устувори инноватсионии иқтисоди мамлакат мушаххас карда шудаанд;

3. Таҳлили вазъи муосир ва динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯрокворӣ ҳамчун масъалаи муҳимми таҳқиқоти илмӣ анҷом дода шуд. Барои боз ҳам тезонидани суръати рушди истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ, идоракунии рушди устувори равандҳои инноватсионӣ ва баланд бардоштани сифати маҳсулот тарзу воситаҳои нав манзур карда шудаанд;

4. Дар шароити прогресси илму техника роҳҳои нави фаъолгардонии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва такмили низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии соҳаи саноат, беҳтарсозии механизми идоракунӣ, такмили низоми миллии инноватсионӣ ва рушди устувори корхонаҳои саноати хӯрокворӣ муайян карда шудаанд;

5. Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар шароити муосир зарурати таҳияи модели идоракунии рушди устувори корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба миён омад. Модели мазкур барои рафъи мушкилиҳо, ба даст овардани комёбиҳои инноватсионӣ ва самаранокии фаъолияти соҳаи хӯрокворӣ аҳаммиятнок арзёбӣ гардид.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- собит гардидааст, ки дар шароити рушди иқтисоди бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инноватсия дар рушди устувори инноватсионии саноат нақши калидӣ бозида, барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии маҳсулоти саноатӣ, аз ҷумла маҳсулоти хӯрокворӣ ва такмили идоракунии он аҳаммияти

хос дорад. Ҷорӣ намудани методология ва принсипҳои идоракунии инноватсионӣ барои пешрафти фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва рушди устувори инноватсионии онҳо дар асоси таҷрибаи ҷаҳонӣ ба мақсад мувофиқ мебошад;

-меъёрҳои мушаххасгардонии идораи рушди устувори инноватсионӣ дар шароити муосир масъалаи муҳим арзёбӣ гардида, дар бештари мавридҳо имконияти гузариш ба рушди устувори иқтисодӣ-инноватсионии мамлакатро муайян менамоянд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи инноватсия аз назари методологӣ бояд меъёрҳои мушаххаси идоракунии рушди устувори соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиро муайян карда тавонад;

- таҳлили нишондиҳандаҳои саноати хӯрокворӣ ва динамикаи рушди он нишон медиҳад, ки бароҳмонии инноватсия ба рушди истеҳсолоти соҳаи хӯрокворӣ суръат мебахшад. Дар бараҳмонии инноватсия ҷиҳати самаранокгардонии фаъолият бештар фаъолсозии корхонаҳои аз фаъолиятмонда, баланд бардоштани сифати маҳсулот, идоракунии равандҳои инноватсионии он, хусусан, банақшагирии маркетингӣ ва молиявӣ, тезонидани ҷараёни инкишоф ва паҳн намудани маҳсулоти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ наќши бузург мебозад;

- дар шароити муосир фаъолгардонӣ ва такмили рушди устувори низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии соҳаи саноат барои нав кардани механизми такмили он таҳияи моделҳои идоракунии инноватсионии миллӣ ва нав кардани фондҳои асосии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ шарти зарурӣ ва муҳим аст. Дар сурати такмил додани низоми инноватсионии миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, истифодаи усулҳо ва такмили методикаи идоракунии инноватсионӣ самаранокии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионӣ таъмин мегардад.

- дар асоси омӯзиши таҳқиқотҳои илмӣ модел барои таъмини рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таҳия гардид. Модели мазкур масъалаҳои равандҳои рушди устувори инноватсиониро бо назардошти таҷрибаҳои иқтисоди ҷаҳонӣ дар бар гирифта, истифодаи он самаранокии

инноватсияро дар соҳаи хӯрокворӣ таъмин хоҳад кард.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки асосҳои назариявӣ, методологӣ ва институтсионалии низоми идоракунии инноватсионӣ дар шароити ташаккулёбии иқтисодиёти рақамӣ аз диди нав, яъне рушди технологияҳои муосир, платформаҳои рақамӣ ва иқтисодиёти рақамӣ арзёбӣ ва пешниҳод шудааст.

Аҳаммияти амалии диссертатсия дар он аст, ки хулосаву пешниҳодҳои дар раванди таҳқиқот ба даст омадаро мақомоти дахлдори давлатӣ дар самти такмил додани механизми амалигардонии пурраи идоракунии рушди устувори инноватсионӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ҳамчун омили мусоидаткунанда ба рушди иқтисодиёт, татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва кам кардани хавфҳои инноватсионӣ, такмили санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳа, таҳия ва муосиргардонии самтҳои стратегияи соҳа истифода бурда метавонанд.

Инчунин, хулосаву пешниҳодҳои дар раванди таҳқиқот бадастомада метавонанд ҳангоми таҳияи барномаҳои рушди иҷтимою иқтисодӣ, такмилу таҳияи стратегия ва барномаҳои рушди инноватсионӣ ва мукаммалгардонии санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти таҳқиқшуда истифода шаванд.

Илова бар ин, маводи таҳқиқотиро метавон дар раванди тадриси фанҳои “Асосҳои инноватсия”, “Менеҷмент”, “Менеҷменти инноватсионӣ”, “Идоракунии корхонаҳо”, “Иқтисодиёти саноат”, “Иқтисодиёти инноватсионӣ”, “Иқтисодиёти рақамӣ”, “Соҳибкории инноватсионӣ” ва амсоли инҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ истифода бурд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** дақиқии маълумотҳои овардашуда, кифоягии маводи таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишороти муаллиф тасдиқ менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ асос ёфтаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот бо шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ гардонида шудааст. Объект, мавзуъ ва навгониҳои

диссертатсия бо бандҳои шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи ихтисоси 08.00.06.02 – Идоракунии инноватсияҳо ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат мекунад: 1.1. Рушди муқаррароти назариявӣ ва методологии фаъолияти инноватсионӣ; такмилдиҳии шаклҳо ва усулҳои таҳқиқи равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонӣ дар низомҳои иқтисодӣ; 1.2. Коркарди методология, усулҳои баҳодиҳӣ, таҳлил, қолабсозӣ ва дурнамои равандҳои инноватсионӣ дар низоми иқтисодӣ; 1.3. Ташаккули муҳити инноватсионӣ ҳамчун шарти муҳимтарини амалӣ намудани инноватсияҳои самаранок. Муайян кардани муносибатҳо, шакл ва тарзҳои муҳайё намудани шароити муносиб барои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ. Роҳҳои беҳгардонии иқлими инноватсионӣ; 1.4. Таҳқиқи равандҳои ҳамгироӣ дар муҳити инноватсионӣ. Консепсияҳои навсозӣ ва шаклҳои татбиқи амалии онҳо; 1.5. Хусусиятҳои таъсисдиҳӣ ва таҳқиқи низомҳои миллии инноватсионӣ: принсипҳои сохт ва рушдёбӣ, сохтор ва функсияҳо, баҳодиҳии самаранокӣ; 1.6. Коркарди усулҳо ва механизмҳои ҳамгироии илми мактабҳои олӣ бо низоми миллии инноватсионӣ ва раванди ҷаҳонии инноватсионӣ. Рушди усулҳо ва шаклҳои тиҷоратикунонии инноватсияҳои мактабҳои олӣ дар корхонаҳои хурди инноватсионӣ; 1.13. Коркард ва такмилдиҳии шаклҳо, сохтор ва низомҳои институтсионалии идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ва рақамикунонии равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Арзёбии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Иҷрои марҳилаҳои нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамии он, мақсад ва вазифаҳо аз ҷониби муаллиф ба анҷом расонида шудааст. Дар рафти таҳқиқот муаллиф асосҳои идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯроквориро омӯхта, самтҳо ва роҳҳои баландбардории самаранокии низоми идоракуниии инноватсияҳо, механизми идоракунии рушди инноватсияҳои соҳаҳои саноати хӯроквориро коркард ва

пешниҳод намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар интишороти илмии муҳаққиқ инъикос гардидаанд.

**Тавсиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муҳтавои асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза ва мақолаҳо дар конференсияю семинарҳои илмии дорои аҳаммияти байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар тули солҳои 2018-2023 пешниҳод ва баррасӣ шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар нашрияҳои мансуб ба номгӯйи маҷаллаву нашрияҳои тақризшаванда ва тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсионӣ.** Диссертатсия аз сарсухан, се боб, хулоса, пешниҳод ва феҳристи адабиёт иборат мебошад. Ҳаҷми таҳқиқот дар 186 саҳифаи чопи компютерӣ баён гашта, 22 ҷадвал, 23 расм ва 3 диаграммаро дар бар мегирад.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддима** мубрамияти мавзуи кори диссертатсионӣ, дараҷаи таҳқиқи илмии он, объекту матлаби таҳқиқот, асоснокӣ, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот матраҳ гардида, ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва навгонии идоракунии рушди устувории инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла, саноати хӯрокворӣ ва пешниҳоди амалӣ оид ба такмили низоми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ нишон дода шудаанд.

**Дар қисми "Тавсифи умумии таҳқиқот"** мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии он, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссератсия (гузориши нуктаҳои асосии диссертатсия дар семинару конференсияҳои илмӣ, дар муассисаҳои таълимии олӣ ва илмӣ),

интишорот аз руйи мавзуи таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия асоснок ва пешниҳод гардидаанд.

**Дар боби аввал «Асосҳои назариявӣ ва методологии рушди устувори инноватсионии саноат»** мафҳум, моҳият ва нақши идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар рушди иқтисоди миллӣ, аҳаммияти рушди идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки саноати хӯроквборӣ, равишҳои гуногуни методологии идоракунӣ, принсипҳои рушди устувори инноватсионии корхонаҳои соҳа, ва асосҳои институтсионалии таъмини рушди устувори саноати хӯроквборӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Боби дуюм **"Таҳлили вазъи муосир ва арзёбии рушди инноватсионии саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон"** унвон гирифта, дар он натиҷаҳои таҳлили вазъи муосир ва динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯроквборӣ, арзёбии фаъолият ва фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, таҳлили омилҳои ба рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таъсиррасон, ҳамзамон, мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шохиси ҷаҳонии инноватсионӣ дар байни давлатҳо, ҳаҷми хароҷоти буҷети давлатӣ ба соҳаи илм ва инноватсия нишон дода шудаанд.

Дар боби сеюм "**Самтҳои асосии такмили идоракунии рушди инноватсионии саноати хӯроквборӣ**" масъалаҳои такмили низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии саноати хӯроквборӣ, таъмини рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, роҳҳои самараноки идоракунии рушди инноватсионии саноати хӯроквборӣ, баланд бардоштани рақобатнокӣ, дастгирии молиявии рушди инноватсионӣ ва ниҳоят, модели таъмини рушди устувори инноватсионии саноати хӯроквборӣ ҳаллу фасл гардидаанд.

Дар қисми хулосаҳои умумӣ аз рӯйи натиҷаҳои  ва пешниҳодҳ таҳқиқот бо назардошти иқтидор, имконот ва шароити мусоиди кишвар ҷиҳати бароҳмонии фаъолияти босамари инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквборӣ тавсия ва пешниҳодҳои илмии муфид манзур карда шудаанд.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ РУШДИ УСТУВОРИ ИННОВАТСИОНИИ САНОАТ

## 1.1. Асосҳои назариявӣ ва рушди устувори инноватсионии саноат

Дар марҳилаи ҳозираи тараққиёти иқтисодӣ омили асосии пешравии ҳар як давлат ва субъектони гуногуни иқтисодӣ инкишофи илму техника ва рушди инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Аксари давлатҳои пешсаф барои устувор намудани иқтидорҳои илмӣ-техникӣ, ташаккули соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, сармоягузории соҳаи техникаю технологияҳои инноватсионӣ, мубодилаи байналхалқии технологӣ ва тезонидани суръати рушди илму техника кӯшиш менамоянд.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди устувори истеҳсолӣ дар бештари маврид бо ҷорӣ намудани равандҳои инноватсионӣ сурат гирифта, зери таъсири он динамикаи тағйирёбандаи иқтисодиёти берунӣ ва дохилӣ ба вуҷуд меояд. Аз ин рӯ, давлатҳои пешсаф ҷорӣ намудани инноватсияро дар фаъолияти корхонаҳои истеҳсолӣ ҳамчун омили бартарафсозии мушкилоти иқтисодӣ ва рушди устувори инноватсионии саноатӣ меҳисобанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ барои  ноил гаштан ба ҳадафҳои стратегии иқтисодию иҷтимоӣ гузариш ба рушди устувори инноватсиониро вазифаи асосӣ меҳисобад. Дар замони рушди илму техника ва технология соҳаи саноатро бе инноватсия тасаввур кардан ғайриимкон аст. Он ба қисми таркибии саноат табдил ёфта, раванди истеҳсолотро осон ва қулай мегардонад.

Инноватсия аз рӯзи пайдоиш то натиҷаи ниҳоии фаъолият нақш бозида, он илм, технология, иқтисодиёт, иҷтимоиёт, идоракунӣ ва соҳибкориро бо ҳам муттаҳид ва маҷмуи муносибатҳои иқтисодии корхонаҳо (корхонаҳои саноатӣ ва ғайрисаноатӣ)-ро дигаргун мекунад. Ҳамин тариқ, дар шароити нави иқтисодӣ ва рушди босуботи иқтисоди корхонаҳо мафҳуми “инноватсия”-ро ба ҷанбаҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

- ҷанбаи фалсафии мафҳуми “инноватсия” васеъ ва аз ҷиҳати сохт мураккаб буда, равишҳои гуногунро дар бар мегирад;

- ҷанбаи илмӣ, ин маънои таҳлили илмии дарки мушкилот дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва роҳҳои ҳалли он, дигаркунии шаклу усулҳои техникӣ ва идоракунро ифода мекунад;

- ҷанбаи техникӣ, тағйирот дар техникаю технологияҳои истеҳсолот, мол ва кору хизматрасониҳо мебошад, ки ба гирифтани фоидаи иқтисодӣ мусоидат мекунад;

- ҷанбаи иқтисодӣ, тағйироти иқтисодӣ, гузариш аз як модел ба модели рушд, усулҳои нави идоракунӣ дар иқтисодиёт, муносибатҳои нави фаъолият, рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва ҷорӣ намудани равандҳои нав дар фаъолияти молиявию иқтисодӣ мебошад;

- ҷанбаи иҷтимоӣ, дигаргуниҳо дар ҳаёти ҷомеа ва шаклҳои таъмини талаботи инсон, ки аз нигоҳи маънавӣ куҳна шудаанд, дар назардошта мешавад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки инноватсия на танҳо ҷиҳатҳои мусбат, балки ҷиҳатҳои манфӣ низ дорад. Бо мурури замон он шаклҳои фаъолият, маҳсулот, кору хизматрасониҳо ва ҷараёни фаъолияти иқтисодию иҷтимоиро дигаргун сохта, бо таъсири пешрафти илму техника муносибати тақозо мекунад. Ҳамин тавр, дуруст ба роҳ мондани фаъолияти инноватсионӣ, махсусан, корхонаҳои саноатӣ метавонанд бо истеҳсоли намудҳои нави маҳсулот самаранокиро таъмин созанд.

Инноватсия имконият медиҳад, ки усулҳои самарабахши истеҳсолот дар корхонаҳо татбиқ ва дар навбати худ, боиси дар бозор ба вуҷуд омадани категорияҳои нави маҳсулоти баландсифат гардад.

Вожаи “инноватсия” дар фарҳанги иқтисодӣ ба ду маъно омадааст: сармоягузорӣ дар соҳаи иқтисодиёт ва тағйирёбии наслҳои техника ва технологияи нав, ки дар натиҷаи дастовардҳои пешрафти илму-техника ба вуҷуд меоянд.[1] Дарвоқеъ, пайдоиши ихтирооти нав ва рушди он омили муҳимми инноватсионӣ буда, заминаи таъмини натиҷаҳои назаррас ва дасторвардҳои ин ё он соҳа мегардад.

[1]Азрилияна, А.Н. Краткий Экономический словарь / 4-е изд. доп. – М.: Институт новой экономики, 2008. - С. 281.

Андешаҳо оид ба “инноватсия” аз нимаи дуюми асри XX оғоз ёфта, то ба ҳол онро ҳар гуна шарҳу эзоҳ медиҳанд, аз ҷумла Й. Шумпетер вожаи инноватсияро чунин маънидод намудааст.

- истеҳсоли маҳсулоти нав;
- ҷорӣ намудани усули нави истеҳсолот;
- рушди бозори нави фурӯш;
- ба даст овардани манбаи нави ашёи хом;
- азнавташкилдиҳӣ дар соҳаи саноат[2].

Бо назардошти ташаккули равандҳои иқтисодӣ, омилҳои таъсиррасон ба кулли муносибатҳои иқтисодӣ мо низ мафҳуми инноватсияро ин тавр тавзеҳ медиҳем:

- гузариш аз як модел ба модели нави инноватсионӣ;
- такмилдиҳии параметрҳои инноватсионии технологияҳо;
- бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, механизмҳои инноватсионии истеҳсолӣ ва идоракунӣ;
- дарёфти сарчашмаҳои инноватсионии рушди саноати хӯрокворӣ
- такмил додани равандҳои рушди саноати хӯрокворӣ дар асоси инноватсияҳо;
- гузариш ба низоми инноватсионии идоракунии технологияҳо бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ;
- таҷдиди соҳаи саноат бо усули инноватсионӣ;
- ба роҳ мондани таблиғоти инноватсионӣ дар соҳаи маркетинг;
- дастрасии стартапҳо ба сармоягузорӣ ва ташкили фондҳои инноватсионӣ.

Вобаста ба мафҳум ва моҳияти инноватсия назарҳои дигар низ вуҷуд доранд. Масалан, Комилов С.Ҷ.: “...вожаи инноватсияро маҷмуи донишҳои нави амалишуда ва натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ, ки дар шакли маҳсулоти нав ё мукаммалгардида зуҳур намуда, ҳамчун маҳаки асосии

---

[2]Шумпетер, Й.А. Теория экономического развития. Капитализм, социализм и демократия / ООО «Издательство «Эксмо», 2008. - С.6.

ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ хизмат мекунад”[3], шарҳ додааст. Файзуллоев М.Қ. “инноватсия”-ро ҳамчун чараёни бунёд, азхудкунӣ ва паҳнкунии маҳсулот, хизматрасониҳо, технология, ашёи хом, маснуоти нав ё такмилёфта ва усулҳои нави ташкили истеҳсолот ва идоракунӣ тавзеҳ медиҳад[4]. Ба ифодаи Раҳмонов Ҷ.Р.: “...инноватсия натиҷаҳои ниҳоиеанд, ки дар шакли маҳсулоти технологияи нав ё такмилёфта падид омада, дар амалия дар самти беҳтаргардонии таъмини талаботи анъанавӣ ва нав истифода мешаванд”[5].

Аз рӯйи ақидаҳо бармеояд, ки инноватсия маънои васеъро фаро гирифта, бо роҳҳои гуногун сурат мегирад. Корхонаҳои саноатӣ метавонанд онро дар маҳсулот, кору хизматрасонӣ, эҷоди платформаҳо, идоракунии истеҳсолот, техникаю технологияҳо ва дар равандҳои фаъолият ҷорӣ намоянд. Яъне, корхонаҳои саноатӣ маҳсулот ё кору хизматрасониҳои комилан наверо эҷод мекунанд, ки ҳанӯз дар бозор вуҷуд надошта бошад ё ин ки платфораҳои наверо таҳия медиҳанд, ки платформаҳои пешинаро иваз намояд.

Аз ин бармеояд, ки бо назардошти рушди технологии ҷаҳонӣ ва равишҳои гуногуни назариявию методологӣ мафҳуми “инноватсия” дар иқтисодиёт ҷорӣ намудани усулҳои нав дар коркарди моли қаблан мавҷудбуда ё дигаргунӣ дар моли куҳнахобида мебошад, ки бо таъсири технологияҳои муосир ба миён омадааст.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ” омадааст, ки “...навоварӣ дар соҳаи технология, кор ва хизматрасонӣ ё идоракунӣ буда, ба истифодаи комёбиҳои илм ва технологияи пешқадам асос ёфтааст, ки самаранокии баланди истеҳсолӣ ва ҷамъиятӣ дорад”[6]. Аз нигоҳи Бердникова Л.Ф.: “...инноватсия натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ дар шакли маҳсулот ё хидмати нав ва такмилёфта бо технологияҳое, ки ҳангоми

[3]Комилов, С.Дж. Инновационное развитие и совершенствование антикризисного управления предприятиями /С.ДЖ. Комилов -Душанбе, 2011. – С.148
[4]Файзуллоев, М.К., С.Дж. Комилов. Основы развития инновационной деятельности предприятий / Монография -Душанбе: «Ирфон», 2004. - С.118.
[5]Рахмонов Дж.Р. Инновация – как составная часть понятийного аппарата инновационного процесса // Матер. респ. научно-практ. конф. «Проблемы инвестиционного обеспечения инновационного развития предпринимательской деятельности в РТ»; – Душанбе, ТНУ, 2014. – С. 70-73.
[6]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» аз 16 апрели соли 2012, № 822, моддаи 1.

татбиқи раванди инноватсионӣ ба даст оварда шудааст, мебошад”[7]. Ф. Никсон мафҳуми “инноватсия”-ро ҳамчун маҷмуи техникӣ, истеҳсолӣ ва фаъолияти тиҷоратӣ, ки боиси ба бозор пешниҳод намудани таҷҳизоти нави такмилёфтаи саноатӣ мегардад, шарҳ медиҳад[8]. Ба ақидаи Р. Смитс: “...инноватсия ин як комбинатсияи бомуваффақияти техника, технология ва захираҳои ташкилӣ дар заминаи мушаххаси иҷтимоӣ ё модели иқтисодӣ мебошад”[9].

Ҷӯрабоев Г.Ҷ., Қаюмова Ф.А. қайд мекунанд, ки “инноватсия равандеро дар назар дорад, ки дорои раванди қонунӣ ва объективӣ мебошад, ки хусусияти ба беҳтар кардани истеҳсолоти ҷамъиятӣ тавассути иваз кардани технологияҳои истифодашуда ё гузаштан ба истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ нигаронида шудааст, бо истифода аз дастовардҳои илм ва технология дорад”[10]

Аз нигоҳи мо, инноватсия яке аз фишангҳои рушди истеҳсолӣ, омили идоракунӣ ва фаъолнамоии ҷараёнҳои истеҳсолот тавассути технологияҳои муосир на танҳо барои осон намудани кор, балки барои ба амал баровардани молҳои намуди нав мебошад.

Дар баробари ақидаҳои зикршуда, мафҳуми инноватсия ҳамчун дарёфти манбаи рушди иқтисодиёт, гузариш аз як модел ба модели нав, такмили параметрҳои техникаю технологияҳо, такмили равандҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, ба вуҷуд овардани механизмҳои нави истеҳсолӣ дар корхонаҳо, густариши хизматрасонии пулакӣ, гузариш ба системаҳои нави иттилоотии иқтисодиёт ва ташаккули донишҳои нави муосир тавзеҳ дода мешавад.

Ташаккули назарияи инноватсионӣ дар робита бо системаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, пеш аз ҳама, бо ақидаҳои илмии олимону пажуҳишгарони соҳаи иқтисодиёт мувофиқ меояд.

---

[7]Бердникова, Л.Ф. Интеллектуальный потенциал в инновационном развитии современной организации // Вектор науки Тольяттинско го государственного университета. – Тольятти:, 2012. - №4. - С. 220-223.

[8]Никсон, Ф. Роль руководства предприятия в обеспечении качества и надежности / -М.: Издательство стандартов, 1990. - С.230с.

[9]Смитс, Р. Innovatio studies in the 21st century: questions from a users perspective // Tehnological Forecasting & Social Change. 2002, № 69.-P.863.

[10]Джурабаев, Г.Дж., Каюмова Ф.А. Региональная стратегия инновационно-ориентированного развития промышленных предприятий. – Душанбе: Ирфон, 2016. – 160 с

Умуман, сарчашмаҳои назариявии илмӣ оид ба мафҳуми инноватсия зиёд буда, он, махсусан, дар соҳаи иқтисод ба маънои васеъ фаҳмида ва истифода бурда мешавад.

Дар робита ба ин, афкори иқтисодии инноватсионии олимони тоҷикро ба мактабҳои зерин ҷудо менамоем.

**Ҷадвали 1.1. Мактабҳои афкори иқтисодии инноватсионии миллӣ**

| № | Мактабҳои афкори иқтисодӣ оид ба инноватсия ва рушди он | Ақидаҳои мактабҳои афкори иқтисодӣ | Намояндагони мактабҳои афкори иқтисодӣ оид ба рушди инноватсионӣ |
|---|---|---|---|
| 1. | *Мактаби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Комилов С.Ҷ.* | *Инноватсия ин донишҳои амалишуда, маҳаки асосии ташаккули иқтисодиёт ва натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ мебошад.* | *Файзулло М.Қ., Алиева Г.Ш., Шодибеки С., Шарипов Б.К., Азизов Ш., Аҳмадов Р.Р., Самадов Р.И., Сафаров Ф.М., Лешкович А., Саторов С.К. Маҳмадаминов М.Б., Мирзоева Е.Ш.* |
| 2. | *Мактаби доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Файзулло М.Қ.* | *Инноватсия ин ҷараёни бунёд, хизматрасониҳо ва усулҳои нави ташкили истеҳсолоту идоракунӣ мебошад.* | *Дӯстматов Б., Раҳмонов Ҷ.Р., Розиев Д., Носири Н., Маҳмадшоева Ш., Ятимов А.Ҷ., Наҷмиддинзода А.М.* |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Мактабҳои афкори иқтисодии инноватсионии мазкур, ки соҳаҳои инноватсия, идоракунии инноватсионӣ ва механизми таъсири инноватсионии корхонаҳои саноатиро фаро мегиранд, ба ташаккули минбаъдаи иқтисодиёт ва рушди инноватсионӣ ҳамчун манбаи асосии рушд мусоидат мекунанд. Мактабҳои иқтисодии инноватсионии Тоҷикистон ва хусусиятҳои афкори иқтисодӣ ба идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, раванди пайдоиш, зинаҳои рушди афкори иқтисодӣ ва дурнамои иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон таъсири мусбат мерасонанд. Омӯзиши ҷанбаҳои иқтисодӣ дар мактаби афкори иқтисоди инноватсионӣ равияҳои нави афкори иқтисодӣ ва ташаккули ғояҳоро дар ин самт таъмин месозад.

Бояд гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди равандҳои инноватсионӣ, устувори иқтисодӣ, идоракунии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ дар соҳаи саноат як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба монанди “Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020”, “Стратегияи инноватсионии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли

2020” ва “Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”-ро қабул намуд. Ҳадаф аз қабули ин ҳуҷҷатҳо ташаккули низоми самаранокии инноватсионӣ ҷиҳати мусоидат ба рушди технологӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, рақобатпазирии истеҳсолот, баланд бардоштани сифати маҳсулоти инноватсионӣ, баровардани маҳсулоти ивазкунандаи воридот ба бозори дохилӣ ва хориҷӣ, рушди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва расидан ба ҳадафҳои статегияи миллӣ мебошад.

Бо вуҷуди мураккабишавии бесобиқаи вазъи ҷаҳони муосир ва рушди бемайлони илму техника Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳаҳои саноат диққати махсус дода, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди устувор ва иҷрои уҳдадориҳои иҷтимоӣ тадбирҳои мушаххас меандешад.

Аз ҷониби Ҳукумати мамлакат муқаррар намудани имтиёзу сабукиҳо барои соҳибкорони истеҳсолии ватанӣ ва роҳандозии тадбирҳои дигари муассир соҳаи саноат назар ба солҳои пешин рушд ёфта, бо назардошти аҳаммияти бузург доштани он солҳои 2022-2026-ро “Солҳои рушди саноат” эълон гардид. Барои амалисозии ин иқдом дар кишвар беш аз 1200 коргоҳу корхонаи нави истеҳсолӣ бо 11 ҳазор ҷойи корӣ таъсис дода шуд.

Бо вуҷуди ин, дар равандҳои саноатикунонии босуръати кишвар масъалаҳое вуҷуд доранд, ки то ҳол ҳалли худро комилан наёфтаанд. Онҳо сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулот ва гуногунсамтии он, норасоии маблағҳо ба соҳаи саноати хӯрокворӣ, нарасидани кадрҳои баландихтисос, техника ва технологияҳои инноватсионӣ, хизматрасонии нокифоя, надоштани мавқеи устувор дар бозори ҷаҳонӣ ва ғайра мебошанд.

Аз ин рӯ, таъсиси корхонаҳои нав, ворид намудан ва истифодаи васеи техника ва технологияҳои муосири инноватсионӣ, баланд бардоштани маърифати техникӣ-молиявӣ ва рақобатнокӣ дар бозор, қобилияти идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон яке аз омилҳои асосии ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувори инноватсионии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки гузариш ба рушди устувори инноватсионӣ барои кишвари мо мушкилӣ эҷод мекунад. Бинобар бо тақозои замон Тоҷикистонро зарур аст, ки барои дар сатҳи зарурӣ расидан ба ҳадафҳои рушди устувори инноватсионии саноатӣ ба се сатҳи рушдёбӣ, -макро, мезо ва микро диққати аввал дараҷа диҳад.

Ба андешаи мо, рушди устувори инноватсионии саноат ва инфрасохторҳои он дар кишвар ба се сатҳи муҳим вобаста аст:

- якум, ***дар сатҳи макро,*** ки бояд аз ҷониби давлат ва соҳибкорони ватанӣ дар соҳаи рушди саноаткунонии миллӣ дар минтақаҳои кишвар марказҳои илмӣ, паркҳои илмӣ-техникӣ, марказҳои рушди истеъдод, марказҳои илмӣ-саноатӣ ва бизнесинкубаторҳо ташкил ва манбаъҳои маблағгузории онҳо аз ҷониби давлат ё субъектони иқтисодӣ муайян карда шаванд. Дар онҳо самтҳои дохилии рушди устувори инноватсионии саноати минтақавӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил бояд қарор гиранд;

- дуюм, ***дар сатҳи мезо,*** тавассути рушди соҳибкории дохилӣ барои рушди устувори инфрасохтори инноватсионии саноатикунонӣ дар дохили кишвар, ки ширкатҳои нави дар сатҳи глобалӣ амалкунанда мавқеъ пайдо мекунанд;

- сеюм, ***дар сатҳи микро,*** тавассути дастгирии корхонаҳои хурду миёна марказҳои тиҷоратӣ, бизнес-инкубаторҳо барои рушди инфрасохтори инноватсионии саноат ва ғайра ташкил карда мешаванд;

Дар ин баробар, корхонаҳои саноатӣ низ потсенсиали афзоиш ва рушди минбаъдаро бояд дар фаъолияти худ фароҳам оранд. Зеро нақши онҳо дар рушди устувори инноватсионии мамлакат бузург аст. Корхонаҳои саноатӣ имкони ба ҳадафҳои рушди устувори инноватсиониро дар самтҳои гуногун пайдо мекунанд, чуночӣ:

- **рушди экстенсивӣ,** тавассути афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти инноватсионӣ;

- **рушди интенсивӣ,** бо истифодаи комёбиҳои илму техника барои такмил додани технологияҳои истеҳсоли молҳо, ки он имкони беҳтар кардани мол, сифати молро медиҳад.

- **рушди инноватсионӣ,** пайваста нав кардани навъҳои маҳсулот ва техникаю технологияҳои истеҳсолӣ бо роҳи такмили низоми идоракунии истеҳсолот ва механизмҳои рушди истеҳсолот.

Рушди устувор дар иқтисодиёт, ба андешаи мо, ин маҷмуи тадбирҳоест, ки ба қонеъ гардонидани талаботи инсон бо ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ ва ниёзҳои худи корхона бидуни расонидани осеб мусоидат мекунад. Ҳадафҳои рушди устувор ин бартараф намудани костагариҳои иқтисодӣ, беҳтар кардани некуаҳволӣ, ҳифзи сиёсати иқтисодию иҷтимоӣ ва таъмини амнияти иттилоотию иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар кишвар мебошад.

Ҳадафҳои рушди устувори инноватсионӣ бошад, ин беҳтарнамоии фазои инноватсионӣ, некуаҳволӣ, ҳифзи манфиатҳои иқтисодию иҷтимоӣ, дигаргунсозии равандҳои иқтисодиёт ва баланд бардоштани нақши иқтисодии инноватсионӣ дар кишвар мебошад. Самтҳои дигари асосии ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувор ва иқтисоди ба модели инноватсиони рушди иҷтимоӣ нигаронидашуда мебошад.

Бо назардошти тағйироти куллии иқтисоди ҷаҳонӣ корхонаҳои саноатии кишвар ба рушди устувори инноватсионӣ диққати махсус зоҳир намуда, барои амалӣ гардонидани стратегияи тараққиёти корхона ва натиҷаҳои дилхоҳ ба дастовардан кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Айни замон, корхонаҳои саноатии ватанӣ дар шароити зуҳуроти манфии ҳам хусусияти объективӣ ва ҳам субъективӣ қарор гирифта, ба натиҷаҳои рушди устувори инноватсионӣ дар сатҳи зарурӣ комёб нашудаанд. Барои комёб шудан ба рушди устувори инноватсионӣ ҷорӣ намудани равандҳои нави инноватсионӣ, механизм ва дигар усулҳои нави идоракунӣ ба мақсад мувофиқ аст.

Марҳилаи кунунии рушди муносибатҳои иқтисодӣ идоракунии равандҳои инноватсиониро талаб карда, ба мақсади таъмин ва идоракунии самаранок, рушди мавқеи ширкат ва татбиқи навигариҳои илмӣ дар амалия равона

мегардад. Пас, идоракунии инноватсионӣ ин идоракунии самаранок, ҳавасмандгардонии равандҳои инноватсионӣ дар сатҳи микро ва макро ба мақсади таъмин ва рушди босуботи иқтисоди миллӣ, рақобатпазирии истеҳсолӣ ва рушди мавқеи ширкат дар бозор мебошад.

Идоракунии инноватсия раванди фаъолиятест, ки дар он ҳама ғояҳо ва навовариҳои муфид муайян гардида, сипас татбиқи онҳо дар тиҷорат барои рақобатпазирии истеҳсолот, рушди иқтисодиёт, ташкил ва назорати сифати маҳсулот анҷом мепазирад.

Бояд гуфт, ки мақсади асосии идоракунии инноватсионӣ таъмини сифати маҳсулот, кору хизматрасонӣ, афзоиши истеҳсолот, коҳишёбии хароҷот, ташкили фазои мусоид ва ғайра мебошад. Сиёсати идоракунии инноватсионӣ аз он иборат аст, ки дар раванди гуногуншаклии моликият дар иқтисоди миллӣ манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба назар гирифта мешаванд. Таъмини хуби идоракунии инноватсионӣ мавқеи корхонаҳои саноатиро дар бозори дохилӣ ва берунӣ баланд бардошта, рушди устувории инноватсионии минбаъдаи онро таъмин месозад.

Андешаи олимон вобаста ба рушди устувори минбаъдаи кишвар дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ бамаврид буда, онҳо саноатикунонӣ ва инноватсияро ҳамчун омили асосии рушди иқтисод, идоракунии низоми ҳозираи истеҳсолот, натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ, пешбурди сиёсати иқтисодии давлат ва рушди минбаъдаи инноватсионии кишвар меҳисобанд. Чуноне ки таъкид шудааст: “...мо инкишофи устувори минбаъдаи кишварро дар шакли индустриалӣ ва инноватсионӣ пешбинӣ намуда, барои баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираву имкониятҳо дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ талош менамоем ва ҷиҳати роҳ надодан ба осебпазирии иқтисоди миллии мамлакат дар давраи дарозмуҳлат тадбирҳои алоҳида андешида мешавад”[11].

[11]Низомова, Т.Д. Иқтисодиёти саноат . Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои таҳсилоти олии низоми кредитӣ. Душанбе, 2020. – С. 8.

Қобили қайд аст, ки барои дар сатҳи зурурӣ ҷорӣ намудани инноватсия ва гузариш ба модели нави инноватсионӣ дар замони муосир, хусусан ворид намудани техника ва технологияҳои инноватсионӣ аз давлатҳои пешсаф барои истеҳсоли маҳсулоти бо сифати хӯрокворӣ ҳама гуна имкониятҳо мавҷуданд. Вале ҳанӯз ҳам дар самти таъмини технологияҳои замонавӣ, истифодаи дурусти он ва истеҳсоли молу маҳсулоти рақобатпазир камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд. Тавре ки ишора шудааст: "Бинобар ақибмонии техника ва технология аксарияти корхонаҳои ватанӣ наметавонанд маҳсулоти рақобатпазирро ба стандартҳои байналмилалии сифат истеҳсол кунанд"[12].

Яке аз масъалаҳои мубрами ҷаҳонӣ дар иқтисодиёти миллӣ ин дарёфти сарчашмаҳои нави рушди иқтисод, ҳифзи манфиатҳои он ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ мебошад, ки бо ҷорӣ намудани равандҳои нави иқтисодӣ ҳалли худро меёбад. Аз ин рӯ, равандҳои нави иқтисодӣ моро водор месозад, ки оид ба масъалаи сарчашмаҳои нави рушди иқтисод, ҳифзи манфиатҳои иқтисодӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ, истифодаи самараноки имконияту захираҳои мавҷуда, баланд бардоштани қобилияти рақобатпазирии истеҳсолоти ватанӣ ва идоракунии технологияҳои иттилоотӣ кӯшиш намоем.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон низ ишора намуданд: "...дар шароити зудтағйирёбанда ва вазъи шиддатноки ҷаҳони муосир мо бояд, қабл аз ҳама, ба иқтидору имкониятҳои дохилии кишвар такя карда, барои рушди устувори иқтисодӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва ҳимояи саломатии шаҳрвандон боз ҳам бештар талош намоем"[13].

Дар шароити кунунӣ, вазъи имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва тамоюлҳои муносибатҳои байналмилалӣ ҳимояи манфиатҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба иқтисоди муосир муҳим арзёбӣ мегардад.

---

[12]Мирзоева, Е.Ш. Модель инновационного развития предприятий легкой промышленности Республики Таджикистан // Финансово –Экономический Вестник №2 (22) 2020. - С. 94-102.
[13]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ".– 26.01.2021с.–[Захираи электронӣ].–Ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи мурочиат: 06.08.2021с.).

Пас зарур аст, ки ба рушди инноватсионии корхонаҳо диққати аввал дараҷа дода, ҷиҳати ноил гардӣ ба ҳадафҳои гузошташудаи стратегияи миллии рушди давлат дар корхонаҳои саноатӣ шароиту имкониятҳои мусоидро фароҳам созем.

Аз ин рӯ, таъсиси корхонаҳои нав, ворид намудан ва истифодаи васеи техника ва технологияҳои муосири инноватсионӣ, баланд бардоштани маърифати техникӣ-молиявӣ ва рақобатнокӣ дар бозор, қобилияти идоракунии рушди устувори инноватсионӣ, омодасозии кадрҳои ҷавобгӯ ба талаботи замон яке аз омилҳои асосии ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувори инноватсионии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Бояд гуфт, ки рушди инноватсионии корхона ин раванди инкишофи фаъолияти босамару мақсадноки пайваста истеҳсол намудани маҳсулоти инноватсионӣ ё истеҳсоли маҳсулоти пешина бо усулҳои инноватсионӣ, гузариш ба модели нави идоракунӣ, таъмини мувозинати молиявӣ  ва такмили низоми ташкилию функсионалии корхона мебошад.

Барои ноил шудан ба чунин мақсадҳои асосӣ бояд ба рушди сармояи инсонӣ, ки омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳо, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, техника ва технологияҳои муосир ба ҳисоб меравад, диққати махсус зоҳир намуд. Зеро сармояи инсонӣ барои давлату ҳукумат ва рушди босуботи соҳаҳои снаоат, таъсиси марказҳои муосири илмӣ, озмоишгоҳҳо ва истеҳолот аҳаммияти бузург дорад.

Феълан дар ҷумҳурӣ дар рушди истеҳсоли саноатӣ бахшҳои маъдан, энергетика, ангишт ва хӯрокворӣ бештар саҳмгузоранд. Соҳаи саноати хӯрокворӣ дар кишвар назар ба солҳои пеш мунтазам рушд карда, бо дастгирии ҳукумат ва ҷалби соҳибкорони ватанӣ соҳаи мазкур инкишоф меёбад.

Барои рушди истеҳсоли молу маҳсулоти ватанӣ маҳз соҳибкорон бо ҷорӣ намудани инноватсия, алалхусус ворид ва истифодаи технологияҳои муосир, ҷалби мутахассисон ба кор ва идораи истеҳсолот метавонанд дар рушди босуботи иқтисоди миллӣ саҳм гузор гузоранд.

Таъсири инноватсия дар соҳаи саноати хӯрокворӣ фаъолиятро осону босамар, истеҳсолотро афзоиш, хароҷотро коҳиш, сарчашмаҳои нави истеҳсолотро пайдо ва ҳаҷми хизматрасониро дар корхона зиёд менамояд, ки мо онро дар чунин шакл тавсир намудем.




**Расми 1.1.** Таъсири инноватсия дар соҳаи саноати хӯрокворӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти истифодашуда

Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи гузариш ба иқтисоди инноватсиониро пеш гирифта, кӯшиш менамояд, ки ба фаъолияти инноватсионии корхонаю ташкилотҳо шароити мусоидро фароҳам орад. Вале барои амалисозии он як қатор мушкилӣ монеа мешаванд.

Аз ин рӯ, бояд бештар ба ҷанбаҳои сифатии рушди иқтисоди инноватсионӣ, рушди саноати инноватсионӣ, рушди устувор ва тақвияти неруи инсонӣ, бо истифода аз технологияҳои муосир ва ҷорӣ намудани инноватсия дар иқтисодиёти миллӣ, вусъат додани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ, баланд бардоштани маърифати иқтисодии аҳолӣ, такмили низоми дастгирии соҳибкориву сармоягузорӣ ва гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад.

Ба андешаи олимон соҳаи иқтисодиёт, дар самти рушди инноватсионӣ ва истеҳсолу пешниҳоди маҳсулоти ивазкунандаи воридот ба бозори дохилӣ ва хориҷӣ, рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ устувор гардонидани ҳамкориҳои дохилӣ, соҳавӣ, байнисоҳавию байниминтақавӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Аммо то ҳол низоми ҳамкориҳои мустаҳками байнисоҳавию байниминтақавӣ дар кишвар дуруст ба роҳ монда нашуда, пойгоҳҳои моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ суст ва корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар сатҳи зарурӣ фаъолият намебаранд.

Дар асоси омӯзишу таҳлилҳо барои ноил гаштани корхонаҳои саноатӣ ба рушди устувори саноати инноватсионӣ мо унсурҳои асосии устувори инноватсиониро дар расми 1.2. пешниҳод намудем.




**Расми 1.2.** Унсурҳои асосии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳавӣ

Дар чунин шакл бароҳмонии унсурҳои фаъолият ва марҳила ба марҳила тавҷдиди усулҳои зикршуда ба корхонаҳои саноатӣ имконият медиҳад, ки ба рушди устувори инноватсионӣ ноил гарданд. Корхонаҳои саноатӣ бо фаъолгардонии рушди инноватсионӣметавонанд дар рушди стратегии инноватсионии кишвар саҳм гузоранд.

Ҳамин тарик, таъмини рушди устувори инноватсионии корхонаҳо ба фаъолияти онҳо вобаста буда, бо роҳи такмилдиҳии равандҳои фаъолият, ҷустуҷӯи имкониятҳои фаъолсозии тиҷоратӣ, эҷоди платформаҳои рақамӣ ва инфрасохтори самарабахши низоми инноватсионӣ метавонанд ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва болоравии сатҳи соҳаи ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ таъсир расонанд.

Мусаллам аст, ки дар рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ тақвияти фаъолияти босамари онҳо давлат ва соҳибкорон нақши асосӣ доранд. Давлат оид ба рушди фаъолияти инноватсионӣ қонун, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои инноватсиониро таҳия ва қабул менамояд, соҳибкор бошад, дар асоси онҳо фаъолияти худро пеш мебарад. Соҳибкор дар раванди инноватсионии иқтисодиёт нақши калидӣ бозида, ташаккулёбии бозор, қонеъгардонии талаботи шахс, ҷорӣ намудани технологияҳои замонавӣ ва ғайра ба ӯ иртиботи сахт дорад.

## Хулосаҳои зербоб

Мақсади таҳқиқоти мо такмили самтҳои асосии идоракунии рушди инноватсионии саноати хӯрокворӣ, арзёбии масъалаи назариявии идораи инноватсияи саноатӣ буда, назарияи олимони соҳа мавриди омӯзиш қарор дода шуда, он дар сатҳи лозима асоснок гардидааст.

Вобаста ба ин, дар натиҷаи омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ муайян карда шуд, ки яке аз масъалаҳои ташаккули рушди устувори инноватсионии саноат дар сатҳи ҷомеа ин такмили идоракунии рушди инноватсионӣ, методология ва принсипҳои идоракунии рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ ва асосҳои институтсионалии таъмини устувори инноватсиони саноат ба ҳисоб меравад.

Сохтори таркибии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва ба кадом равандҳои истеҳсолот равона гардидани он низ калиди муваффақияти корхона шуда метавонад, ки онро мо ба таври назариявӣ мавриди баррасӣ қарор додем. Аз ин рӯ, аз нуқтаи назари мо вобаста ба пажуҳишҳои анҷомгардида масъалаҳои зерин таҳқиқи худро ёфтаанд:

1. Мафҳум ва моҳияти инноватсия дар иқтисодиёт маънои васеъро доро буда, он ҳамчун омили пешравиҳои иқтисодиёт барои беҳтар намудани вазъи соҳа, ташаккул, рушди устувор ва пешрафти соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ҷорӣ карда мешавад.

2. Дар робита ба назарияи олимони ватанӣ, мо афкори иқтисодии инноватсионии олимони тоҷикро ба мактабҳо ҷудо намудем, ки он дар ҷадвали

1.1. пешниҳод шудааст. Андешаи намояндагони мактабҳои мазкур дар ташаккули назарияи инноватсионии саноатӣ назаррас мебошад.

3. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки донишҳои интеллектуалӣ, илмӣ ва ғояҳои нав ба суръати рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва ташаккули назарияи инноватсионии саноатӣ таъсири мусбат расонад.

4. Дар асоси омӯзиши таҷриба ва таҳқиқоти илмӣ ҷорӣ намудани инноватсияро дар соҳаи саноати хӯроковрӣ дар расми 1.1. нишон додем, ки таъсири он ба таъмини рушди соҳаи хӯрокворӣ оварда мерасонад;

5. Барои ноил гардидани корхонаҳои саноатӣ ба рушди устувори инноватсионӣ дар асоси омӯзишу таҳлилҳо унсурҳои асосии устувори фаъолият дар корхонаҳои саноатиро дар расми 1.2. пешниҳод намудем.

## 1.2. Методология ва принсипҳои идоракунии рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир

Дар шароити муосир заминаи гузариши иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди устувори инноватсионии саноат ба роҳ мондани низоми идоракунии самаранокии инноватсионии миллӣ мебошад. Ба мавқеи устувор ва мустақили мамлакат на танҳо бойигариҳои табиӣ, ҳаҷми калони истеҳсолот ё кору хизматрасониҳо, ҳамчунин, дараҷаи баланди идоракунии самаранокии инноватсионӣ таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, инноватсия василаи рақобатпазирӣ, афзоиш ва кору хизматрасонии нав, усулҳои идоракунӣ ва ниҳоят, диверсификатсияи иқтисодиёт мебошад.

Гузариши пурраи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисоди инноватсионӣ танҳо дар сурате амалӣ мегардад, ки мушкилоти иқтисодӣ мунтазам тавассути низоми муайяни даровардани унсурҳои функсионалӣ ва пайвастагии онҳо ҳал карда шавад. Тавре ки Самадов Р.И. дар мавриди гузариши Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти инноватсионӣ чунин меандешад: "...барои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъол гардонидани чараёни гузаштан ба иқтисодиёти инноватсионӣ, ташаккули низоми миллии инноватсионӣ ва идоракунии равандҳои ташаккули потенсиали инноватсионӣ ниҳоят муҳим аст"[14].

[14]Самадов, Р.И. Управление процессами формирования инновационного потенциала национальной экономики / Автореф.дисс. на соис. уч.степ. к.э.н. Душанбе-2018. – С.27.

Албатта, бо назардошти омӯзиши таҷрибаҳои ҷаҳонӣ ва рушди низоми инноватсионии миллӣ кишвари мо метавонад тавассути иқтидори илмӣ ба иқтисоди инноватсионӣ гузарад. Дар баробари гузаштан ба ин самт идоракунии низоми миллии инноватсионӣ ба вуҷуд омада, равандҳои инноватсионии миллӣ ташаккул меёбанд. Маҳз инноватсия дар соҳаи саноати хӯрокворӣ рақобатро дар бозори дохилӣ ва ҷаҳонӣ босуръат афзоиш медиҳад.

Бояд гуфт, ки муносибатҳои байни инноватсия ва рақобатпазирӣ дар се сатҳ зоҳир мегардад:

- **макроиқтисодӣ** (таносуби сиёсати инноватсионии давлатӣ ва рақобатпазирии байналмилалии рақобатпазирии маҳсулоти саноатӣ аз самаранокии ҷузъи инноватсионии сиёсати миллии инноватсионӣ);
- **мезоиқтисодӣ** (вобастагии рақобатпазирии маҳсулоти хӯрокворӣ аз самаранокии ҷузъи инноватсионии сиёсати миллии инноватсионӣ);
- **микроиқтисодӣ** (баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар асоси татбиқи инноватсияҳо).

Қобили қайд аст, ки сатҳи нокифояи илмии таҳқиқотҳои назариявию методологии инноватсияҳо дар соҳаи саноати хӯрокворӣ ва ниҳоят, гуногун будани равишҳои методологӣ масъалаи рушди инноватсиониро дар ин соҳа ба миён меорад. Ба ин мақсад олимону муҳаққиқон Й. Шумпетер, П.Д. Друкер, М. Портер, Д. Бухалис, М. Форест, А.М., Хялагер ва М. Оттенбахер, С.Ҷ., Комилов, М.Қ. Файзулло, З.С. Султонов, Г.Ш. Алиева, Шодибеки С., С.К. Сатторов, Ҷ.Р. Раҳмонов, Н. Носирӣ, Е.Ш. Мирзоева ва дигарон вобаста ба рушди инноватсионӣ ва татбиқи он дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ анҷом доданд. Бо вуҷуди ин, проблемаҳо дар ин самт ҷой доранд.

Омӯзиши рушди устувори инноватсионӣ ва татбиқи он дар раванди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ яке аз масъалаҳои муҳимми таҳқиқоти илмӣ дар кишвар ба ҳисоб меравад. Зимни омӯзиши инноватсияҳо дар саноати хӯрокворӣ ва тамоми унсурҳои комплекси саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд технологияҳои иттилоотӣ ба назар гирифта шавад.

Инноватсияҳои саноати хӯрокворӣ аз потенсиали заминаҳо ва платформаҳои гуногуни онлайнӣ истифода мебаранд, механизми пешниҳодҳои молҳои босифат, бизнесинкубаторҳо ва дигар навгониҳоро дастрас месозад. Сатҳи баланди иттилоотикунонии соҳаи саноати хӯрокворӣ дар кишвар аз иқтидори инноватсионии рушдёфтаи ин соҳа шаҳодат медиҳад. Инноватсия шарти зарурии рақобатпазирии на танҳо корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, балки дигар соҳаҳои саноат низ мебошад.

Сарфи назар аз таваҷҷуҳ ба ин самт ва таҳқиқоти сершумори масъалаҳои назариявӣ ва методологии ташаккули низоми инноватсионии миллӣ, илми иқтисодиёт ҳамаҷониба барои муайян кардани моҳияти низоми идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва баланд бардоштани самаранокии идоракунии ин соҳаи афзалиятноки иқтисодӣ ба мушкилиҳои нав рӯ ба рӯ мешавад.

Бояд гуфт, ки механизми иқтисодии идоракунии равандҳои инноватсионӣ низоми муносибатҳои иқтисодии субъектҳои бозори инноватсиониро дар бар гирифта, он дар асоси омӯзиши равишҳо, усулҳо, меъёрҳои ҳуқуқии илмӣ ва ҳавасмандгардонию идоракунии самаранокӣ пайваста истифода мешавад.

Ҳавасмандгардонии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва масъалаҳои ба низом даровардани фаъолияти инноватсионӣ яке аз масъалаҳои муҳимми ин самт ба ҳисоб рафта, дар асоси омӯзиши равишҳо ва таҳқиқотҳои илмӣ метавонад рушди низоми инноватсионии миллӣ такмил ёбад.

Муносибатҳои иқтисодии муосир проблемаи омӯзиши методологии идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, бахусус соҳаи саноатро дар миён мегузорад.

Ба андешаи мо асоси татбиқи инноватсия дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ на беҳтар кардани вазъи молиявии корхона, балки бевосита баланд бардоштани сифати маҳсулоти хӯрокворӣ, омӯзиши методологияи идоракунӣ ва ба субъектҳои равандҳои инноватсионӣ дохил кардани худи харидорон, ки афзалиятҳо ва хоҳишҳои худро изҳор мекунанд ва ба ин васила ба истеҳсолкунандагон самтҳои кори минбаъдаро нишон додан мақсаднок аст.

Корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ бояд таҳияи равишҳои гуногуни методологии идоракунии рушди инноватсиониро бо муқаррароти методологӣ ба роҳ монда, дар ин асоси фаъолияти худро ҷоннок намоянд.

Дар асоси таҳлили натиҷаҳои таҳқиқотҳо оид ба идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, минҷумла соҳаҳои саноати хӯрокворӣ равишҳои гуногуни методологӣ мавҷуданд, ки мо дар ҷалвали зер хусусиятҳои хоси онҳоро нишон медиҳем.

**Ҷадвали 1.2. Равишҳои гуногуни методологии идоракунии рушди инноватсионии саноати хӯрокворӣ**

| Муносибати соҳаҳо (Саноати хӯрокворӣ) | Муқаррароти методологии муносибат |
|---|---|
| Марказонидашуда | Объекти рушди инноватсионӣ системаи ҷиддии мутамаркази саноат мебошад. Идоракунӣ ба воситаи вазорату идораҳои дахлдори соҳавӣ, мақомоти соҳавӣ ва сохторе, ки ба таҳқиқотҳои илмӣ ва лоиҳакашӣ машғуланд.<br>Мақсади марказонидан ин муваффақ шудан ба нақшаи иҷрои давлат мебошад. |
| Функсионалӣ | Объекти рушди инноватсиони саноати хӯрокворӣ шаклҳои алоҳидаи инноватсияҳо мебошад, ки бевосита ба вазифаҳои маркетингӣ, идоракунӣ, технологӣ ва ташкилию хизматрасонӣ алоқамананданд. |
| Ҷараёндор | Объекти рушди инноватсионии саноати хӯрокворӣ ҳамчун равандҳои алоҳидаи бизнес (асосӣ, ёрирасон ва тарафдорон). |
| Муқаррарӣ | Объекти рушди инноватсионии соҳаҳои мониторинг ва ташхиси омилҳои душвавӣ аз роҳҳои рушди инноватсионӣ, яъне хусусиятҳои наи идоракунӣ, ки бо нуктаи назарҳо асоснокаанд. |
| Суръатёбанда | Объекти рушди инноватсионии соҳаҳо робитаҳои зич дар асоси таҳлили ретроспективии (фаъолияти касбӣ) рушди инноватсионии соҳаҳо пешгӯӣ карда мешавад. |
| Лоиҳавӣ | Роҳи рушди инноватсионии саноати хӯрокворӣ бо омори дақиқ марҳила ба марҳила пешниҳод карда мешавад. Нановарӣ пай дар пай дар ҳадафҳо ва робита бо равиши лоиҳа пешниҳод мегардад. Объекти рушди инноватсионии соҳаҳо лоиҳаҳои инноватсионӣ мебошанд, ки роҳҳои ҳалро дар он нишон додан мумкин аст. Механизми идоракунии инноватсияро раванди дигаргунсозии мақсаднок ифода мекунад. Татбиқи лоиҳаҳо барои самаранокии идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ёрӣ мерасонад. |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳавӣ

Равишҳои гуногуни методологии идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳо, ки муқаррароти методологии он шарҳ дода шуд, барои пешбурд ва рушди идоракунии инноватсионии соҳаи саноати хӯрокворӣ дар шароити имрӯза тавсия дода мешавад. Ба воситаи он корхонаҳои саноатии хӯрокворӣ метавонанд ба рушд  ва тағйироти равандҳои истеҳсолот ва консепсияи истеҳсолот замина гузоранд.

Масъалаи рушди инноватсионии низоми иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар сатҳи байналмилалӣ имкон медиҳад, ки ба омӯзиши назария ва методологияи

идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳо таваҷҷуҳи бештаре зоҳир намоем. Айни замон як қатор ҷанбаҳои методологии идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳо ҳанӯз омӯхта нашудаанд. Масъалаи мазкур моро водор менамояд, ки муқаррароти методологии муносибати соҳаҳои саноати хӯроквориро аз рӯйи таҷрибаҳо ва таҳқиқотҳо, ки аз марказонидашуда, функсионалӣ, ҷараёндор, муқаррарӣ, суръатёбанда ва лоиҳавӣ иборат аст, мавриди омӯзиш қарор диҳем. Албатта, ҳар як муқаррароти методологии соҳавӣ вобаста ба хусусияти соҳаҳо тасниф карда мешавад, ки дар он инноватсия нақши калидӣ мебозад.

Бояд гуфт, ки масъалаи рушди инноватсионӣ имрӯз яке аз масъалаҳои маркази иқтисодиёти муосир маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, дар шароити номуайяни иқтисодӣ баланд бардоштани сифати идоракунии рушди устувори инноватсионии иқтисодиёт аз муқаррароти методологии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт вобаста аст.

Омӯзиш ва таҳлили низоми идоракунии рушди устувори инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ ва пешниҳодҳои муфид ҳамчун воситаи асосии методологӣ на танҳо ба ташкилоту корхонаҳо ва кору хизматрасониҳо, балки ба муҳити инноватсионии онҳо низ таъсири мусбат мерасонад. Аз нигоҳи Султонов З.С.: “...муҳити инноватсионӣ ва инфрасохтори инноватсонӣ ҳамчун пайвасткунандаи робитаи байни илму техника, низоми таълим, истеҳсолот, истеҳсоли баландтехнологӣ ва ба бозор фиристодани он амал мекунад”[15].

Тавре ки таҷрибаҳои хориҷӣ ва ватанӣ нишон медиҳанд, роҳҳои оқилонаи таъмини идоракунии соҳаҳо, баланд бардоштани рақобатпазирии онҳо ва мутобиқ намудани фаъолияти онҳо ба талаботи бозор тавассути механизмҳои сиёсати давлатӣ сурат мегирад. Яъне, танҳо давлат қодир аст, ки ташаккули сиёсати устувории рушди идоракунии соҳаҳоро ба воситаи санаду меъёрҳои қонунгузорӣ ва таҷрибаҳои ҷаҳонӣ таъмин намояд.

Ҳамин тариқ, таҳлили асосҳои назариявии рушди инноватсионӣ нишон медиҳад, ки дар шароити муосир барои идоракунии устувории инноватсионии

[15]Султонов, З. С., Окилов И.С. Формирование институционально-инновационной среды управления человеческим капиталом // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2019. – № 1(65). – С. 22-29.

корхонаҳои саноатӣ ва самаранокии иқтидори захиравии инноватсия рушди сармоягузорӣ асоси такмилдиҳӣ ба ҳисоб меравад.

Ба андешаи мо, методологияи идоракунии таҳқиқи рушди инноватсионии иқтисоди миллиро ба принсипҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст.

**Ҷадвали 1.3. Принсипҳои идоракунии рушди инноватсионии соҳаи саноати хӯрокворӣ**

| Принсипҳо | Мазмуни мухтасари принсипҳо |
|---|---|
| **Принсипи назоратӣ-идоракунӣ** | Идоракунӣ қоидаҳои асосие мебошад, ки қонунҳои объективии иқтисодиро дар бар гирифта, раванди идоракунии объектҳо ва одамонро мушаххас менамояд. |
| **Принсипи самаранокӣ** | Принсипи ҷудонашавандаи равандҳои иқтисодӣ буда, дар он бештар ба самаранок истифода бурдани захираҳо, кам кардани хароҷотҳо, ҳосилнокии меҳнат, таносуби натиҷаи дилхоҳ, оқилона истифода бурдани техникаву технологияҳо равона карда мешавад.<br>Ин принсип яке аз принсипҳои асосии идоракунӣ низ ба шумор меравад. |
| **Принсипи ҳаракаткунанда** | Принсипи мазкур ҳаракати такрористеҳсолӣ, ҳаракати объекти доимӣ, ва муайянкунии доимо амалкунандаи соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиро дар шароити рушди босуръати иқтисодӣ меомӯзад. Принсипи ҳаракаткунанда бо мурури замон тағйир ёфта, ҳамеша навгониҳои муосирро талаб мекунад. Ин қисми ҷудонашавандаи идоракунии равандҳои инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. |
| **Принсипи ҳамгироӣ** | Бо ин принсип ҳамгироии илм бо амалия бештар дар корхонаю марказҳои хизматрасонӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳуҷҷатҳои коркардшуда (корҳои таҳқиқотӣ) ба система ворид ва навгониҳои илм дар амалия татбиқ карда мешаванд. |
| **Принсипи бехатарии экологӣ** | Ин принсип ҳамчун амнияти экологӣ барои мувозинати экологиро дар муҳити зист таъмин намудан асос ёфтааст.<br>Принсипи мазкур категорияи иҷтимоиест, ки ба ҷомеаи инсонӣ хос буда, дар доираи муносибатҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбад.<br>Ин принсип ба қонуниятҳои экологӣ мутобиқ буда, ҳамчун шарти идоракунии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ баромад мекунад; дар раванди идоракунии соҳаҳо шаклҳои нави амнияти экологиро эҷод менамоянд. |
| **Принсипи худрушддиҳанда** | Принсипи худрушддиҳанда дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаҳо бо роҳи мустақилона дар раванди идоракунии соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ иштирок менамояд.<br>Принсипи мазкур ба ҳамкории фаъоли ниёзҳои иҷтимоӣ ва механизмҳои дигаргунсозии инноватсионӣ асос ёфта, ҳамеша ба истеҳсоли прогрессивӣ ва кору хизматрасониҳои нав татбиқ мегардад. |
| **Принсипи гуногуншаклӣ** | Принсипи гуногуншаклӣ дар иқтисодиёт бо равандҳои таҳия, тиҷоратӣ ва истеъмоли маҳсулот, молҳо, кору хизматрасониҳо вобаста буда, ҳаракати гуногуни онҳоро меомӯзад ва вазъи идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиро дигаргун месозад. |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти соҳавӣ

Бояд тахмин кард, ки принсипҳои идоракунии рушди инноватсионии пешниҳодшуда метавонанд ба рушди фаъолияти инноватсия ва рушди устувори

идоракунии соҳаи саноати хӯрокворӣ мусоидат карда, дар татбиқи стратегияи рушди инноватсионӣ самараи иқтисодиро ба ҳадди баланд расонад.

Маҷмуи принсипҳои зикргардида мунтазам равандҳои рушди инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиро таъмин намуда, имкон медиҳад, ки тағйирот дар бахши истеҳсолот, бахши давлатӣ муайян карда шавад.

Омӯзиши тамоюлҳои рушди фаъолияти инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ асоснок кардани методологияи идоракунии рушди инноватсионии системаҳои иқтисодиро талаб мекунад. Вобаста ба ин, мо як қатор принсипҳоро пешниҳод менамоем, ки ба идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таъсири мусбат мерасонад:

- принсипҳои методологии ташаккул ва идоракунии рушди муҳити инноватсионӣ дар низоми соҳаи саноати хӯрокворӣ риоя карда шаванд;
- робитаи мутақобилаи сатҳҳои идоракунӣ дар низоми соҳаи хӯрокворӣ ба роҳ монда шавад;
- модел ва меъёрҳои арзёбии ҳолати муҳити инноватсионӣ дар соҳаи саноати хӯрокворӣ ба роҳ монда шаванд.

Моделсозии рушди инноватсионӣ дар доираи методологияи идоракунии самараноки равандҳои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ имкон медиҳад, ки мақсад ва вазифаҳои рушди инноватсионии субъектони бахши воқеии иқтисодиёт ҷудо карда шавад.

Ҳадафи умумии методологии идоракунии рушди инноватсионии иқтисоди миллӣ таъмини рақобатпазирии субъектони хоҷагидор, аз ҷумла соҳаи саноати хӯроквориро дар як марҳилаи давраи ҳаёт тавассути тиҷоратикунонии коркардҳо ва эҷоди заминаи технологӣ дар бар мегирад. Бинобар ин, ба андешаи мо, вазифаи идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир инҳо шуда метавонанд:

- муайян кардани унсурҳои нави равандҳои инноватсионии иқтисодиёти миллӣ;

- татбиқи усулҳои нави идоракунии муосир дар ҷараёни фаъолияти инноватсионии соҳаҳои хӯрокворӣ;

- ташаккули механизмҳои рушди утстувори инноватсионӣ;

- ташаккули инфрасохтори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ;

- арзёбии вазъи муҳити инноватсионӣ, робитаи он бо унсурҳои ҳамгироӣ, муайян кардани мушкилоти ҷойдошта дар рушди он;

- ҳавасмандгардонии иқтисодии инноватсионӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ;

- натиҷагирӣ аз раванди идоракунии фаъолияти инноватсионии соҳаҳои саноати хӯрокворӣ.

Добринина А.И. ва Е.С. Ивлевой низ дар ин самт кор бурда, қайд мекунанд, ки асоси методологии пешрафти нишондиҳандаҳои потенсиалии инноватсиониро чунин назарияҳо ташкил медиҳанд[16]:

а) назарияи системаҳои инноватсионӣ;

б) назарияи таҳлили иҷтимоӣ;

в) назарияи тағйирот бо ёрии индексҳо;

г) назарияи динамикии система.

Албатта, андешаҳои олимони соҳа барои пешрафт ва рушди потенсиали инноватсия ва ташаккули механизмҳои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таъсири мусбат расонида, ҳар як назария системанокии рушди инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиро ифода мекунад. Инчунин, назарияи олимони соҳаи иқтисодиёт ҳамчун мезанизм ва методологияи такмилдиҳии соҳаҳои саноат ва рушди бемайлони инноватсионии он мебошад.

Бо назардошти ин, методологияи низоми инноватсионии рушди идоракунии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ асоснок карда шудааст, аз ҷумла механизмҳои ташкилӣ, таҳия ва татбиқ, маблағгузорӣ, ҳавасмандгардонӣ, интиқоли технологӣ, иттилоотӣ- идоракунӣ ва моликияти зеҳнӣ, ки якҷоя самаранокии стратегияи рушди устувории идоракунии

[16]Добрынина, А. И. Ивлевой, Е. С. Методы и механизмы управления развитием/ Инновационной деятельности: Коллективная монография — СПб.: Издательство Санкт-Петербургского университета управления и экономики, 2015. - С.63.

равандҳои соҳаҳоро ба дигаргуниҳои инноватсионии шароити бозор таъмин месозад.

Методологияи идоракунӣ бисёр ва гуногунҷабҳа аст. Дараҷаи навоварии онҳо бо шароити мушаххасе, ки онҳо аз ҷониби субъект татбиқ карда мешаванд, муайян карда мешавад. Таъсири идоракунӣ ва натиҷаҳои объекти идоракунӣ аз руйи равандҳои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ба вуҷуд омада, ба низом даровардa мешаванд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки методологияи идоракунии рушди инноватсионӣ яке аз нақшаҳои фаъолияти идоракунӣ буда, ба дарки бо ҳам алоқаманди ҳадафҳо, дастурҳо, воситаҳо ва роҳҳои татбиқи онҳо равона карда мешавад. Дар шароити муосир маҳз сатҳи рушди устувори инноватсионии саноат барои таъмини рушди интенсивии иқтисодӣ дар асоси методологияи идоракунии иқтисодиёти "нав" манбаи асосӣ ва ҳалкунанда мебошад.

Иттилооти ҷаҳонӣ ва танзими давлатӣ раванди рушди идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллиро ташкил медиҳанд. Рақобат эҷоди пайвастаи идоракунии инноватсияҳоро, ҳамчун тамоюли муҳимтарини иқтисодиёти "нав", методологияро тағйир медиҳанд, таъмин менамояд. Дар ин ҳолат усулҳои нави идоракунӣ, хусусиятҳои муносибатҳои субъектҳои иқтисодӣ, мақсадҳои истеҳсолӣ, кору хизматрасониҳо ва ҳамзамон, фаъолияти идоракунии рушди корхонаҳои саноатӣ дигаргун мешаванд.

Аз ин рӯ, идоракунии самаранокии рушди инноватсионии системаҳои соҳаҳои саноат таваҷҷуҳи бештарро ба таҳияи заминаи назариявии методологӣ дар асоси консепсияҳо, назарияҳои муосир ва таҷрибаҳои инноватсионии ҷаҳонӣ талаб мекунад.

Бояд гуфт, ки бо назардошти хусусият ва дараҷаи тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ дар ҳар ҳолат идоракунии низоми инноватсионӣ, махсусан, дар мамлакатҳои нави саноатӣ сиёсати ҷории макроиқтисодии давлатӣ, таъминоти меъёрии ҳуқуқӣ, шаклҳои нави танзими мустақим ва ғайримустақими давлатӣ,

вазъи иқтидори илмию техникӣ ва истеҳсолию хизматрасонӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳамин тариқ, заминаи нави назариявӣ ва методологии идоракунии равандҳои соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ ба қонуниятҳои умумии иҷтимоию иқтисодии фаъолият ва рушди системаҳо асос ёфта соҳаҳоро таъмин месозад.

Умуман, системаи механизмҳои рушди устувори инноватсионии иқтисоди миллӣ механизми ба роҳ мондани ҳамгироии илмро бо амалия, механизми самаранокии идоракунии равандҳои инноватсионии иқтисоди миллӣ ва механизми дигаргунсозии инноватсияҳоро дар шароити муосири иқтисодӣ, тақозо дорад.

Илова бар ин, бо назардошти равандҳои инноватсионии муосир, мо бояд ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва воридоти техникаву технологияҳои баландсифатро аз ҷониби соҳибкорон дастгирӣ намоем ва тавассути ҳамкориҳо бо шарикони рушд ба фаъолсозии идоракунии инноватсионӣ таъсири мусбат расонида, таъсиси ҷойҳои кории нав ва ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатноки ватаниро афзоиш диҳем.

Неруи илмӣ-техникӣ ва инноватсионии кишвар бояд барои ҳалли масъалаҳои бахши саноат, хизматрасонӣ ва татбиқи сиёсати инноватсионӣ равона карда шавад. Инноватсия, ки заминагузори рушди иқтисодӣ ва татбиқи равандҳои иқтисодӣ мебошад, ба иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбат расонида, барои расидан ба ҳадафҳои гузошта мусоидат мекунад.

Бояд гуфт, ки маводҳои илмӣ ва методии идоракунӣ, инчунин, ҷанбаҳои назариявии он дар ҳалли мушкилоти марбут ба фаъолияти инноватсионии бахши саноат ёрӣ расонида, рушди самарабахши он ба натиҷаҳои корҳои таҳқиқотии илмӣ асос меёбад. Барои рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз ҷумла корхнаҳои саноатӣ дастгирии онҳоро ба мақсад мувофиқ дониста, шаклҳои асосии дастгириро дар чунин шакл пешниҳод намудем (расми 1.4).

**Ҷадвали 1.4. Шаклҳои асосии дастгирии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Таснифоти шаклҳо | Шарҳи моҳияти шаклҳои дастгирии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
|---|---|
| **Маъмурӣ ва ҳуқуқӣ** | - Қабули санадҳои махсуси ҳуқуқие, ки ҳадафи сиёсати давлатро муайян мекунанд ва тамоми маҷмуи масъалаҳои фаъолияти соҳаҳои саноат ва татбиқи механизми онҳоро ба танзим медароранд;<br>- Таъсиси низоми мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои махсусгардонидашудаи дорои сармояи давлатӣ ё омехта, ки иҷрои ҳамоҳангшудаи тамоми вазифаҳоро ҷиҳати дастгирии соҳаҳои саноат таъмин менамояд. |
| **Қарзи молиявӣ ва сармоягузорӣ** | - Додани субсидияҳо барои ташкили корхонаҳои нави саноатӣ, васеъ ва навсозии корхонаҳои бекор хобида (хариди амволи ғайриманқул, таҷҳизот) ва таъсиси муассисаҳои махсусгардонидашудаи молиявӣ, қарзӣ, суғуртавӣ ва сармоягузорию хизматрасонӣ (бонкҳо, фондҳо, ширкатҳои венчурӣ ва ғайра);<br>- Муқаррар кардани шартҳои дарозмуддати қарздиҳӣ (то 10-15 сол) ва меъёрҳои пасти қарздиҳӣ (додани имтиёзҳои қарзӣ);<br>- Ҳавасманд кардани қарзҳои хусусӣ ва сармоягузориҳои хурд, соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ тавассути кафолати давлатӣ, суғурта; |
| **Андоз** | - Озод кардани соҳаҳои афзалиятноки иқтисодии инноватсионӣ аз як қатор андозҳо дар ду соли аввали фаъолият;<br>- Меъёри паст кардани андозбандӣ барои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодии инноватсионӣ нисбат ба дигар субъектҳои иқтисодӣ. |
| **Давлат ва маориф** | - Ҳамкории зич бо корхонаҳои саноатӣ ва таъмини захираҳои моддию молии аз берун воридшаванда;<br>- Дастгирии давлат оид ба содироти маҳсулоти тайёри хӯрока ба хориҷа;<br>- Дастрасии саривақтии таҳқиқотҳои соҳавӣ оид ба фаъолгардонии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодии инноватсионӣ;<br>- Ҳамкории муассисаҳои таълимӣ бо корхонаҳои саноатии инноватсионӣ (пешниҳоди лоиҳаҳои инноватсионӣ ва ташкили курсҳои омӯзишӣ барои корхонаҳои саноатии кишвар; |
| **Мутахассис** | - Ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои саноатӣ (бонусҳо, мукофотпулиҳо);<br>- Бозомӯзии мутахассисон дар кишварҳои хориҷа (курсҳои такмили ихтисос);<br>- Суғурта кардани кормандони техникӣ ва додани имтиёзҳо ба кормандони техникӣ; |
| **Машварат ва иттилоот** | - Ташкили хадамоти машваратдиҳӣ барои корхонаҳои нави саноатӣ;<br>- Таҳияи барномаҳои таълимӣ-машвартдиҳӣ барои корхонаҳои саноатӣ;<br>- Ташкили нашрияҳои иттилоотии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ; |
| **Аудит** | - Гузаронидани аудити ҳатмӣ барои натиҷаи фаъолияти корхонаҳои саноатии кишвар (ҳамасола аз ҷониби давлат ва ё хадамоти аудиторон);<br>- Дастрасии аудиторони давлатӣ ба тариқи ройгон дар ду се соли фаъолияти корхонаҳои саноатӣ оид ба вазъи молиявии онҳо. |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Пешниҳодҳои асосии дастгирии корхонаҳои саноатӣ (ДКС), ки дар боло зикр карда шуданд, нақши системавии онҳоро дар иқтисоди бозорӣ, аҳаммияти

мушкилоти ташаккули модели соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, хусусиятҳои идоракунӣ, ва татбиқи механизми функсияҳои онҳоро дар иқтисодиёт баррасӣ мекунанд. Дар самти идоракунии корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосири босуръати инноватсионӣ методҳои пешниҳоднамудаи А.В. Тичинский идоракунии фаъолияти инноватсионӣ–идоракунии захираҳо; идоракунии равандҳо ва идоракунии донишҳои корпоротивӣ зарур шуморида мешаванд, ки ба рушди равандҳои инноватсионии соҳа, идоракунии захираҳои дохилӣ ва дигар роҳҳои идоракунӣ мусоидат мекунанд.

Ҳар як субъектони соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, маҳз соҳаи саноати хӯрокворӣ ба таҳқиқотҳои илмӣ-техникӣ ниёз дошта, истифодаи натиҷаҳои онҳо дар ҳалли мушкилоти ба миёномада муҳим аст.

Аз ин рӯ, зарур аст, ки ба устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳама зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникии соҳаи илму маориф диққати махсус дода шавад.

Таҳким бахшидан ба иқтидори илмӣ барои рушди босуботи инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар кишвар басо муҳим буда, барои истифода бурдани ҳар як таҷҳизоти воридшуда мутахассиси баландпоя лозим меояд. Ин ба истеҳсол намудани маҳсулот бо технологияҳои муосир ва идоракунии равандҳои кору хизматрасонии инноватсионӣ имконият медиҳад.

## Хулосаҳои зербоб

Дар асоси таҳлил ва корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, идоракунии рушди устувор, методология ва принсипҳои идоракунии рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ гуфтан мумкин аст, ки мақсади таҳлили мазкур истифодаи дурусти идоракунӣ, ҷорӣ намудани методология ва принсипҳои идоракунии рушди устувор, механизми идоракунӣ ва хусусиятҳои мусбати онҳо дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мебошад. Вобаста ба ин, таҳияи назария, методология ва принсипҳои идоракунии рушди устувор бояд дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба роҳ монда шавад.

Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо корхонаҳои саноати хӯроквории тавассути ҳалли вазифаҳои зерин идоракунии устувории худро таъмин намуда метавонанд:

1. Муқарар сохтани тартиботи нави иқтисодӣ дар корхонаҳои саноатӣ ҷиҳати ҳамаҷониба инкишоф ёфтани тамоми шаклҳои идоракунӣ ёрӣ мерасонад;

2. Дар асоси таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот оид ба идоракунии рушди инноватсионӣ, мо равишҳои гуногуни методологиро дар ҷадвали 1.2. пешниҳод намудем, ки он ҳар яки он хусусияти соҳаҳои саноати хӯрокворирo инъикос мекунад;

3. Рушди фаъолияти инноватсионии соҳаи саноати хӯроквории асоснок кардани методологияи идоракунии рушди инноватсионии низомҳои иқтисодиро талаб карда, вобаста ба ин як қатор принсипҳо дар ҷавали 1.3. пешниҳод шудаанд, ки ба идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквории таъсири мусбат мерасонад;

4.Ҳадафи умумии методологии идоракунии рушди устувори инноватсионии иқтисодиёти миллӣ таъмини рақобатпазирии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, бахусус, саноати хӯроквории буда, якҷоя самаранокии стратегияи рушди идоракунии равандҳои соҳаро ба дигаргуниҳои инноватсионии муосир таъмин месозад. Аз ин рӯ, неруи илмӣ-техникӣ ва инноватсионии кишвар бояд барои ҳалли масъалаҳои бахши саноат ва татбиқи сиёсати инноватсионии миллӣ равона карда шавад.

5.Инноватсия асоси  рушди босуботи иқтисодиёт маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ба устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим, ҷалби васеи истеъдодҳои ҷавон, омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникии соҳаи илму маориф диққати дода шавад.

6. Татбиқи шаклҳои асосии дастгирии корхонаҳои саноатӣ, ки дар ҷадвали 1.4. оварда шудааст, барои рушди устувор, баланд бардоштани сифати маҳсулоти хӯроквории ва таъмини рақобатпазирӣ замина мегузорад.

## 1.3. Асосҳои институтсионалии таъмини устувори инноватсионии саноат

Ба вуҷуд омадани мактабҳои иқтисодӣ барои рушди иқтисодиёт заминаи мустаҳками ва асоси сиёсати назариявии иқтисодиёт ба шумор меравaнд. Мактабҳои муосири иқтисодӣ, ки аз неоклассикҳо, кейнсизм, монетаризм ва институтсионализм иборат мебошанд, ҳамчун асоси рушди иқтисодиёти муосир ва сиёсати иқтисодии давлатҳо хизмат мекунанд. Мактабҳои номбурда ба ҷустуҷӯи роҳҳои бартараф намудани мушкилоти ҳаёти иқтисодӣ ва рушди босуботи иқтисодиёт мусоидат мекунанд.

Ҳамзамон, дар баробари рушди мактабҳои муосири иқтисодӣ муносибатҳои нави иқтисодӣ ташаккул ёфта, секторҳои давлатии иқтисодиёт ба вуҷуд омаданд. Бояд гуфт, ки ҳар як намояндаи макабҳои муосири иқтисодӣ назарияҳои худро барои инкишофи иқтисодиёт баён кардаанд, ки онҳо ҳамчун ғояҳои пешрав эътироф шудаанд.

Андешаҳои намояндагони мактабҳои муосири иқтисодӣ ҳамчун мактаби институтсионализм назарияи инкишофи иқтисодӣ ва ғояи равишҳои байнисоҳавии иқтисодиётро таҳким мебахшад. Дар иқтисодиёт назарияи дақиқи пайдоиши мактаби институтсионализмро пайдо намудан душвор аст. Он дар баробари парадигмаи классикии назарияи иқтисодӣ инкишоф ёфта, ғояи равиши байнисоҳавиро ифода мекунад.

Дар айни замон, дар натиҷаи навҷорисозӣ назарияи иқтисодиро донишҳои интеллектуалии замонавӣ бо назардошти омилҳои таъсиррасони берунӣ ифода мекунад. Таърихшиносони афкори иқтисодии муосир як чанд мактабҳои пешбари макроиқтисодиро муайян кардаанд, ки конструксияҳои назариявии онҳо ба тамоми низомҳои иқтисодӣ асос ёфтаанд. Бинобар ин, ҷудо кардани назарияи намояндагони мактабҳои муосирро аз мактабҳои афкори иқтисодии имрӯза мушкил аст.

Назарияи намояндагони мактабҳои муосир асосҳои институтсионалии таъмини устувори инноватсионии соҳаи саноатро дарбар гирифта, ақидаҳои онҳо метавонад ба рушди босуботи иқтисодиёти давлат накш бозанд. Мо

назарияи намонядагони мактабҳои мусоири иқтисодиро дар ҷадвали 1.5. нишон додаем.

**Ҷадвали 1.5. Назарияи намояндагони мактабҳои муосири иқтисодӣ**

| Мактабҳои муосири иқтисодӣ | Назарияи мактабҳо доир ба иқтисодиёт |
|---|---|
| **Мактаби неоклассикҳо** | Иқтисоддонҳои неоклассикӣ назарияи худро ба механизми рақобати озоди бозор, нархгузории бозор, тақсимоти одилонаи даромад ва истифодаи пурраи захираҳои иқтисодӣ равона кардаанд.<br>Асосгузори ин мактаби бузург Алферд Маршалл мебошад, ки вай принсипҳои илми иқтисодиётро таҳия намудааст ва то ҳол дар масъалаҳои илми иқтисодиёт мусоидат мекунад. |
| **Мактаби кейнсионӣ** | Самти назарияи мактаби мазкур, ки онро Ҷон Кейнс (1883-1946) асос гузоштааст, ҳамчун муҳимтарин назарияи танзими давлатии иқтисодиёти бозорӣ бо роҳи зиёд ё кам кардани талабот тавассути тағйир додани ҳаҷми пули нақд ва ғайра хизмат мекунад.<br>Ғояи асосии Кейнс аз он иборат буд, ки қувваҳое, ки ҳаёти иқтисодиро идора мекарданд (асри XIX) стандарти тиллоии худро гум карданд ва аз ин рӯ, зарур аст, ки давлат ба ҷараёни муомилоти пул, механизми баробар кардани маблағгузорию пасандозҳо ва ғайра дахолат кунад[17]. |
| **Мактаби монетаристӣ** | Мактаби мазкур мактаби илмӣ буда, намояндагони он пулро қувваи асосии амалкунанда дар тамоми равандҳои иқтисодӣ мешуморанд. Ин мактаб яке аз шохаҳои мактаби неоклассикҳо дар иқтисодиёт мебошад.<br>Аз нигоҳи нуқтаи назари ин мактаби илмӣ дахолати давлат ба иқтисодиёт бояд бо назорат аз болои муомилоти пул маҳдуд карда шавад. Онҳо андеша доранд, ки иштироки давлат дар равандҳои иқтисодиёт боиси номутаносибӣ ва таҳриф мегардад. |
| **Мактаби институтсионалистӣ** | Ин мактаб чун яке аз шохаҳои асосии илми назарияи иқтисодӣ ки таҳаввули институтҳои иҷтимоӣ, аз қабили анъанаҳо, ахлоқ, ҳуқуқ, оила, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, давлат ва ғайраро дар бар гирифта, таъсири онҳоро ба ташаккули рафтори иқтисодии одамон меомӯзад. Намояндагони асосии ин мактаб инҳоянд:<br>Торстейн Веблен (1857-1929);<br>Уэсли Влэр Митчелл (1874-1948);<br>Ҷон Морис Кларк (1884-1963);<br>Ҷон Коммонс (1862-1945).<br>Самти мактаби мазкур, бо назардошти он ки онро маҳсули фаъолияти комплекси иттиҳодияҳои гуногуни шаҳрвандон меноманд, ду ҷанбаро дар бар мегирад:<br>1. Меъёрҳо, урфу одатҳои рафтор дар ҷомеа;<br>2. Муқарарр кардани меъёрҳо дар шакли қонун ва созмонҳо. |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти истифодашуда

Албатта, назарияҳои намояндагони мактабҳои муосири иқтисодӣ хусусиятҳо, усулҳо ва методологияи худро дошта, барои пешрафт ва рушди

[17]Баженова, Т.Л. Кейнсианство как основа этатистской модели экономики // ВЕСТНИК ОГУ №13 (149)/декабрь`2012.- С. 27-31;

иқтисодиёт созгоранд. Мо низ дар кори худ аз онҳо истифода бурда, назарияҳои онҳоро ҳамчун омили таъсиррасон ба рушди иқтисодиёт арзёбӣ намудаем.

Самошилова Г.М. бар он андешааст, ки “Дар даҳсолаҳои охири асри бистум таваҷҷуҳ ба институтсионализми назарияи иқтисодӣ зиёд шудааст. Ин идеяҳои институтсионализми “куҳна” ё “амрикоӣ” одӣ нестанд. Институтсионализм сифати нав пайдо кардааст, ки дар шакли нео-институтсионализм пешниҳод мешавад”[18]. Аз руйи ин андеша гуфтан мумкин аст, ки мактаби институтсионализм ғояи калидӣ дар бораи зарурати ташкили “институтҳо” мебошад. Намояндагони асосии ин мактаби бузурги иқтисодӣ Т. Веблен, В. Мичелл, Ҷ. Коммонс, Ҷ. Гэлбрейт мебошанд, ки нақши онҳо дар рушди иқтисодиёт назаррас аст.

Ғояҳои асосии институтсионализм инҳоянд:

- категорияҳои ба дигар тамоюлҳои иқтисодӣ ошно (нарх, фоида, талабот) ба таври комплексӣ бо назардошти доираи пурратари манфиатҳо ва муносибатҳо ба ҳисоб гирифта мешаванд;
- иқтисодиёт на дар “шакли соф”, балки ҳамчун як қисми низоми ҷамъиятӣ омӯхта мешавад;
- иқтисодиёт ҳамчун асоси инкишофи дигар институтҳои иҷтимоӣ (фарҳанг, сиёсат ва ғайра), ки барои сиёсати классикӣ хос аст, бо онҳо баробар дониста мешавад;
- барои субъектони хоҷагидорӣ афзалияти зиёд кардани даромад аз фаъолият не, балки риояи меъёрҳои иҷтимоӣ мебошад;
- афзалияти манфиатҳои ҷамъият, субъектҳои алоҳидаи амалкунанда эътироф карда мешавад;
- рад кардани муносибат ба иқтисодиёт ҳамчун низоми мувозинат ва шарҳи он ҳамчун низоми инкишофёбанда;
- дастгирии дахолати давлат ба иқтисодиёти бозор;

[18]Самошилова, Г.М. “Проявление институционализма в экономическом наследии отдельных представителей классической школы политэкономии”// Вестник Омского университета. Серия «Экономика». 2007. № 1. -С. 39–46.

- инкори “одами оқил”, ки танҳо аз руйи фоида роҳнамоӣ карда мешавад. Ба андешаи институтсионалистон, амалҳои фардро пешгӯӣ кардан мумкин нест, зеро имконнопазирии ба инобат гирифтани ҳамаи омилҳо (иқтисодӣ ва ғайрииқтисодӣ) ба рафтори инсон таъсир мерасонад;

- эътирофи тамоми категорияҳои иқтисодӣ ҳамчун статикӣ.

Дар назарияи муосири иқтисодӣ хусусиятҳои нео-институтсионализм мавҷуданд, ки муқаррароти институтсионализмро ба шароити имрӯзаи фаъолияти иқтисодӣ мутобиқ месозанд.[19]

Бояд гуфт, ки нео-институтсионализм як тамоюли нави афкори иқтисодии муосир мебошад, ки дар солҳои 1960 ва 1970 ба вуҷуд омадааст. Сохтори нео-институтсионализм ин омӯзиши ҳаматарафаи истеҳсолот буда, тавассути он ба назарияи иқтисодӣ ворид намудани вожаю мафҳумҳо, ба монанди хароҷоти муомилот, ҳуқуқи моликият, муносибатҳои шартномавӣ ва ғайра имконпазир гардид. Барои нишон додани самти нав аксаран номҳои дигар истифода мешаванд:

- назарияи нави институтсионалӣ, зеро ҷонибдорони ин равиш бо мафҳуми институт аз мавқеъҳои нав, аз институтсионализми “куҳна” фарқ мекунанд;

- назарияи хароҷоти муомилот, зеро ҷамъи муомилот ва хароҷот ба онҳо вобаста аст;

- назарияи ҳуқуқи моликият, зеро ҳуқуқи моликият ҳамчун муҳимтарин мафҳуми ин мактаб баромад мекунад;

Ҷараёни нео-институтсионалистӣ аз ду заминаи умумӣ таркиб ёфтааст:

- якум, он аст, ки институтҳои иҷтимоӣ аҳаммияти калон доранд (муассисаҳо муҳиманд);

- дуюм, онҳо қобили таҳлил бо истифода аз мафҳумҳо ва усулҳои таҳиякардаи илми иқтисодӣ мебошанд.

Мактаби нео-институтсионалистӣ ба принсипи “индивидуализми методологӣ” асос ёфтааст, ки на гурӯҳҳо ё ташкилотҳо, балки шахсони

[19]Институционализм - (Электронный ресурс) https://www.banki.ru/wikibank/institutsionalizm/ (дата обращения: 16.04.2023).

алоҳидаро ҳамчун иштирокчиёни воқеан амалкунандаи раванди иҷтимоӣ эътироф мекунанд.

Умуман, мавқеи намояндагони мактаби нео-институтсионалистӣ дар иқтисодиёти муосир хеле назаррас буда, бо назардошти хусусиятҳо рушди иқтисодиёти муосирро дар мавҷудияти институтҳои иҷтимоӣ ва усулҳои таҳиякардаи илми иқтисодӣ инъикос мекунанд.

Ба андешаи мо, мактаби муосири иқтисодии нео-институтсионалистӣ бо назардошти назарияи нави олимони иқтисодшинос сол то сол пурзӯр гардида, рушди устувори инноватсионии иқтисодиётро таъмин мекунад. Аз руйи андешаҳои боло хулоса кардан мумкин аст, ки мактаби муосири иқтисодии нео-институтсионалистӣ ба рушди истеҳсолот, алалхусус бахши саноат таваҷҷуҳи амиқ дорад, зеро сохтори он ба вуҷуд овардани истеҳсолот мебошад.

Мактаби мазкур давлат ва институтҳои иҷтимоиро дар раванди рушди босуботи иқтисодиёт дар мадди аввал мегузорад. Давлат ба воситаи қабули санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ, барномаю стратегияҳо ва институтҳои иҷтимоӣ бо хусусиятҳои худ ба таъмини рушди устувори инноватсионии саноат таъсири мусбат мерасонад.

Таносуби тағйироти иқтисодиёти ҷаҳон дар айни ҳол дар ҳолати рушди интенсивии макросистемавӣ қарор дошта, муҳити қонунгузорӣ, сатҳи рушди инфрасохторҳо, вазъи иҷтимоии мардум ва рушди идоракунии инноватсионии миллӣ пурра аз шакли пешин ба шакли нав табдил меёбанд.

Шароити иқтисодии имрӯза бештар рушди устувори низоми миллии инноватсионӣ, муносибатҳои нави иқтисодӣ, равандҳои трансформатсионӣ, рушди иқтисодиёти сабз, баландбардории неруи инноватсионии миллӣ ва технологияҳои иттилоотию хизматрасонии олиро талаб мекунад. Ин мафҳумҳои иқтисодӣ дар чаҳорчӯбаи муносибатҳои объективии иқтисодии нео-институтсионалистӣ муайян карда мешаванд. Ин категорияҳои иқтисодӣ тавассути ба даст овардани самараи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, экологӣ, илмӣ, техникӣ метавонанд масъалаҳои идоракунии рушди низоми миллии инноватсионӣ, аз ҷумла идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатиро ҳаллу фасл намоянд.

Зеро агар мо ба андешаҳои мактаби муосири иқтисодӣ нео-институтсионалистӣ назар андозем, қайд шудааст, ки хусусиятҳои нео-институтсионалистӣ муқаррароти институтсионалистиро ба шароити имрӯзаи фаъолияти иқтисодӣ мутобиқ месозад. Яъне шароити имрӯзаи фаъолияти иқтисодӣ масъалаҳои рушди устувори инноватсионии бахшҳои иқтисодиро талаб мекунад. Аз ин рӯ, мо барои рушди босуботи иқтисодӣ бахши саноатро дар мадди аввал мегузорем. Чунки он ҳамчун воситаи асосии рушди тамоми фаъолияти иқтисодӣ баромад мекунад. Бидуни соҳаи саноат иқтисодиётро тасаввур кардан ғайриимкон аст.

Бояд қайд кард, ки инноватсия ҳамчун фаъолияти муттасил дар раванди иқтисодиёт ва эҷодкунии марҳилаҳои нави идоракунии равандҳои инноватсионии иқтисод мебошад.

Инноватсияҳо ҳамчун падидаи нав арзиши маҳсулоти босифат ё хизматрасониро муайян мекунад. Дар ин асос мо метавонем идеяҳои навро дар раванди идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла соҳаҳои саноат татбиқ намоем, ки истеъмолкунанда барои фаъолияти босамар ва зиндагии шоиста имконияти васеъ пайдо кунад.

Дар ин ҳолат, истеъмолкунандаи моли нав метавонад ҳамчун таҳиякунанда фикру ақидаҳои хешро пешкаш намояд ва он ҳаммуаллифи раванди инноватсионӣ низ шавад. Яъне нақш ва идеяҳои созандаи ӯ дар моли нави истеҳсолшуда муҳим аст. Ин андеша ба идеяҳои асосии институтсионализм мутобиқат мекунад. Зеро ин мактаби муосири иқтисодӣ андешаҳои ҷамъият (шахс)-ро эътироф мекунад.

Намояндагони мактаби нео-институтсионалистӣ бар он андешаанд, ки ширкатҳо ва давлат метавонанд дар рушди равандҳои иҷтимоию иқтисодӣ фаъолона иштирок кунанд. Аз ин рӯ, соҳибкорони инноватсионӣ метавонанд бо пешниҳодҳои усулҳои нав ҷараёни истеҳсоли маҳсулоти нав ё кору хидматрасониро бо муштариён фаъол созанд.

Имрӯз низоми миллии инноватсионӣ ба тарзи муайян инкишоф ёфта, идоракунии инноватсионии иқтисоди миллиро дар шароити ҷаҳонишавӣ, махсусан, дар бахши саноат самаранок мегардонад.

Ба андешаи мо, чор  ниҳоди асосие, ки метавонанд дар рушди устувори инноватсионии бахши саноат нақш гузоранд, инҳоянд:

- ҳукумат;
- ҷамъият;
- муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК);
- соҳибкорӣ;

**Ҳукумат** тавассути санадҳои меъёрии қонунгузорӣ соҳаи инноватсиониро танзим ва идора намуда, бо қабули қонунҳои ҷамъиятии аҳаммияти инноватсионидошта рушди фаъолияти инноватсиониро таъмин месозад. Санадҳои қабулшудаи меъёрии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти инноватсионии миллӣ, ба монанди Қонун “Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ”, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат”, Лоиҳаҳои инноватсионӣ, Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси гумруки Ҷумҳурии  Тоҷикистон ва ғайра барои рушди фаъолияти инноватсионии миллӣ нақши хос мегузоранд.

**Ҷамъият** ин ҳамкории одамон буда, заминаи муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоии тарафайни онҳо ба ҳисоб меравад. Он манбаи инкишоф, раванди идоракунии муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва бавуқуъ пайвастани кору хизматрасониҳо мебошад. Ҷамъият маҷмуи муносибатҳои иқтисодию иҷтимоиро дар бар гирифта, дар рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ нақши калидӣ мебозад. Он бо таклифу пешниҳодҳо метавонад пайваста муносибатҳои иқтисодиро дигаргун созад.

**Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ** – донишкадаю донишгоҳҳо, академияҳо, ки пойгоҳ ва потенсиали илмӣ доранд, барои идоракунии рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ ва, махсусан, соҳаи саноат саҳми арзанда мегузоранд. Бояд гуфт, ки муассисаҳои олии таълимӣ вазифаҳои таҳқиқотӣ, илмӣ-техникиро иҷро мекунанд. Ҳамзамон, барои рушди минбаъдаи идоракунии иқтисоди инноватсионӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорони фаъол мутахассисони соҳибтахассусро ба бозори меҳнат пешкаш мекунанд. Ғайр аз он, онҳо ҳамчун платформаи эҷодии хурди инноватсионӣ амал мекунанд. Дар

муассисаҳои олии таълимӣ баробари касб омӯхтан, имконияти илмро бо амал, истеҳсолот ва таҷриба алоқаманд ва татбиқ зиёд аст.

**Соҳибкорӣ** ин ташкил намудани корхонаҳои нави истеҳсолӣ, ғайриистеҳсолӣ ва азнавсозии корхонаҳои аз фаъолият бозмонда, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ва ватанӣ, воридоти технологияҳои муосир, истеҳсоли маҳсулоти воридшаванда ва омехтакунии онҳо бо маҳсулоти ватанӣ, таъсиси фондҳои гуногун ва ғайраро дар бар мегирад. Соҳибкориро ҳамчун тарзи мустақилонаву навоваронаи пешбурди рушди иқтисоди миллӣ кору хизматрасонӣ, инчунин, раванди пайвасти оқилонаи омилҳои истеҳсолот ва истифодаи самараноки захираҳо бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи зарурии бозор фаҳмидан мумкин аст. "Соҳибкорӣ ҳамчун раванди мунтазам тараққиёбанда ба захираҳои иқтисодӣ, суръати рушди иқтисодӣ, фаъолмандии инноватсионӣ ва ба истеҳсол ва истифодаи навовариҳои илмӣ-техникӣ таъсир мегузорад"[20].

Дар ҳақиқат, соҳибкор дар раванди фаъолияти инноватсионӣ нақши калидӣ бозида, барои фаъолияти босамар, рушди устувори низоми саноатӣ ва стратегияи миллии рушди инноватсионӣ мусоидат мекунад.

Ниҳодҳои мазкур, дар самти идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла соҳаҳои саноат таъсир ва нақши бузург доранд. Метавон гуфт, ки раванди инноватсиониро категорияҳои асосии дар боло зикршуда мукаммал гардонида, натиҷаҳои мушаххаси марҳилаҳои онро инъикос мекунанд.

Ин категорияҳо бо ҳамдигар алоқамандии зич доранд. Онҳо бо таъсири якҷоя метавонанд идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатиро такмил дода, фаъолияти инноватсияро суръат бахшанд.

Аз руйи категорияҳои асосӣ тамоми чораҳои рушди идоракунии фаъолияти инноватсионӣ танзим ва назорат карда шуда, фаъолияти босифату самарноки инноватсионӣ ва кору хизматрасониҳо ба роҳ монда мешаванд.

Дар шароити иқтисоди муосири технологӣ, ки давлат ҳамчун идоракунандаи иқтисодиёти иҷтимоию инноватсионӣ муаррифӣ мегардад,

---

[20]Комилов, С.Ҷ., Алиева Г.Ш. Соҳибкорӣ ва менеҷмеити рушди фаъолияти навҷорисозӣ (инноватсионӣ) / Монография- Душанбе, "Ирфон", 2008, С. 10.

механизмҳои идоракунӣ тавассути қонунҳо ва дастурамалҳою санадҳои меъёрӣ ба роҳ монда мешавад. Мақсади асосии дастгирии соҳаи инноватсия аз ҷониби давлат дар он аст, ки инноватсияи миллӣ рушди миқёси иқтисодиро на дар ҳаҷми захираҳои истифодашуда, балки дар асоси баланд бардоштани сифати маҳсулот ва талаботи иқтисодию иҷтимоии истеъмолкунандагон ҳавасманд мекунад ва он имкон медиҳад, ки масъалаҳои ҷойдоштаи иқтисодию иҷтимоии кишвар ҳал гарданд. Сониян, хусусиятҳои иқтисодии ҷаҳони муосири технологӣ ба иқтисодиёти миллии кишвари мо таъсир расонида, сол то сол масъалаҳои иқтисодӣ, аз ҷумла инноватсиякунонӣ ба мушкилоти нав ба нав дучор меоянд.

Ба ақидаи Фатхудинов Р.А., “Танзими давлатии иқтисодиёт ва равандҳои инноватсионӣ, яке аз шартҳои асосии интиқоли фаъолияти иқтисодиёт ба роҳи бозор мебошад. Вазифаи асосии давлат дар шароити муносибатҳои бозорӣ ҳифзи озодии шахсӣ, моликият ва соҳибкорӣ мебошад. Давлат дар якҷоягӣ бо бозор бояд дар як раванд кор кунад[21]. Албатта, давлат дар танзими равандҳои инноватсионӣ нақши калидӣ бозида, сиёсати инноватсиониро ба роҳ мемонад ва усулҳои ғайримустақимро барои ҳавасмандгардонии навовариҳо равона месозад.

Чунон ки дар боло қайд намудем, давлат тавассути қонунҳо ва санадҳо механизмҳои идоракуниро ба роҳ мемонад. Ба зикри И. Ершова “Шакли асосии ҳуқуқии танзими давлатӣ санадҳои ҳуқуқӣ мебошанд. Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ сершуморанд, ки онҳо ба ташкили инфрасохтори инноватсионии бозор равона карда шуданд, тартиби эҷод ва татбиқи инноватсияҳоро танзим мекунанд”[22]. Самтҳои асосии танзими давлатии идоракунии соҳаи инноватсия ва равандҳои инноватсионии миллӣ зиёданд ва мо якчанд вазифаҳои асосии идоракунии давлатиро дар шароити муносибатҳои нави иқтисоди бозорӣ дар соҳаи инноватсия пешниҳод мекунем:

---

[21]Фатхутдинов, Р.А. Инновационный менеджмент: Учебник для вузов. 6-е изд. — СПб.:Питер, 2011. —С.39
[22]Государственное регулирование инновационной деятельности {Электронный ресурс} https://www.inventech.ru/lib/pravo/ pravo-0176/ (дата обращения:16.12.2022).

1. Таъмини захираҳои илмӣ-техникӣ аз ҷониби давлат барои татбиқи марҳилаҳои равандҳои инноватсионӣ, ки махсусан дастгирии давлатиро талаб мекунад;

2. Ҳавасмандкунонии мутахассисони баландпояи хориҷӣ, ки дар бахшҳои хусусӣ ва фаъолияти равандҳои инноватсионии миллӣ ( бо фароҳам овардани шароити мусоиди ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилӣ барои татбиқи он) иштирок менамоянд;

3. Мусоидат намудан ба рушди системаҳои инноватсионии бахшҳои хусусӣ, ки инноватсияро дар марҳилаҳои гуногуни равандҳои иқтисодиёт ба роҳ мемонад (дастгирии мустақим ва ғайримустақими давлатӣ дар марҳилаҳои гуногуни инноватсионӣ);

4. Мувофиқ намудани заминаҳои қонунгузорӣ ба рушди фаъолияти инноватсионии миллӣ.

5. Ташкили марказҳои такмили ихтисоси давлатӣ барои бахшҳои хусусии иқтисодиёт (тайёр кардани кадрҳо барои фаъолияти инноватсионӣ бо ҷалби мутахассисони хориҷӣ, маблағгузорӣ аз ҷониби давлатӣ);

6. Гузаронидани мушоҳидаи оморӣ дар соҳаи илм ва инноватсия (мониторинги бозори дохилӣ ва хориҷии маҳсулоти инноватсионии миллӣ);

7. Ҳамоҳангсозии ҳамаи инфрасохторҳои инноватсионии миллӣ бо макотиби олии кишвар ва ҳамоҳангсозии сохторҳои инноватсионӣ бо низоми миллии инноватсионӣ, ки маҳсулоти нав ва равандҳои нави инноватсионӣ ба вуҷуд меоянд;

8. Натиҷгирии таҳқиқотҳои илмӣ ва хулосаю пешниҳодҳои олимони соҳаи иқтисодиёт дар самти афзалиятноки рушди илм ва технологияҳои муосири иқтисодӣ;

Бояд гуфт, ки дар иқтисоди муосири ҷаҳонӣ тамоюли афзоиши нақши омилҳои ғайримоддӣ дар истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳо дар баробари дигар омилҳои дохилӣ ва берунӣ бештар ба назар мерасад. Соҳаи саноат марҳила ба марҳила рушд карда, он ба захираҳои зеҳнӣ ва дониш дар истеҳсоли молу хизматрасониҳо, ки ба қувваи бевоситаи истеҳсолкунанда табдил меёбанд, нақши ҳалкунанда доранд. Истифодаи инноватсия дар истеҳсолот, ҷорӣ намудани натиҷаҳои гуногуни фаъолияти зеҳнӣ ва баровардани маҳсулоти

баландтехнологӣ нисбат ба васеъшавии истеҳсолоти одӣ авлавият пайдо мекунад ва маҳсулоте, ки дар заминаи коркардҳои илмию техникӣ ба вуҷуд меояд, боз ҳам рақобатпазир мегардад.

Бояд қайд намуд, ки асоси институтсионалии таъмини рушди инноватсионии саноатро дар замони муосири иқтисодӣ рушди соҳаи инноватсияи корхонаҳои саноатӣ ва баҳамоҳангсозии сохторҳои инноватсионӣ ташкил медиҳад. Он дар чунин шакл аст.




**Расми 1.3.** Асосҳои институтсионалии таъмини рушди инноватсионии саноат дар замони муосири иқтисодӣ

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Вазифаи асосии ин институтҳои мазкур фароҳам овардани фазои мусоиди инноватсионӣ барои татбиқи афзалиятҳои давлатии рушди илмию техникӣ ва технологии кишвар дар соҳаи иқтисод мебошад. Ин институтҳои таъмини рушди инноватсионии саноат барои афзалиятҳои равандҳои инноватсионӣ, таъмини платформаҳои рақамӣ, иқтисодиёти сабз, танзими равандҳои рушди устувори инноватсионӣ, татбиқи технологияҳо дар иқтисодиёт ва рушди инфрасохторҳои инноватсионии миллӣ нақши арзанда доранд.

Воситаи асосии давлат барои ноил шудан ба ҳадафҳои инноватсионӣ ва ташаккули системаи миллии инноватсионии кишвар ҳавасмандгардонии равандҳои инноватсионӣ ва танзими фаъолияти равандҳои инноватсионӣ мебошад. Соли 2012 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ” қабул гардид, ки дар асоси он татбиқи сиёсати миллии инноватсионӣ ҳамчун марҳилаи нави иқтисоди миллӣ оғоз ёфт.

Дар айни замон, сиёсати стратегии инноватсионӣ, сиёсати илмӣ-инноватсионӣ ва ташаккули иқтисоди инноватсионӣ дар давлат марҳила ба марҳила мавриди амал қарор гирифта истодааст. Албатта, муваффақияти

навоварӣ, пеш аз ҳама, ба сифати фаъолияти соҳибкории инноватсионӣ вобаста буда, сарфи назар аз танзими давлатӣ ва соҳибкории инноватсионӣ бо татбиқи қонунҳо ва дастурамалҳои қабулшуда фаъолияти инноватсионӣ пеш меравад.

Бояд гуфт, ки дар ҳар як унсури системаи инноватсионии миллӣ механизми ҳамоҳангсозӣ сохта мешавад ва он имкон медиҳад, ки истифодаи самаранокии захираҳо дар фаъолияти равандҳои инноватсионӣ ҷоннок карда шавад. Танзими давлатии равандҳои инноватсионӣ ҳолати иҷтимоии кишварро дигаргун сохта, тадбирҳои рушди инноватсиониро дар он ҳал менамояд.

Ҳамзамон, самтҳои дигари асосии танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ вуҷуд доранд, ки инҳоянд:

1. Таъсиси сохтори махсус, барои танзими сиёсати илму инноватсия;
2. Маблағгузорӣ ба фаъолияти инноватсионӣ ва илмӣ-техникӣ;
3. Таҳияи консепсияи муосир ва равишҳои методологии рушди устувори инноватсионии саноат;
4. Баҳисобгирии омори натиҷаҳои фаъолияти илмию техникӣ ва инноватсионӣ;
5. Дастрасии иттилоотии фаъолияти инноватсионӣ ва илмӣ-техникӣ;
6. Омодасозии мутахассисони баландпоя барои ташкили равандҳои нави инноватсионии миллӣ;
7. Ташкил намудани нашрияи алоҳида - маҷала оид ба фаъолият ва рушди инноватсияи миллӣ;
8. Дастгирии фаъолияти соҳибкорони навтаъсиси инноватсионӣ.

Низоми самарабахши инноватсионӣ дар ҷаҳони муосир аз ташкили моделҳои давлатии рушди равандҳои инноватсионӣ иборат буда, он ба баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар дар бозори ҷаҳонӣ таъсири мусбат мерасонад. Дар навбати худ, давлат нақши батанзимдарорӣ ва такмил додани онҳоро иҷро менамояд.

## Хулосаҳои зербоб

Вобаста ба ин, дар ин самт изҳор намудани якчанд пешниҳод, ки дар ташаккули идоракунии корхонаҳои саноати хӯроковрӣ саҳми беандоза доранд, мувофиқи мақсад мебошанд:

1. Дар воқеъ ҳамаи назарияи намояндагони мактабҳои муосири иқтисодӣ ба рушди босубот ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ нақши арзанда доранд. Мактаби нео-институтсионалисти муосири иқтисодӣ, ки бештар ба истеҳсолот ва нақши ширкатҳою давлат, инкишофи иқтисод ва ғояи равишҳои байнисоҳавии иқтисодиёт бештар такя мекунад.

2. Намояндагони афкори иқтисодии муосир низоми сиёсати иқтисодиро дар ҷорӣ намудани навгониҳо дида, идоракунии рушди системаҳои корхонаҳои саноатиро бе инноватсия ғайриимкон меҳисобанд. Гузариш аз мактабҳои муосири иқтисодӣ ба модели рушди иқтисодиёт тақозо менамояд, ки мактабҳои муосири иқтисодӣ сифатан нав ва босамартар фаъолият баранд.

3.Аз руйи идеяҳои мактабҳои муосири иқтисодӣ фаҳмида мешавад, ки иқтисодиёт ҳамчун асоси инкишофи дигар институтҳои иҷтимоӣ ва субъектони хоҷагидорӣ, инчунин, афзалияти манфиатҳои ҷамъиятӣ баромад мекунад. Пас зарур аст, ки муқарароти назарияи мактабҳои муосири иқтисодӣ ба корхонаҳои саноатӣ таъсири мусбат расонад. Таъмини рушди устувори инноватсионии саноат аз назарияи муҳаққиқони мактабҳои нео-институтсионалистӣ ва поснео-институтсионалистӣ ва пешниҳодҳои нави онҳо вобаста аст.

4. Дар баробари мактабҳои муосири иқтисодӣ мо рушди устувори инноватсионӣ ва ҳамоҳангсозии сохторҳои инноватсонӣ институтҳои муосирро (расми 1.2.) нишон додем, ки бешак ба таъмини рушди инноватсионии саноат мусоидат мекунад. Дар ин баробар, дар сохтори Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, барои рушди инноватсионии саноати мамлакат ташкили шурои илмӣ-инноватсионӣ ва мониторинги фаъолияти инноватсионӣ ба мақсад мувофиқ аст.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА АРЗЁБИИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ САНОАТИ ХӮРОКВОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 2.1.Таҳлили вазъи муосир ва динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯрокворӣ

Саноати хӯрокворӣ яке аз соҳаҳои муҳимми стратегии комплекси агросаноатӣ буда, дар таъмин намудани некуаҳволии мардум нақши калидӣ дорад. Саноати хӯрокворecho Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳоли ҳозир назар ба солҳои пешин хеле рушд кардааст, аммо дар бозори дохилӣ байни истеҳсолкунандагони ватанӣ ва хориҷӣ ба қадри имкон рақобатпазир нест. Зеро бозори дохиливу хориҷиро давлатҳои пешсаф бо истеҳсолоти озуқаворӣ таъмин карда истодаанд. Тавре ки зикр шудааст: “...саноати хӯроквории Тоҷикистон яке аз соҳаҳои муҳимми стратегӣ мебошад. Вай бояд бо ашёи зарурӣ шаҳрвандони ҷумҳуриро бо миқдор ва сифати хӯроки умумӣ таъмин кунад”[23]. Аз ин рӯ, саноати хӯрокворӣ соҳаи муҳимтарини истеҳсолот буда, ба таъмин ва нигоҳ доштани вазъи муътадили дараҷаи ҳаёти аҳолӣ бо маҳсулоти зарурӣ нигаронида шудааст.

Солҳои охир ба мақсади таъмини аҳолӣ ба молҳои хӯроквории ватанӣ кушодашавии корхонаҳои саноатии хӯрокворӣ бештар ба назар расида, онҳо бояд ба молҳои хушсифати ватанӣ бозори дохилию беруниро таъмин карда тавонанд.

Саноати хӯрокворӣ чунин соҳаи саноатест, ки равғану қаннодӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, молҳои гӯштӣ, маҳсулоти тухм, маҳсулоти нонӣ, пивопазӣ, винопазӣ, ғайриалкоголӣ, нушокиҳои спиртӣ ва тамокуро дар бар мегирад. Чунончи, корхонаҳои асосии саноати хӯроквории кишвар инҳоянд:

ҶСК “Ширин”, ҶДММ “Висол”, ҶДММ “Шоҳсафар”, ҶДММ “ЭКК”, ҶДММ “Шарифи Озод”, ҶДММ “Маколлӣ”, ҶДММ “Порсои Хуҷанд”, ҶДММ “Баҳор”, ҶДММ “Зиёратшо”, ҶСК “Комбинати консерви Хуҷанд”, ҶСК “Табак”, ҶСК “Шаҳринав”, ҶСК “Сиёма”, ҶСП “Оби Зулол”, ҶСК “Заводи

[23]Раупов, К.С. Исследование рынков сбыта продуктов пищевой индустрии Республики Таджикистан // Вестник ПНИПУ. Социально-экономические науки. 2018, № 1. - С.242-252.

тамокуи Душанбе” ва ғайра, ки дар таъмини маҳсулоти ватанӣ нақши арзанда мебозанд.

Бояд гуфт, ки пешравиҳои саноати хӯрокворӣ аз рушди корхонаҳои саноатии коркард вобаста буда, он бояд ҳамеша ба истеҳсоли маҳсулоти навин машғул бошад. Зеро корхонаҳои саноатии коркард дар рушди иқтисодиёт нақши муҳим бозида, дар бозори дохиливу берӯнӣ бояд рақобатпазир бошанд.

Аммо, дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёт истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории ватанӣ талаботи бозори имрӯзаро қонеъ нагардонида, рақобатпазириро миёни дигар корхонаҳои истеҳсолии хориҷӣ ба вуҷуд намеорад. Аз ин рӯ, корхонаҳои саноати коркардро зарур аст, ки инноватсияро дар равандҳои истеҳсолоти маҳсулоти ватанӣ ба роҳ монанд. Чунон ки қайд шудааст: “...дар воқеиятҳои нави бозор рақобатпазирии иқтисодиёт тавассути инфрасохтори баландсифати экосистемаи истеҳсолӣ, инчунин, инновасионӣ, иттилоотӣ ва платформаи технологӣ ба даст оварда мешавад”[24]. Барои пайдо намудани мавқеи худ дар бозори дохилию берунӣ дар ҷараёни фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ воридсозии инноватсия ҳамчун инкишофдиҳандаи фаъолияти корхонаҳо ба мақсад мувофиқ аст. Тавассути ҷорӣ намудани инноватсия дар равандҳои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ истеҳсоли маҳсулоти баландсифат, рақобатпазирии солим ва болоравии нишондиҳандаҳои маҳсулоти хӯрокввориро дидан мумкин аст. Ин аст, ки: “...раванди инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ ҳамчун воситаи инкишофи онҳо муносибати комплексиро ба идоракунии он талаб мекунад”[25].

Тибқи ҷадвали омории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дохили кишвар солҳои охир шумораи корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати коркард сол то сол афзуда, ба тараққиёти иқтисоди миллӣ саҳми арзанда мегузаронад (ҷадвали 2.6.).

---

[24]Кодиров, Ф.А. Инфраструктурные аспекты повышения конкурентоспособности промышленных предприятий Республики Таджикистан в современных условиях // Вестник БИСТ (Башкирского института социальных технологий). – 2022. – № 1(54). – С. 22-28.

[25]Комилов, С. Дж. Файзуллоев, М.К., Рахмонов Д.Р. Управление развитием инновационных процессов на промышленных предприятиях / Монография. – Душанбе : Типография ТНУ, 2020. – С.22.

**Ҷадвали 2.6. Нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯрокворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Нишондиҳандаҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2022 / 2015 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳо (адад) | 798 | 507 | 478 | 468 | 462 | 501 | 515 | 634 | 79,4% |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку (млн.сомонӣ) | 3482 | 3690 | 4304 | 4900 | 5399 | 7089 | 7608 | 10383 | 3,0 мар. |
| Индекси ҳаҷми умумии маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нушокиҳо ва тамоку (бо %) | 103,5 | 105,4 | 115,6 | 117,6 | 107,7 | 125,9 | 103,3 | 123,7 | 119,5% |

**Манбаъ:** ҳисоби муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. –С. 253-258.

Аз руйи ҷадвал фаҳмида мешавад, ки шумораи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2015 79,4%, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку 3,0 маротиба зиёд ва индекси ҳаҷми умумии маҳсулоти хӯрокворӣ (нушокиҳо ва тамоку) 119,5% афзоиш ёфтааст. Бояд гуфт, ки афзоиши ҳаҷми маҳсулот ба кам шудани шумораи корхонаҳо алоқае надорад.

Боло рафтани нишондиҳандаҳои соҳа, консепсияи истеҳсолот ва рушди босуръати инноватсионӣ, омили асосии тезонидашудаи суръати рушди истеҳсолоти саноати хӯрокворӣ мебошад. Омили камшавии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ин барҳамхӯрии баъзе корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, якҷояшавӣ ва муфлисшавии онҳо мебошад. Аз ин рӯ, бояд ба ташкил ва азнавсозии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва ба сифати фаъолияти кории онҳо диққати зарурӣ дода шавад. Зиёдшавии истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нӯшокиҳо ва тамоку вобаста ба талаботи бозор буда, масъулияти бештарро тақозо менамояд.

Таъмини рушди босуръати корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва рушди истеҳсолоти он ҷорӣ намудани навгониҳои самарабахшро хоста, талаботи бозорро қонеъ месозад.

Мусаллам аст, ки имрӯз талаботи аҳолӣ ба молҳои хушсифати ватанӣ, аз ҷумла озуқаворӣ зиёд аст. Аз ин рӯ, бояд ба молҳои содиротию воридотии хушсифати азуқаворӣ ва воридоти технологияи баландсифат барои истеҳсоли

маҳсулоти ватанӣ диққати ҷиддӣ дода шавад. Зарур аст, ки дар, навбати аввал, маҳсулоти ватании хушсифат дар дохили бозори ватанӣ таъмин, болоравии нархҳо ба танзим ва баъд маҳсулоти истеҳсолшударо ба бозори ҷаҳонӣ содир карда шавад. Таъмини молҳои хушсифати ватанӣ, аз ҷумла озуқаворӣ барои мардум дар мадди аввал меистад.

**Ҷадвали 2.7. Сохтори гардиши савдои молҳои хӯроквории ватанӣ (ҳазор сомонӣ)**

| Молҳои озуқавории ватанӣ | 2015 | 2016 | 2017 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 / 2015 бо %, маротиб |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт ва гӯшти мурғ | 1107484,3 | 1214493,6 | 1346926,5 | 1638341,5 | 1 999 717,2 | 2 563 802,9 | 2 мар. |
| Моҳӣ ва хӯроквории баҳрӣ | 39448,4 | 44361,3 | 56693,4 | 62919,6 | 67 875,5 | 76 038,0 | 1,93% |
| Консерваҳо | 36583,4 | 41984,9 | 46634,8 | 65339,5 | 70486,1 | 87608,9 | 2,4 мар. |
| Равғанҳо | 392751,6 | 442029,0 | 587965,8 | 895393,7 | 121392,8 | 1143875,9 | 3 мар. |
| Равғанҳои растанӣ | 261008,9 | 29893,8 | 396854,1 | 588055,9 | 121 392,8 | 145 464,0 | 0,6% |
| Маҳсулоти маргаринӣ | 34520,8 | 38816,2 | 45720,5 | 124629,1 | 134 445,7 | 170 258,9 | 4,1 мар. |
| Шир, маҳсулоти ширӣ | 104971,5 | 118032,8 | 136247,1 | 205698,6 | 211 458,3 | 284 315,9 | 2,7 мар. |
| Тухм ва маҳсулоти тухм | 89348,1 | 100605,1 | 110643,7 | 140359,0 | 151 414,6 | 195 053,9 | 2 мар. |
| Қанд | 122413,9 | 138629,1 | 189283,0 | 302497,9 | 336767 | 353742,0 | 2,8 мар. |
| Маҳсулоти қаннодӣ | 348950,0 | 392914,6 | 469092,5 | 540866,3 | 336 767,0 | 353 742,0 | 1,0% |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 113268,0 | 127538,8 | 182882,1 | 221428,5 | 238 869,6 | 241 337,9 | 2 мар. |
| Орд | 671869,5 | 756519,0 | 1007680,3 | 1409633,8 | 1303704 | 2648105,9 | 3,9 мар. |
| Маҳсулоти макаронӣ | 113971,6 | 128331,0 | 150877,7 | 198438,6 | 214068,9 | 276051,0 | 2,4 мар. |
| Дигар молҳои озуқаворӣ | 449157,1 | 505402,1 | 575164,1 | 786494,6 | 699543,2 | 578855,9 | 1,3 % |

**Манбаъ:** ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои асосии савдо ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз солҳои 2015-2021.

Агар мо ба сохтори гардиши савдои молҳои озуқаворecho кишвар назар намоем, он тайи ду соли охир баланд шуда истодааст. Маҳз маҳсулоти гӯшт ва гӯшти мурғ, моҳӣ ва хӯроквории баҳрӣ, равғани чорво, равғани растанӣ, маҳсулоти маргаринӣ, шир, маҳсулоти ширӣ, тухм ва маҳсулоти тухм, маҳсулоти қаннодӣ ва нону маҳсулоти нонӣ, ки дар ҷадвали 2.7. инъикос гардидааст, нишондиҳандаҳои баландро соҳибанд.

Аз нишондиҳандаҳои овардашудаи ҷадвал ошкор гардид, ки дар дохили бозори ватанӣ савдои гардиши молҳои хӯрокворӣ сол то сол зиёд гашта, дар идоракунии равандҳои истеҳсолии маҳсулоти хӯрокворӣ инноватсия ҷорӣ

карда шудааст. Зеро бо ҷорӣ намудани идоракунии инноватсионӣ маҳсулоти хӯрокворӣ нисбат ба дигар солҳои қаблӣ зиёдтар ба назар мерасад.

Ҳангоми таҳлил муайян карда шуд, ки дар маҷмуи нишондиҳандаҳои зикргардида, дар муқоиса бо дигар молҳои озуқавории ватанӣ дар шир ва маҳсулоти ширӣ тамоили мусбат ба назар мерасад. Имрӯз гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, тухм ва маҳсулоти тухмӣ, маҳсулоти қаннодӣ ва равғану моҳӣ дар бозори дохилӣ арзиши гарон доранд, ки ба сатҳу сифат ва даромаднокии аҳолӣ онҳо рост намеоянд. Аз ин рӯ, давлатро зарур, ки истеҳсоли маҳсулоти давлатиро дар бозори дохилӣ нисбат ба истеҳсоли маҳсулоти ғайридавлатӣ зиёдтар бо нархҳои дастрас таъмин созад. Аммо, аз руйи шаклҳои моликият, дар асоси маълумотҳои омории солҳои 2020-2021 маҳсулоти корхонаҳои давлатӣ нисбат ба истеҳсоли маҳсулоти ғайридавлатӣ афзоиш наёфтааст. Масалан, дар соли 2021 истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои давлатӣ 9,0% ва истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои ғайридавлатӣ бошад, 91,0%-ро ташкил медиҳад. Маълумоти омории овардашуда нишон медиҳад, ки истеҳсоли маҳсулоти давлатӣ нисбат ба истеҳсоли маҳсулоти ғайридавлатӣ тайи як сол коста гаштааст ва маълум мегардад, ки низоми идоракунии бахши корхонаҳои давлатӣ суст ба роҳ монда шудааст.

Бояд гуфт, ки соҳаи мазкур, яке аз талаботҳои асосии рӯзмараи мардум буда, дар ҳаёти инсон рушд накардани он мушкмлӣ меорад. Бо зиёд намудан ва рушди бахши саноати хӯрокворӣ шуғл, даромади аҳолӣ ва буҷаи давлат меафзояд.

Қобили қайд аст, ки бо сабабҳои паҳншавии пандемияи COVID-19 теъдоди соҳаи мазкур афзуд, зеро дар ин самт хизматрасониҳои нав ба вуҷуд омада, талаботи халқро қонеъ гардониданд. Маслан, хариди молу маҳсулот ба тариқи электронӣ, хариду фурӯши мол тавассути онлайн-маркетинг сурат гирифт. Аммо, чунин тарзи кор ва ин самт он қадар рушд накард. Ба ҳар сурат ин самт аз зери таваҷҷуҳи сиёсати идоракунии давлат дур нест. Давлат онро ба назардошти таҷрибаҳои ҷаҳонӣ идора менамояд.

Аз нишондиҳадаҳои дар боло (ҷадвали 2.6.) овардашуда, ки ҳашт соли охирро дар бар мегирад, маълум гардид, ки фаъолияти саноатикунонӣ мувофиқи нақшаи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 иҷро нашуда истодааст.

Вазъияти соҳаи саноати хӯрокворӣ дар кишвари мо бо афзоиши ҳаҷми истеҳсоли хизматҳои воридотӣ ва содиротӣ, афзоиши даромад аз маҳсулот, афзоиши шуғли аҳолӣ ва афзоиши рақобат дар ин самт тавсиф мешавад. Бахши саноати хӯрокворӣ ниёзи мардумро таъмин намуда, ҳамчун соҳаи васеътар ва зарурӣ динамикаи тараққиёбандаи иқтисодиёти миллиро низ ифода мекунад. Он доираи васеи талаботи инсон аз одитарин талабот то ба бузургтарин эҳтиёҷотро фаро мегирад. Мувофиқи он шаклҳои нави маҳсулот ва тамғаҳои (брендҳо) муосири маҳсулот дар соҳаи хӯрокворӣ пешниҳод мешаванд.

Бо вуҷуди динамикаи мусбат, сохторҳои равандҳои инноватсионӣ ба нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ таъсири назаррас доранд. Ҳиссаи корхонаҳои саноатӣ дар ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ таъсири худро бо истифодаи технологияҳои нави замонавӣ мерасонанд.

Бояд қайд намуд, ки мо дар таҳқиқотамон, асосан мушкилоти асосии дар стратегияи рушди инноватсионӣ ҷойдоштаро дар мади назар гузоштем, ки ҳалли он дар баланд бардоштани истеҳсоли маҳсулоти дохилии ояндадор, ҷорӣ намудани равандҳои инноватсионӣ, ва рушди инноватсионии саноат аҳаммияти калон дорад. Мушкилоти асосӣ дар айни замон, яке аз масъалаҳои асосии бахши воқеии иқтисодиёт ба шумор рафта, танҳо бо модернизатсияи мақсаднок ва дастгирии давлат метавонад рушд ёбад.

Агар ба нишондиҳандаҳои истеҳсоли молҳои муҳимтарини саноати хӯрокворӣ назар намоем, дида мешавад, ки нӯшокиҳои ғайриспиртӣ, меваи хушк, равғани чорво, маҳсулоти ҳасибӣ ва маҳсулоти гӯштӣ нисбат ба дигар истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳоли афзоиш қарор доранд (ҷадвали 2.8.).

**Ҷадвали 2.8. Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Истеҳсоли маҳсулоти муҳимтарини саноати коркард | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2015/20222 бо %, маротиба** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ***Истеҳсолот бо ҳазор тонна ишора шудааст*** | | | | | | | | | |
| Гӯшт (ҳамроҳи кала почаи навъи 1) | 40,7 | 45,5 | 47,2 | 59,0 | 65,1 | 69,5 | 67,6 | 70,7 | 173,7 |
| Гӯшти гов ва гӯсола | 35,1 | 42,3 | 45,4 | 55,2 | 58,3 | 58,0 | 54,5 | 56,5 | 161,0 |
| Гӯшти гӯсфанд | 5,1 | 2,7 | 1,6 | 1,7 | 0,3 | 1,2 | 0,9 | 0,1 | 0,02 |
| Гӯшти хук | -- | -- | -- | -- | -- | -- | -- | -- | --- |
| Гӯшти мурғ | 0,5 | 0,5 | 0,2 | 2,1 | 6,5 | 10,3 | 12,2 | 14,1 | 2,8 мар. |
| Маҳсулоти ҳасибӣ | 4116 | 4947 | 4942 | 4629 | 5039 | 7057 | 5952 | 4543 | 110,4 |
| Равғани чорво | 138,2 | 204,9 | 212,0 | 153,6 | 175,0 | 106,6 | 103,0 | 103,2 | 74,7 |
| Маҳсулоти ширӣ | 14,5 | 14,0 | 14,4 | 14,6 | 15,2 | 15,4 | 16,4 | 17,3 | 119,3 |
| Панирҳои равғанин, | 181 | 191 | 224 | 256 | 224 | 226 | 227 | 290 | 160,22 |
| Равғанҳои растанӣ, | 10,0 | 10,1 | 12,7 | 16,3 | 21,6 | 23,9 | 23,6 | 24,8 | 2,5 мар. |
| Консерва, млн.қуттӣ | 16,1 | 22,1 | 22,7 | 23,6 | 27,1 | 62,4 | 66,5 | 66,4 | 4,1 мар. |
| Меваи хӯшк | 1328 | 1792 | 1948 | 2929 | 3707 | 5303 | 6664 | 6520 | 4,9 мар. |
| Маҳсулоти қаннодӣ | 14,5 | 15,7 | 12,8 | 13,9 | 15,3 | 17,4 | 31,3 | 25,8 | 177,9 |
| Маҳсулоти макаронӣ | 5,9 | 4,3 | 4,6 | 4,4 | 3,4 | 6,0 | 9,5 | 10,0 | 169,5 |

**Манбаъ:** ҳисоби муаллиф дар асоси Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. - С. 262.

Чунин нишондиҳандаҳо шаҳодати онанд, ки маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла меваи хӯшк (4,9 маротиба), маҳсулоти ҳасибӣ (110,4%), маҳсулоти қаннодӣ (177,9 маротиба), маҳсулоти макаронӣ (169,5%), равғанҳои растанӣ (2,5 маротиба), гӯшти мурғ (2,8 маротиба), гӯшти гов ва гӯсола (161,0%), консерва (4,1 маротиба) маҳсулоти ширӣ (119,3%) ва панирҳои равғанин (160,22%) нисбат ба соли 2015 зиёд истеҳсол шуда, инъикоскунандаи талаботи бозор мебошанд. Яъне, дар бозори ватанӣ талабот нисбат ба онҳо зиёд ба назар расида, муштариёни махсуси худро доранд.

Ба андешаи мо, баъзе аз нишондиҳандаҳои оморӣ, аз қабили истеҳсоли панирҳои равғанӣ, равғаниҳои растанӣ ва консерва эътимоднок нестанд. Зеро ашёи хом барои истеҳсоли равғанҳои растанӣ то ин дараҷа зиёд нашудааст (ба монанди истеҳсоли чигит дар кишвар, майдони кишт барои истеҳсоли пахта ва чигите, ки аз он мебарояд, ҳосилнокии пахта низ тақрибан дар як сатҳ меистад ва он кам шуда истодааст. Майдони кишти офтобпараст ва ҳосилнокии он низ зиёд нашудааст). Аз ин хотир, рақамҳои овардашудаи оморӣ нисбат ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот эътимоднок нестанд.

Саноати хӯрокворӣ ҳамчун як соҳаи иқтисодиёт ба ташаккули бозори озуқаворӣ, амнияти озуқаворӣ ва иқтисодии кишвар мусоидат мекунад.

Теъдоди корхонаҳои саноати хӯрокворӣ аз руйи нишондиҳандаҳои оморӣ то соли 2022 беш аз 634 ҳазорро ташкил медод. Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноати хӯрокворӣ бошад, аз соли 2016 то соли 2022 ба 13,2 ҳазор нафар расидааст.

Индекси нархҳои истеъмолӣ, аз ҷумла молҳои озуқаворӣ, молҳои ғайриозуқа ва машруботи спиртӣ аз руйи маълумоти оморӣ аз соли 2015 то 2022 дар ҳолати пастшавӣ қарор дорад.

**Ҷадвали 2.9. Индекси нархҳои истеъмолӣ аз соли 2015-2022**

| Индекси нархҳои истеъмолӣ бо % | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Молҳои озуқаворӣ | 104,3 | 107,5 | 105,0 | 110,9 | 113,0 | 107,3 | 105,2 |
| Молҳои ғайриозуқа | 107,8 | 104,4 | 106,4 | 104,2 | 105,8 | 107,5 | 104,0 |
| Машруботи спиртӣ | 116,5 | 106,2 | 103,9 | 101,1 | 104,7 | 102,8 | 102,1 |

**Сарчашма:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Тоҷикистон дар рақамҳо,2023. - С.65.

Ҷадвали мазкур нишондиҳандаи муътадили индекси молҳо буда, нархҳои молҳои озуқаворӣ назар ба солҳои қаблӣ поин фаромада, дигар нархҳои молҳо низ дар ҳолати пастшавӣ қарор доранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки воридоти молҳои озуқаворӣ, ғайриозуқа ва машруботи спиртӣ аз дигар давлатҳо ба кишвари мо метавонад омили пастшавии нархҳои истеъмолӣ ва ғайриситеъмолӣ гардад. Зеро дар рақобатпазирии молҳо давлатҳои дорои истеҳсолкунандаи молҳои мазкур аз ҷиҳати сифат ва нарх бозоргузар мебошанд.

Ҳамзамон, хароҷот ба як аъзои хонавода дар баробари баланд шудани нархҳо сол то сол зиёд шуда истодааст.

**Ҷадвали 2.10. Хароҷот ба як аъзои хонавода дар як моҳ (бо сомонӣ).**

| Хароҷот ба як аъзои хонавода | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2015 / 2022, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Молҳои озуқаворӣ | 139,03 | 162,05 | 166,67 | 197,26 | 386,91 | 372,35 | 405,66 | 2,9 мар. |
| Молҳои ғайриозуқа | 66,31 | 89,37 | 100,09 | 106,35 | 170,06 | 212,70 | 243,55 | 3,7 мар. |
| Машруботи спиртӣ | 0,30 | 0,25 | 0,25 | 0,20 | 1,19 | 0,73 | 0,75 | 2,5 мар. |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои Агентии омори назди Президенети Ҷумҳурии Тоҷикистон: Тоҷикистон дар рақамҳо. 2023. –С.54**.**

Таҳлили нишондиҳандаҳои омории соли 2015-2022 муайян менамояд, ки хароҷот ба як аъзои оила, аз ҷиҳати молҳои озуқаворӣ (2,9 маротиба), молҳои

ғайриозуқаворӣ (3,7 маротиба) ва машруботи спиртӣ (2,5 маротиба) афзоиш ёфтааст. Ҳангоми зиёд шудани хароҷот фаҳмида мешавад, ки сатҳи зиндагии аҳолӣ нисбат ба солҳои пешин хуб шуда, талаботи аҳолӣ ба ҳар гуна молҳо бештар мегардад.

Тибқи маълумоти оморӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2021 ҳиссаи хароҷот ба озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ 0,7 банди фоиз зиёд шуда, дар деҳот 1,1 банди фоиз кам шудааст[26].

Дар моҳи ҳисоботӣ аз маҳсулоти озуқаворӣ нархи маҳсулоти гӯштӣ 1,3 фоиз (аз ҷумла гӯшти мурғ 5,9 %, гӯшти гов 0,8 % ва гӯшти гӯсфанд 0,3 %); шир -5,7 % ва биринҷ 1,4 % қимат шудааст[27].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба содирот ва воридоти молҳои хӯрока эътибор дода, аҳолиро бо молу маводҳои аз ҷиҳати экологӣ тоза таъмин месозад. Содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз руйи гуруҳи молҳо, аз ҷумла, чорвои зинда ва маҳсулоти чорво, маҳсулоти равғанипарварӣ чарб ва равғани рапстанӣ ва чорво солҳои охир чунин ба назар мерасад.

**Ҷадвали 2.11. Содирот ва воридоти маҳсулоти саноати хӯрокворӣ**

| Содирот | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2015/2022 бо %, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Маҳсулоти саноати хӯрок-ворӣ (гандум, орд, макарон, равғани растанӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ, тухм, қанд, қаннодӣ), машрубот ва нӯшокиҳои беспиртӣ, тамоку ва ивазкунандаҳои он *(млн. доллари ИМА)* | 2,3 | 4,1 | 5,0 | 3,8 | 5,1 | 8,8 | 7,2 | 8,2 | 3,6 мар. |
| **Воридот** | | | | | | | | | |
| Маҳсулоти саноати хӯрок-ворӣ (гандум, орд, қанду шакар, макарон, равғанҳои растанӣ, тухм, чой, кар-тошка, консерва, маҳсулоти ширӣ меваю сабзавот), маш-рубот ва нӯшокиҳои бе-спиртӣ, тамоку ва ивазкунан-даҳои он *(млн. доллари ИМА)* | 243,2 | 190,6 | 216,8 | 232,0 | 277,5 | 295,2 | 390,3 | 458,2 | 188,4% |

**Сарчашма:** Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. –С.324-325

[26]Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ №4, 2022, 2023. – С. 25.
[27] Ҳамон ҷо, - С. 21.

Ҷадвали мазкур нишондиҳандаи содирот ва воридоти молҳои хӯрокворӣ, машрубот ва нӯшокиҳои беспиртӣ, тамоку ва ивазкунандаҳои он буда, воридоти маҳсулоти саноати хӯрокворӣ нисбат ба содироти маҳсулот зиёдтар мебошад. Дар ин баробар, сол то сол воридот нисбат ба содирот зиёд гардида, корхонаҳои саноати хӯроквории мо қодир нестанд, ки содироти маҳсулоти хӯроквориро ба дигар кишварҳо бештар намоянд.

Аз руйи нишондиҳандаҳои омори давлатӣ ҳиссаи содироти маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳаҷми умумӣ, ба ҳисоби фоиз дар соли 2021 3,1% ва он соли 2022 ба 3,6% баробар шуда, ҳиссаи воридоти маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳаҷми умумӣ, ба ҳисоби фоиз дар соли 2021 160,5% ва он соли 2022 188,4 %-ро ташкил дод. Яъне, ҳиссаи воридотии молҳои озуқаворӣ нисбат ба соли 2021 то як андоза зиёд шудааст. Ин аз он дарак медиҳад, ки корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ҳаҷми маҳсулоти хӯроквориро дар дохили кишвар ва берун аз он дар сатҳи зарурӣ таъмин карда наметавонанд. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар ҳудуди мамлакат бештар корхонаҳои саноатии хӯрокворӣ кушода шаванд ва содироти молро ба дигар кишварҳо ба роҳ монанд.

Дар ҳисоботи сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Фаронса, 15 феврали соли 2022 оид ба соҳаи саноати хӯроковорӣ чунин омадааст: “Дар соли 2021 дар соҳаи саноати хӯрокворӣ 536 корхона ба маҳсулоти ғизоии саноатӣ машғул буд, ки дар маҷмуъ зиёда аз 11,7 ҳазор нафар қобили меҳнатро ба кор фаро гирифта, дар таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ саҳми назаррас доранд. Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар соли 2021 маблағи 7 миллиарду 548,4 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли гузашта 111,5 фоиз ва ё ба маблағи 779,5 млн сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳиссаи саноати хӯрокворӣ дар давраи ҳисоботӣ 19,4 фоизи маҷмуи маҳсулоти саноати ҷумҳуриро ташкил медиҳад.

Афзоиши истеҳсоли маҳсулоти саноати хӯрокворӣ дар давраи ҳисоботӣ асосан аз ҳисоби зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли орд 100,8 фоиз, маҳсулоти ширӣ 106,5 фоиз, маҳсулоти қаннoдӣ 186,2 фоиз, маҳсулоти макаронӣ 158,3 фоиз,

равғани растанӣ 101,7 фоиз, оби ҷав 105,2 фоиз, нӯшокиҳои ташнашикан 138,7 фоиз, гӯшти мурғ 148,2 фоиз ва хӯроки омехтаи чорво 4,2 маротиба ба вуҷуд омадааст.

Ҳиссаи маҳсулоти ғизоии саноатии истеҳсоли корхонаҳои ватанӣ дар таъмини бозори истеъмолии кишвар мунтазам афзоиш ёфта, дар соли 2021 ҳиссаи маҳсулоти ғизоии саноатӣ, аз ҷумла намак 98,1 фоиз, нӯшокиҳои ташнашикан 90,8 фоиз, орд 91,9 фоиз, гӯшт 94,3 фоиз, маҳсулоти ширӣ 68,8 фоиз, маҳсулоти ҳасибӣ 71,4 фоиз, маҳсулоти қаннодӣ 48,5 фоиз, биринҷ 36,6 фоиз, маҳсулоти макаронӣ 38,5 фоиз ва равғани растанӣ 20,2 фоизро ташкил дод.

Бо зиёд гардидани ҳаҷми истеҳсол содироти маҳсулоти саноати хӯроквории кишвар, ба монанди маҳсулоти консерваи меваю сабзавот, нӯшокиҳои ташнашикан, маҳсулоти қаннодӣ, орд, мева ва сабзавоти хушккардашуда ба ҷумҳуриҳои ИДМ, инчунин, ба давлатҳои хориҷи дур низ мунтазам афзоиш ёфта истодааст.

Дар соли 2021 содироти маҳсулоти асосии соҳа маблағи зиёда аз 267,6 млн сомонӣ (23,7 млн доллари ИМА) ташкил дод, ки нисбати нишондоди соли 2020 1,5 баробар ва ё ба маблағи 93,7 миллион сомонӣ (8,3 млн доллари ИМА) зиёд мебошад.

Дар соли 2021 дар ҳаҷми 41,0 ҳазор тонна меваи хушк, 10,2 ҳазор тонна нӯшокиҳои ташнашикан, 1,1 ҳазор тонна намаки ошию техникӣ, 2,1 ҳазор тонна консерваи меваю сабзавот, 200,0 тонна сигарет, 2,6 ҳазор тонна орд ва 365,0 тонна маҳсулоти қаннодӣ ба хориҷи кишвар содирот карда шудааст, ки аз рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва мутобиқ будани он ба стандартҳои байналмиллалӣ шаҳодат медиҳад.

Дар давраи ҳисоботӣ афзоиши ҳаҷми содирот, асосан, аз ҳисоби орд 5,2 баробар, консерваи меваю сабзавот 4,2 баробар, меваи хушк 2,4 баробар ва нӯшокиҳои ғайриспиртӣ 102,0 фоиз ба вуҷуд омада, дар таркиби маҳсулоти содиротгардида 65,8 фоиз (15,6 млн доллари ИМА) ба меваи хушк, 13,9 фоиз (3,3 млн доллари ИМА) ба нӯшокиҳои ташнашикан, 4,2 фоиз (1,0 млн доллари

ИМА) ба консерваи меваю сабзавот, 5,0 фоиз ба орд (1,2 млн доллари ИМА), 1,3 фоиз ба маҳсулоти қаннодӣ (300,0 ҳазор доллари ИМА) ва 7,2 фоиз (1,7 млн доллари ИМА) ба сигарет рост меояд”.[28]

Сохтори молии молгардиши чакана, аз ҷумла молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ низ нигароникунанда мебошанд. Аз руйи ҷадвали оморӣ дида мешавад, ки гардиши чакани молҳои озуқаворӣ нисбат ба соли 2015 хеле афзоиш ёфтааст, аммо он ҳоло ҳам қаноаткунанда ва ба нишондиҳандаҳои Стратегияи миллии рушд барои давраи то солҳои 2030 ҷавобгӯ нест. Гардиши чаканаи молҳои ғайриозуқаворӣ бошад, нисбат ба соли 2015 низ афзоиш ёфтааст, ки он аз нисбат ба гардиши молҳои озӯқаворӣ рушд карда, гувоҳӣ медиҳад.

Бояд гуфт, ки талаботи аҳолӣ ба молҳои хушсифату аз ҷиҳати экологӣ тоза зиёдтар аст, вале диққати онҳоро бештар молҳои хӯрокаи ғайриватанӣ ҷалб месозад. Зеро аз руйи мушоҳидаҳо ба назар мерасад, ки молҳои хӯрокаи ғайридавлатӣ дар бозори дохилӣ ва хориҷӣ бозоргир гаштаанд. Аз ин рӯ, мо бояд бештар ба фаъолсозии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва сифати молҳо диққати махсус дода, шумораи онҳоро зиёд намоем.

**Ҷадвали 2.12. Сохтори молии молгардишии чаканаи хӯрокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ (бо нархҳои млн.сом.)**

| Солҳо | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2015 / 2022 маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Молҳои озуқаворӣ | 7045,1 | 9144,1 | 9891,7 | 12099,9 | 13053,0 | 16529,9 | 19709,7 | 2,8 мар. |
| Молҳои ғайриозуқаворӣ | 7332,6 | 9291,1 | 10588,0 | 12848,4 | 13971,8 | 16729,6 | 19877,7 | 2,7 мар. |

**Сарчашма:** Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон: Тоҷикистон дар рақамҳо, 2022. - С.124.

Аз ин бармеояд, ки гардиши чаканаи молҳои озуқаворӣ нисбат ба гардиши молҳои ғайриозмуқаворӣ тақрибан дар як сатҳ қарор дорад.

Имрӯз масъалаи оптимизатсияи сармоягузорӣ ба саноати хӯрокворӣ, яке аз масъалаҳои муҳим ба ҳисоб рафта, ҷалби сармоя ба саноати хӯрокворӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номукамал аст.

[28]Нишондиҳандаҳои фаъолияти бахши саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. Соҳаи саноати хӯрокворӣ (Захираи электронӣ) https://www.mfa.tj/tg/paris/view/9654/sanoat (Санаи мурочиат 23.04.2023)

Тибқи маълумоти оморӣ намудҳои сармоягузориҳо ҳанӯз ҳам қаноатмандкунанда нест.

**Ҷадвали 2.13. Сармоягузориҳо аз руйи намудҳои фаъолияти иқтисодии корхонаҳои хӯрокворӣ дар соли 2021**

| Соҳаҳо | *То аввали соли 2021 гузошташуда, (ҳаз.доллар)* | | | *Дар соли 2021 воридшуда, (ҳаз.доллар)* | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сармояи мутақим | Сармояи ҷомадонӣ | Дигар сармояҳо | Сармояи мутақим | Сармояи ҷомадонӣ | Дигар сармояҳо |
| Истеҳсоли равғани растанӣ, чорво ва чарбҳои пок кардашуда | 1497,7 | 0,0 | 0,0 | 1497,7 | 0,0 | 0,0 |
| Истеҳсоли маҳсулоти ширӣ | 123,4 | 0,0 | 0,0 | 123,4 | 0,0 | 0,0 |
| Истеҳсоли маҳсулоти нону кулча | 72,1 | 0,0 | 0,0 | 72,1 | 0,0 | 0,0 |
| Истеҳсоли маснуоти қаннодӣ ва ордӣ | 10,3 | 0,0 | 0,0 | 10,3 | 0,0 | 0,0 |
| Истеҳсоли нӯшокиҳои беспиртӣ, пуркунии обҳои маъданӣ ба зарфҳо | 67386,6 | 0,0 | 47237,4 | 81886,6 | 0,0 | 31272,6 |

**Сармчашма:** Агентии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. –С. 241.

Ҷадвали мазкур нишондиҳандаи он аст, ки сармоягузорӣ танҳо ба соҳаи истеҳсоли нӯшокиҳои беспиртӣ, пур кардани обҳои маъданӣ ба зарфҳо зиёд буда, ҳаҷми воридоти сармояи мустақим дар соли 2021 (121,5%), дигар сармояҳо бошад, дар соли 2021 нисбат ба то аввали соли 2021 гузошташуда (66,2%) афзоиш ёфтааст. Аммо ба дигар соҳаҳо сармоягузорӣ дида намешавад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки ба соҳаҳои сармоягузоринашуда ҷалби сармоягузориҳои мустақим бештар карда шавад, зеро ин соҳаҳо асоси таъминоти амнияти озуқаворӣ баҳисоб меравtotал.

Бояд гуфт, ки сармоягузорӣ ба ин самтҳо муҳим буда, барои афзоиш ёфтани ин соҳа ва таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ аҳаммият дорад. Дарёфти сарчашмаҳои сармоягузорӣ барои ноил гаштан ба ҳадафҳои стратегӣ, ки яке аз омилҳои бартарафсозии камбудиҳои фаъолияти инноватсионии миллӣ ба ҳисоб меравад ниҳоят зарур аст. Аз ин рӯ, барои ҷалби сармояи мустақим ва ғайримустақим ба соҳаи инноватсия, ки он дар рушди иқтисодиёти инноватсионӣ нақши калидӣ мебозад, кӯшиш бояд кард.

Дастгирии молиявӣ ба соҳаи илм ва инноватсияҳо барои ташкил ва идоракунии системаҳои инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки мамлакат,

рушди илм ва инноватсия, саноат, рушди устувори иқтисодӣ ва корхонаҳои истеҳсолӣ замина мегузорад. Маблағгузориҳо ба соҳаи илм ва инноватсия маблағҳое мебошанд, ки барои такрористеҳсоли захираҳои инноватсионӣ, ба анҷом расонидани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва ҳамгироии илм бо амалия равона карда мешаванд.

Айни замон вазъи муосири молиявӣ ба соҳаи илм ва инноватсия дар Ҷумҳурии Тоҷикитсон номукамал буда, он ба маблағгузории калон ниёз дорад. Зеро он яке аз соҳаҳои муҳимм ва рушди босуботи иқтисоди миллӣ ба ҳисоб меравад.

Масалан, дар тули ҳашт соли охир таъмини маблағгузорӣ ба соҳаи илм ва инноватсияҳо тибқи нишондиҳандаҳои оморӣ ба млн. сомонӣ расидааст, ки ин яке аз роҳҳои баланд бардоштани фаъолияти инноватсионӣ ба шумор меравад (диаграммаи 2.1.).

**Диаграммаи 2.1. Хароҷоти буҷаи давлатӣ барои илм ва инноватсия (ҳазор сомонӣ)**




**Манбаъ:** Маҷмуаи Агентии Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. -С.111.

Ҷадвали мазкур инъикосгари он аст, ки маблағгузориҳои соҳаи илм ва инноватсия қаноатмандкунанда набуда, ҳаҷми хароҷоти буҷаи давлат ба ин самти муҳим дар сатҳи зарурӣ нест. Агар ба ҳаҷми хароҷоти буҷаи давлати ҳамсоякишварҳо назар намоем, дар онҳо ҳаҷми хароҷоти буҷаи давлат нисбат ба кишвари мо хеле зиёд ба назр мерсад.

Масалан, Ҷумҳурии Узбекистон вобаста ба рушди илм аз ҳисоби буҷаи давлатӣ дар соли 2022 34% нисбат ба соли 2021 зиёд хароҷот намудааст, ки он 144,7,1 млрд. сумро ташкил медиҳад. Дигар хароҷоте, ки ба фонди рушди илм

ва инноватсия ҷудо намудааст, дар соли 2021 600,5 млрд.сум ва дар соли 2022 бошад, 818,8 млрд[29] сумро ташкил медиҳад.

Дар асоси маълумотҳои оморӣ дар соли 2021 афзоиши хароҷот барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва конструкторӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон аз 89,0 то 109,0 млрд. тенге (соли 2019 – 82,3 млрд.тенге, соли 2020 – 89,0 млрд)[30] ба қайд гирифта шудааст.

Хароҷоти буҷаи давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон барои пажӯҳишҳо ва корҳои илмӣ-инноватсионӣ дар соли 2022 791 миллион[31] сомро ташкил дода, нисбат ба соли 2018 19% афзудааст.

Аз маълумотҳои овардашуда маълум мегардад, ки кишварҳои ба мо ҳамсоя, аз қабили Ҷумҳуриҳои Узбекистон, Қазоқистон ва Қирғизистон ба рушди илм ва инноватсия диққати аввалиндараҷа дода, дастрасии молиявиро ба соҳаи илм ва инноватсия барои ташкил ва идоракунии низомҳои инноватсионии миллӣ ҳамасола афзоиш дода истодаанд. Аммо хароҷоти кишвари мо ба соҳаи илм ва инноватсия аз руйи нишондиҳандаи оморӣ кофӣ набуда, дар сатҳи зарурӣ маблағгузорӣ нашуда истодааст.

Аз ин рӯ, барои рушди босуръати фаъолияти инноватсионӣ ва равандҳои он дар ҷараёни истеҳсолот маблағгузорӣ ва дастгирии буҷаи давлатӣ зарур буда, имкониятҳои молиявӣ нисбат ба соҳаи илм ва инноватсия бояд сари вақт амалӣ карда шванд.

Имкониятҳои молиявӣ ва дастгирии буҷаро ба ин соҳаи муҳим, махсусан, барои рушди саноати хӯрокворӣ тавассути лоиҳаҳои инноватсионӣ ба мақсад мувофиқ медонем. Зеро фаъолияти инноватсионӣ дар саноати хӯрокворӣ, асосан, тавассути лоиҳаҳои инноватсионии саноати хӯрокворӣ амалӣ карда

[29]Бюджет для Граждан. Государственный бюджет: исполнение в 2022 году. Публикация «Бюджет для граждан: исполнение в 2022 году» подготовлена в рамках совместного проекта ПРООН и Министерства экономики и финансов Республики Узбекистан «Финансирование устойчивого развития в Узбекистане». –С. 25.

[30]Расходы государственного бюджета на науку и инновации в Казахстане (Электронный ресурс) https://www.google.com (дата обращения: 16.11.2023)

[31]Хароҷоти буҷети давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон (Захираи электронӣ) https://www.stat.kg/ru/news/nauka-v-kyr-gyzskoj-respublike-cifry-i-fakty/ (Санаи муроҷиат 16.11.2023с.)

мешаванд, ки дараҷаи навгонии онҳо аз имконоти молиявии ташкилот ё корхонаҳои саноати хӯрокворӣ вобаста аст.

Бояд қайд кард, ки яке аз афзалиятҳои муҳим дар рушди бахши воқеии иқтисодиёт ин таъмини амнияти хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Афзалиятҳои мушаххас, мушкилот, имкониятҳо ва таҳдидҳои соҳаи саноати хӯроквории кишвар дар ҷадвали 2.13. оварда шудаанд.

Вобаста ба ин, арзёбии беҳтаршавии фаъолияти саноати хӯрокворӣ дар асоси усули таҳлили SWOT тавсия дода мешавад. Истифодаи усули таҳлилии SWOT имконият медиҳад, ки сохтор ва ҷиҳати қавию заифии корхона муайян карда шавад.

Гузаронидани таҳили SWOT вазъи кунунии корхона (баҳодиҳии берунӣ ва омилҳои дохилӣ, афзалиятҳо ва нуқсонҳои рақобат), пешгӯии оянда (пешгӯии тамоюлҳои рушди берунии таҳлилшуда) ва мустаҳкам намудани тамоюлҳои мусбати ба онҳо нигаронидашударо нишон медиҳад.

**Ҷадвали 2.14. SWOT - таҳлили фаъолияти корхонаҳои саноати хӯроквории кишвар**

| S (тарафҳои қавӣ) | W (тарафҳои заифӣ) |
|---|---|
| - мавқеи мусоиди иқтисодӣ-инноватсионӣ;<br>-неруи зеҳнӣ ва илмӣ;<br>-таҷрибаи тулонӣ дар рушди соҳаҳои асосии саноати хӯрокворӣ;<br>- мавҷудияти захираҳои бойи табиӣ барои рушд;<br>- ҷолибияти соҳаи саноати хӯрокорӣ барои сармоягузорон;<br>-эътимоди баланди истеъмол-кунандагон ба маҳсулоти соҳа;<br>- номгӯи истеҳсоли васеи маҳсулоти истеҳсолшаванда;<br>- имконияти васеи баланд бардоштани самаранокии идоракунии соҳаи саноати хӯрокворӣ;<br>- мавҷудияти мутахассисон ва коргарони баландихтисос;<br>- имконияти васеи беҳтар кардани сифати маҳсулот;<br>-баланд гардидани маърифати истифодабарии техника ва технологияҳо;<br>-баланд бардоштани салоҳияти рақамии кормандони соҳаи саноат. | - инкишофи нопурраи фаъолият ва устувории заминаи моддию техникӣ ва технологияҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои минтақаҳои гуногун;<br>- суғурта накардани хавфҳои инноватсионӣ ва ҳолати бӯҳронии истеҳсол ва фурӯши молҳо;<br>- қабул ва коркарди ками маҳсулоти хӯрокворӣ нисбати захираҳои мавҷуда;<br>- сатҳи нокифояи истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ барои бозори дохилӣ;<br>- дастгирии нокифояи истеҳсолкунандагони маҳсулоти хӯрокворӣ;<br>- ба таври пурра ноил нагаштан ба параметрҳои воқеии амнияти иқтисодӣ ва озуқаворӣ;<br>- нокифоя ва паст будани ҳавасмандгардонии моддӣ нисбати инфрасохтори корхонаҳои истеҳсолӣ;<br>- истифодаи камсамари техника ва технологияҳои муосир;<br>- инкишофи нопурраи соҳаҳои истеҳсоли техникаю технологияҳои муосир ва сатҳи баланди фарсудашавии иқтидори истеҳсолӣ. |

*Идомаи ҷадвали 2.14.*

| О (имкониятҳо) | Т (таҳдидҳо) |
|---|---|
| - истифодаи усулҳои нави идоракунии соҳаи саноати хӯрокворӣ;<br>- беҳтаршавии вазъи технологӣ ва инноватсионии корхонаҳои саноатӣ;<br>- талаботи баланд ва доимӣ нисбат ба маҳсулоти хӯрокворию ватанӣ;<br>-афзоиши ҷалби бевоситаи сармояи хориҷӣ;<br>- вусъати омӯзиши параметрҳои нави техникӣ ва технологияҳои инноватсионӣ;<br>- афзоиши дастрасии истеъмолкунандагон ба молҳои нави истеъмолӣ;<br>- афзоиш ёфтани арза ва тақозо дар бозори дохилию берунӣ;<br>тезонидани суръати гардиши савдо;<br>- азнавсозии корхонаҳо мутобиқ ба стандартҳои ҷаҳонӣ;<br>- беҳтар намудани сифати маҳсулот дар таҳти таъсири рақобати бозор;<br>- афзоиши босуръати ҳаҷми истеҳсол дар соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда;<br>- такмил додани механизмҳои назорат, сифат ва бехатарии озуқаворӣ;<br>- ҳавасмандгардонӣ ва азнавсозии технологияҳо. | - бад шудани вазъи молиявии корхонаҳои саноатӣ ва эҳтимолияти муфлисшавӣ аз сабаби кам будани дороиҳо ва баланд будани фоизҳои бонкӣ;<br>- дастгирии нокифояи истеҳсолкунандагон аз ҷониби давлат;<br>- рушди бемайлони инноватсионии соҳаи хӯрокворӣ дар давлатҳои пешсаф ҳамчун амали рақобат;<br>- ба вуҷуд омадани хавфҳои инноватсионӣ ҳангоми шадид гардидани рақобат;<br>- афзудани нархи ашёи хом дар кишварҳои хориҷа;<br>- ноустувории макроиқтисодӣ ва сиёсати номукаммали рушди инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ;<br>- тағйирталаб будан ва ҳолати ивазшавӣ, доштани параметрҳои техника ва технологияҳо;<br>- хатарҳои экологии истеҳсолот ва маҳсулоти истеҳсолшуда;<br>сиёсати протексионистии кишварҳои воридотӣ вобаста ба ғизои ҷаҳонӣ;<br>- ноустувории пойгоҳи институтсионалии соҳа;<br>- зарурати гузаштан ба стандартҳои байналмилалӣ;<br>- кам шудани фурӯши маҳсулоти ватанӣ дар дохили кишвар; |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Ҷадвали мазкур бармало нишон медиҳад, ки фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворики кишвар аз тарафҳои қавӣ, заиф, имкониятҳо ва таҳдидҳо иборат мебошад. Аз ин ба хулосае омадан мумкин аст, ки бо назардошти рушди босуръати равандҳои инноватсионии давлатҳои пешсаф ба фаъолияти корхонаҳои саноатии мамалкати мо таҳдидҳои берунӣ ва пайдошавии тарафҳои қавию заифӣ, инчунин, имкониятҳо низ ба вуҷуд меоянд.

Вобаста ба тарафҳои қавию заиф қайд кардан зарур аст, ки бо назардошти рушди техника ва технологияҳои инноватсионӣ корхонаҳои саноати хӯрокворӣ метавонанд аз онҳо истифода баранд ва ҷолибияти соҳаи саноати хӯрокввориро барои саҳмгузорон пурзӯр намоянд ва эътимоди баланди истеъмолкунандагон ба вуҷуд оянд. Аммо барои корхонаҳои минтақаҳои дурдасти кишвар аз ҷиҳати истифодабарӣ нарасидани мутахассисон ба назар мерасад. Инчунин, суғурта нашудани хавҳои инноватсионӣ низ ҳолати ногувор аст.

Имрӯз дар тамоми кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла мамлакати мо масъалаи идоракунии равандҳои инноватсионии санот ва назорати хавф, ки корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бо он рӯ ба рӯ мешаванд, яке аз мушкилоти асосӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, дар ҳолати риоя накардани қоидаҳои пешгирии хавф, он метавонад ба дороиҳои корхона таъсири зиёд расонида, тамоми нишонниҳандаҳои истеҳсолии корхонаро манфӣ намояд.

Аз ҳисоби имкониятҳо бошад, барои корхонаҳои саноати хӯрокворӣ чунин шароитҳо ба вуҷуд меоянд: талаботи баланд ва доимӣ, тезонидани суръати гардиши савдо, такмил додани механизми истеҳсолот, афзоиш ёфтани арза ва тақозо ва ғайра. Таҳдидҳо низ дар раванди фаъолият таъсир мерасонанд: ба вуҷуд омадани хавфҳои инноватсионӣ, афзудани нархҳои ашёи хом, рушди бемайлони инноватсионии самти хӯрокворӣ дар давлатҳои пешсаф, бад шудани вазъи молиявии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, эҳтимолияти муфлисшавии онҳо, ноустувории пойгоҳи институтсионалии соҳа ва ғайра.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки доир ба беҳтаршавии фаъолияти саноати хӯрокворӣ дар шароити муосир бо истифода аз таҷрибаҳои хориҷӣ вазъи кунунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ устувор нигоҳ дошта шавад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ” соҳаи саноат, алалхусус, таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ бояд қувваи пешбарандаи рушди иқтисоди миллӣ ва омилҳои асосии афзоиши бахши воқеии иқтисод гардад.

Бартараф кардани норасоии маҳсулоти хӯрокворӣ барои рушди босуботи иқтисодиёти кишвар ва беҳтар намудани сифати зиндагии аҳолии кишвар имкониятҳои иловагӣ фароҳам меорад. Аз ин рӯ, таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ бояд ба тамоми қаламрави Тоҷикистон босифат ва дастрас гардад.

Илова бар ин, таъмини сатҳи баланди эътимоднокии аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифати хӯрокворӣ ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда, татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар, бахусус татбиқи соҳибкории саноатӣ, тавсеаи маҳсулоти хӯрокворӣ ва ҳамзамон, истифодаи самараноки иқтидори транзитии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тавр, истифодаи усулҳои муқоисавӣ, гурӯҳбандӣ ва экспертӣ ҳангоми омӯзиши маҷмуи нишондодҳо динамикаи фаъолияти корхонаҳои озуқаворӣ дар давоми чанд сол нишон дод. Он ба мо имконият ба вуҷуд овард, то самтҳои асосии ташаккули старатегии идоракуниро зимни баланд бардоштани рақобатпазириашон амиқтар омӯхта, таҳлил намоем.

Баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти озуқаи ватанӣ ва корхонаҳои он роҳи муҳимми рушди соҳа буда, дар аксари ҳолатҳо воситаи расонидани таъсири мусбат ва кам кардани таҳдидҳо ба фаъолияти минбаъдаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мебошад. Рақобати тезутунд зарурати навсозиро фаъол мекунад, истеҳсол беҳтар мешавад ва модели инноватсионии рушди корхонаҳои саноати хӯрокворӣро такмил медиҳад.

Ҳадафҳои нави сиёсати муосири давлатии саноатию иқтисодии Тоҷикистон ин баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии маҳсулоти хӯрокворӣ, афзоиши ҳаҷми содирот, кам кардани ҳаҷми воридот, бартараф намудани монеаҳои иқтисодӣ, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва ниҳоят, таҳияи барномаҳои нави инноватсионӣ мебошад. Аммо бо назардошти масъалаҳои гузошташуда ва қабули барномаю лоиҳаҳои инноватсионӣ баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд: а) кам будани воситаҳои молиявии корхонаҳо; б) фарсуда будани фондҳои асосии истеҳсолӣ; в) набудани дастгирии молиявии давлатӣ; г) нокифоягии дастгирии гумрукӣ.

Бартараф намудани камбудиҳои зикршуда фаъолияти идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатиро ҷоннок намуда, равандҳои нави фаъолияти инноватсиониро дар корхонаҳои саноатӣ ба миён мегузорад.

Вақтҳои охир гузариши иқтисоди миллӣ ба навъи инноватсионӣ аз ҷониби корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ зиёд шуда, бо мақсади ба роҳи инноватсионии рушд давлат ба онҳо кӯмак мекунад, аммо иқтидори истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба қадри имкон афзоиш наёфтааст.

Стратегияи рушди иқтисодӣ, ки ба захираҳои васеъ асос ёфтааст, имкониятҳои он барои рушди кишвар ва минтақаҳои он, тадриҷан мавқеи худро

пайдо кардан дар рейтинги инноватсионии ҷаҳонӣ, содироти маҳсулоти хӯрокворӣ то як андозаи муайян мусоидат накард.

Динамикаи истеҳсолои маҳсулоти хӯрокворӣ, якҷоя бо нӯшокиҳо ба ҳар нафар аҳолӣ аз рӯи маълумоти оморӣ сол то сол ба маротиб зиёд шуда, аммо он дар сатҳи зарурӣ афзоиш наёфтааст (ҷадвали 2.15).

**Ҷадвали 2.15. Динамикаи истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ якҷо бо нӯшокиҳо (ба ҳар нафар аҳолӣ бо кг)**

| Маҳсулоти хӯрокворӣ, якҷо бо нӯшокиҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2015/2022, бо %, маротиба |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Гӯшт (ҳамроҳи каллапочаи навъи якум) | 4,8 | 0,5 | 0,5 | 0,7 | 7,0 | 7,4 | 6,9 | 7,0 | 145,8 |
| Равғани чорво | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0 |
| Маҳсулоти шири холис ба ҳисоби шир | 1,7 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,7 | 1,7 | 0 |
| Равғани растанӣ | 1,2 | 1,2 | 1,4 | 1,8 | 2,3 | 2,5 | 2,4 | 2,5 | 2,1 мар. |
| Консерва, қуттии шартӣ | 1,9 | 2,5 | 2,6 | 2,6 | 2,9 | 6,6 | 6,8 | 6,6 | 3,5 мар. |
| Маҳсулоти қаннодӣ | 1,7 | 1,8 | 2,2 | 1,5 | 1,6 | 1,8 | 3,2 | 2,6 | 152,3 |
| Маҳсулоти макаронӣ | 0,7 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,4 | 0,6 | 1,0 | 1,0 | 142,9 |
| Нӯшокиҳои беспиртӣ (бо литр) | 0,8 | 0,8 | 8,0 | 1,2 | 1,4 | 1,3 | 1,8 | 2,3 | 2,9 мар. |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои Агентии Омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022.-С.267.

Динамикаи истеҳсолии маҳсулоти хӯрокворӣ якҷо бо нӯшокиҳо нишон медиҳад, ки гӯшт (ҳамроҳи каллапочаи навъи як) (145,8%), равғани растанӣ (2,1 маротиба), консерва (3,5 маротиба), маҳсулоти қаннодӣ (152,3%), маҳсулоти макаронӣ (142,9%) ва нӯшокиҳои беспиртӣ (2,9 маротиба) барои ҳар нафар аҳолӣ зиёд шудааст. Ин маънои онро дорад, ки яъне талаботи инсон нисбат ба истеҳсоли молҳои зикргардида ҳамасола меафзояд. Аммо талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти ширӣ аз руйи нишондиҳандаҳои оморӣ ҳамасола як хел ба назар мерасад.

Агар чунин ҳолат ҳамин тавр идома ёбад, мувофиқи формулаи таҳлилҳоиояндабинии барномаи MS Excel дар маҳсулоти асосии хӯрокворӣ, аз қабили гӯшт (ҳамроҳи каллапоча) дар солҳои 2023 (7,2 ҳаз.тонна), 2024 (68,6 ҳаз.тонна) ва 2025 (65,9 ҳаз.тонна), гӯшти гов ва гӯсола дар солҳои 2023 (45,6 ҳаз.тонна), 2024 (35,0 ҳаз.тонна) ва 2025 (24,1 ҳаз.тонна), гӯшти мурғ, дар солҳои 2023 (23,8 ҳаз.тонна), 2024 (29,3 ҳаз.тонна) ва 2025 (35,6 ҳаз.тонна), маҳсулоти ширӣ дар солҳои 2023 (18,2 ҳаз.тонна), 2024 (19,5 ҳаз.тонна) ва 2025 (20,9 ҳаз.тонна), панирҳои равғанӣ дар солҳои 2023 (167,9 тонна), 2024 (136,3 тонна) ва 2025

(102,1 тонна), равғанҳои растанӣ дар солҳои 2023 (28,9 ҳаз.тонна), 2024 (29,3 ҳаз.тонна) ва 2025 (29,6 ҳаз.тонна) ва маҳсулоти макаронӣ дар солҳои 2023 (16,9 ҳаз. тонна), 2024 (23,0 ҳаз.тонна) ва 2025 (29,9 ҳаз. тонна), инчунин, равғани чорво дар солҳои 2023 (- 215,1 тонна), 2024 (-369,9 тонна) ва 2025 (563,3 тонна) баробар мешавад, ки ин нишондиҳандаҳо нигаронкунанда мебошанд.

Ин нишондиҳандаҳоро агар мо бо меъёри физиологии истеъмолӣ ба ҳар як нафар муқоиса намоем, чунин ба назар мерасад:

**Ҷадвали 2.16. Истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ ба ҳар як нафар аҳолӣ дар як моҳ**

| Номгуи маҳсулот | Воҳиди ченак | Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон | Мувофиқи стандартҳои Созмони ҷаҳонии тандурустӣ |
|---|---|---|---|
| Гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ | кг | 1,81 | 6,25 |
| Равғани растанӣ | кг | 1,55 | 1,25 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | литр | 3,45 | 28,3 |
| Маҳсулоти нонӣ | кг | 13,15 | 11,6 |
| Моҳӣ ва маҳсулоти моҳӣ | кг | 0,09 | 1,9 |
| Картошка | кг | 3,38 | 8,3 |
| Сабзавоти полезӣ | кг | 9,45 | 11,6 |
| Тухм | дона | 13 | 22 |
| Меваҷоту буттамева | кг | 3,26 | 8,3 |
| Қанду шакар ва маҳсулоти қаннодӣ | кг | 1,33 | 2,2 |

**Манбаъ:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Бехатарии озуқаворӣ ва камбизоатӣ № 4, 2022.-С. 20.

Маълум мегардад, ки аҳолӣ маҳсулоти хӯрокворӣро дар як моҳ нисбат ба нишондиҳандаҳои стандартҳои Созмони ҷаҳонии тандурустӣ (СҶТ) хеле кам истеъмол мекунад. Вале маҳсулоти нонӣ ва равғани растанӣ нисбат ба нишондиҳандаи стандартҳои СҶТ бештар истифода бурда мешавад, ки ин ба дигар омилҳо рабт дорад ва таҳқиқи махсус мехоҳад.

Ҷиҳати ба кор андохтани иқтидорҳои нав, роҳандозии истеҳсоли маҳсулоти нави рақобатпазиру воридотивазкунанда, истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда, густариши иқтидори содиротии кишвар ва дар ин замина таъмини иҷрои яке аз ҳадафҳое, ки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 муайян кардааст, корхонаҳои саноатии хӯрокворoccurrence ватанӣ тадбирҳои судманд меандешанд.

Гуфтан ҷоиз аст, ки истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ ва саноати истихроҷи маъдан дар кишвар сол то сол меафзояд, аммо

рушди саноати коркард нисбат ба дигар соҳа кам ба назар мерасад. Бояд ба рушди соҳаи саноати коркард бештар мароқ зоҳир кард. Зеро соҳаи мазкур таъминкунандаи рушди босуботи иқтисодӣ ва соҳаи калидӣ ба ҳисоб меравад.

**Диаграммаи 2.2. Истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (млн.сомонӣ)**




**Манбаъ:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2023. –С.219.

Тибқи маълумоти таҳлилӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти корхонаҳои хӯрокворӣ дар соли 2019, ки аз ҷониби Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, дар соли 2019 ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон саноатикунонии босуръати кишвар, таъмини устувор, кафолатнокии аҳолии мамлакат бо маҳсулоти ғизоии бехатар ва дорои сифати баланд ба соҳаи саноати хӯрокворӣ барои воридоти таҷҳизоти технологӣ, васеъгардонии фондҳои истеҳсолӣ ва бунёди корхонаҳои нав зиёда аз 166 млн. сомонӣ аз маблағҳои дохилии корхонаҳо ва сармоягузорони хориҷӣ равона гардидааст, ки ин ба бунёди 76 корхона ва коргоҳи истеҳсоли маҳсулоти ғизоии саноатӣ бо таъсиси 819 ҷойҳои кории нав мусоидат намуд.

## Хулосаҳои зербоб

Дар асоси таҳлилҳо ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бояд барои баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ таркиби сифати маҳсулотро беҳтар намуда, барои афзоиши дороиҳо, рушди устувор, таъмини рақобатпазирӣ ва идоракунии равандҳои инноватсиониву иҷрои стратегияи рушд тадбирҳо андешад. Ҳалли мушкилоти ҷойдошта ба қарзҳо, сармоягузориҳо, ташкили механизми идоракунӣ, татбиқи техникаю технологияҳои муосир ва рақобатпазирӣ дар сатҳи баланд метавонанд нигоҳ

дорад. Аз ин рӯ, шароити идоракунии солими корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ин қобилияти қонеъ гардонидани талаботи миҷоз мебошад ва корхонаҳои мазкурро зарур аст барои қонеъ кардани талаботи мизоҷ ба миқдори кофӣ маҳсулоти сифатан баландро дар бозори дохилию берунӣ таъмин намоянд. Дар ин навбат, самранокии фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ аз бисёр ҷиҳат ба қобилияти кормандони роҳбарикунанда барои қарорҳои дуруст баровардан ва ба идоракунии дурусти фоидаовар сафарбар намудани қарорҳо вобаста аст. Аз ин рӯ, барои баланд бардоштани сифати маҳсулот ва такмили равандҳои идоракунии рушди устувори инноватсионӣ чораҳои зеринро андешидан зарур аст:

1. Барои ноил гардидани ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи тол соли 2030 корхонаҳои саноти хӯрокворӣ динамикаи рушди нишондиҳандаҳои саноати хӯроквориро, ки қаноаткунанда нестанд, чораандешӣ намоянд;

2. Нишондиҳандаҳои истеҳсоли молҳои саноати хӯрокворӣ муайян сохтанд, ки маҳз меваи хӯшк, маҳсулотҳои ҳасибӣ, қаннодӣ, ширӣ, консерва, гӯштӣ, равғанҳои растанӣ назар ба дигар молҳои хӯрокворӣ дар ҳолати афзоиш қарор доранд. Аз ин рӯ, корхонаҳои саноати хӯроквориро зарур аст, ки ба истеҳсоли панирҳои равғанин, маҳсулоти макаронӣ, гӯшти гӯсфанд, равғани чорвониз диққати махсус зоҳир намояд;

3. Содироти маҳсулоти саноати хӯрокворӣ яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ гашта, аз рӯйи таҳлил нишондоди ин самт 3.6. маротиба афзоиш ёфтааст, ки қонеъкунанда нест. Аз ин рӯ, ба содироти молҳои хӯроквор диққати аввал дарҷа дода шавад;

4. Айни замон вазъи муосири молиявӣ ба соҳаи илм ва инноватсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номукамал буда, он ба маблағгузории калон ниёз дорад;

5. Арзёбии беҳтаршавии фаъолияти саноати хӯрокворӣ дар асоси усули таҳилил SWOT тависия дода мешавад, ки он дар ҷадвали 2.14. нишон дода шудааст. Таҳлили SWOT вазъи кунунии корхона ва пешгӯии ояндаро дар бар гирифта, тамоюлҳои мусбати ба онҳо нигаронидашударо нишон медиҳад.

## 2.2.Таҳқиқи омилҳо ва механизмҳои таъсиррасон ба идоракунии рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ пайвандҳои мавҷудаи соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаҳои саноати хӯрока дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пурра аз байн рафтанд. Дар тули беш аз 30 соли охир ба кишвари соҳибистиқлоли мо муяссар шуд, ки баъзе аз унсурҳо ва инфрасохторҳои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиро барқарор кунад ва ба пайвастагиҳои онҳо унсурҳои нави муосир, меъёрҳои мушаххаси идоракунии инноватсионӣ ва инфрасохторҳои шакли нав ворид намояд.

Дар шароити муосир масъалаи рушди устувори инноватсионии соҳаҳои афзалиятнок, маҳз саноати хӯрокворӣ аҳаммияти махсусро касб менамояд. Зеро ислоҳоти доиркардаи соҳаи иқтисодиёт дар бештари мавридҳо имконияти гузариш ба рушди устувори иқтисодии инноватсионии мамлакатро муайян менамояд. Ислоҳоти соҳаҳои иқтисодӣ дар тамоми давлатҳо ба манфиати рушди ҳаёти иҷтимоӣ буда, бевосита ба сатҳи некуаҳволии моддӣ, истеъмол, фаъолияти меҳнатию иҷтимоии аҳолӣ, дастрасии одамон ба илму техникаҳои замонавӣ ва ғайра таъсир мерасонад.

Аз ин рӯ, барои идоракунии самараноки соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ меъёрҳои мушаххас талаб карда мешавад. Зарур аст, ки инфрасохтори мураккаби иннноватсионии шакли муосир ва ташкили усулҳои нави идоракунии соҳаҳои афзалиятнок ба роҳ монда шавад.

Барои рушди бомуваффақияти инноватсионӣ омӯзиши ҳамаҷонибаи инноватсия зарур буда, пеш аз ҳама, бояд меъёрҳои мушаххаси идоракунии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ муайян карда шаванд.

Барои муайян кардани идораи самаранокӣ масалан, соҳаи саноат меъёрҳое лозиманд, ки аз руйи онҳо натиҷаҳо ҳисоб кардашуда, хулосаҳои зарурӣ бароварда шаванд. Чунин тарзи амал ва кор аз руйи хулосаҳо самаранокии идоракуниро дар ин самт таъмин месозад.

Ба андешаи мо, меъёрҳои мушаххассозии пайдарҳамии ташкили фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи саноати хӯрокворӣ дар чунин шакл бояд ба роҳ монда шавад:

**Расми 2.4. Меъёрҳои мушаххассозии пайдарҳамии ташкили фаъолияти инноватсионӣ**




**Манбаъ:** тахияи муаллиф

Чунин тарзи роҳандозӣ мушаххассозии пайдарҳамии ташкили фаъолият инноватсия ба вуҷуд оварда, сифату самаранокиро таъмин намуда, барои ноил шудан ба дастовардҳои нав роҳ мекушояд. Аз ин бармеояд, ки идея ва мақсад гузоштан дар фаъолияти корӣ банақшадарорӣ, ташкил ва назорати фаъолият вобаста ба унсурҳои инноватсия истеҳсоли молҳои нав ва кору хизматрасониҳои муосир ба миён меоянд.

Ҳамин тавр, меъёрҳои мушаххасгардонии идоракунии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиро ба 5 гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. актуалӣ (мутобиқшавии инноватсияҳо ба ҳаёти рушди иҷтимоии ҷомеа);

2. навгонӣ (мутобиқати дараҷаи воқеии навовариҳо ба равандҳои идоракунӣ ва равандҳои кору хизматрасонӣ);

3. аҳаммияти илмӣ (ҳар як навоварӣ бояд дорои аҳаммияти илмӣ ва таҳқиқотшаванда бошад);

4. аҳаммияти ҷамъиятӣ (навовариҳо бояд дар рушди инноватсионии ҷомеа нақш бозида, ҳамеша зери таъсири прогрессивии ҷамъиятӣ қарор гиранд);

5. имконпазирӣ ва талаботӣ (навовариҳо бояд дар рушди равандҳои кору фаъолият, хизматрасонӣ имконпазир ва талаботӣ бошанд).

Ба андешаи О.И. Имайкина, дар асоси навъҳои таъсири инноватсия, меъёрҳои самараноки идоракунии инноватсионӣ барои арзёбӣ дар фаъолияти корхонаҳо ба се гурӯҳ тақсим карда мешаванд:

- меъёрҳои сарманоки техникӣ, технологӣ ва истеҳсолӣ;
- меъёрҳои даромаднокии фаъолият (самаранокии молиявӣ);
- меъёрҳои тағйир додани иқтидори инноватсионӣ[32].

Имрӯз меъёрҳои мушаххасгардонии идоракунии инноватсионии иқтисодиёти миллӣ ба тарзи хоса инкишоф ёфта истодаанд. Дар заминаи рушди инноватсионӣ бештар меъёрҳое мувофиқанд, ки равандҳои иқтисоди миллиро дар шароити ҷаҳонишавӣ муайян менамоянд. Идоракунии фаъолияти корхонаҳо дар асоси ҳамгироии илм бо амалия сурат гирифта, барои рушди минбаъдаи он шароити мусоид фароҳам меорад.

Барои рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ истифодаи консепсияи механизми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ ба мақсад мувофиқ буда, он ба амалигардонии самараноки инноватсияҳо ва идоракунии минбаъдаи фаъолияти иқтисодии корхонаҳо таъсири мусбат мерасонад. Дар ин маврид чунин ишора рафтааст: "Идоракунии фаъолияти инноватсионии корхона ин зернизоми идоракунии фаъолияти корхона маҳсуб меёбад, ки ба амалигардонии самаранокии инноватсияҳо дар корхонаҳо нигаронида шуда, натиҷаи ниҳоии он барои корхонаҳо фоида ва ягон самараи иҷтимоӣ ё экологӣ буда метавонад"[33].

Бояд гуфт, ки тараққиёти иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи ҷаҳонӣ афзалиятҳои тараққиёти соҳаҳои асосии иқтисодӣ буда, системаи идоракунии иқтисодиёти миллиро дар шакли васеъ ҷудо менамояд. Интихоби афзалиятҳо дар доираи васеъ маънои муайян кардани самти умумии тараққиёти системаҳо ва модели ба амал баровардани сиёсати инноватсонии саноати хӯрокворӣ мебошад.

Давраи охири асри XX ва аввали асри XXI марҳилаи пешрафти босуръат, тағйироти сифатии заминаи моддию техникӣ ва таҳкими равандҳои ҷаҳонишавӣ буда, марҳилаи сифатан навро касб кард.

[32]Имайкина, О.И. Критерии и показатели эффективности управления инновационной деятельностью предприятия // Вестник Научно-технические ведомости СПбГПУ 4. Экономические науки. 2012.- С.160-162.
[33]Носирӣ, Н. Рушди системаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар КАС-и минтақа (дар маводи вилояти Хатлон) Авт. дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии н.и.и., Кӯлоб, 2019.- С.-59.

Прогресси илмӣ-техникӣ марҳилаи нави иқтисоди ҷаҳонро оғоз намуда, роҳҳои рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатиро тавассути иттилооту дониш васеътар гардонид. Яъне, омилҳои гузариш ба модели нави иқтисодӣ ва ноил шудан ба рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар ҷаҳони муосир прогресси илму техника ва таҳқиқотҳои олимони соҳа мебошанд.

Тазаккур бояд дод, ки давлатҳои тараққикарда диққати махсусро ба сиёсати идоракунии инноватсионӣ равона месозанд. Зеро сиёсати идоракунии давлатии инноватсионӣ воситаи танзимкунандаи рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсии кишвар мебошад.

Дар ин марҳилаи нав, ки бо таъсири прогресси илму техника ба иқтисод оғоз ёфта, идораи самараноку босифати рушди инноватсия муҳимтар аст.

Чунончӣ, Самигулова Р.З. қайд менамояд, ки асосҳои назариявӣ-илмӣ ва методологии ташкили идоракунии самаранокии инноватсия бо пешрафтҳои зерин алоқаманд аст:

- механизми ташаккули хароҷот бо дарназардошти ивазнамоии функсионалӣ, техникӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ҳамчун низом дар натиҷаи хароҷоти ба кор андохтани захираҳо;
- принсипҳои ҳисоби пасандозҳое, ки ба даст овардани пасандозҳои “соф”-ро дар асоси кам кардани сарфаи захираҳо ва беҳтар намудани нишондиҳандаҳои фаъолияти истеҳсолии хоҷагӣ дар шакли афзоиши фоида, кам кардани арзиши аслӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии асосӣ таъмин мекунад;
- методологияи баҳисобгирии пасандозҳо ва зиёнҳо, ки имкон медиҳад арзиши боэътимоди онҳо пеш аз ҷорӣ намудани инноватсия муайян карда шавад;
- консепсияи таълими “мусбат”, ки афзоиши пайвастаи сатҳи онро дар асоси ҷорӣ намудани беҳтарин инноватсия бо назардошти хусусиятҳои камёби захираҳои ҳар як бино ё шаҳр дар бар мегирад;

- усулҳои ба даст овардани самараи максималӣ дар шароити маҳдуди маблағ ва ба амал баровардани пасандозҳои афзалиятнок бо маблағҳои максималӣ, истифодаи маблағҳои бехароҷот ва низомҳои маблағгузории асосӣ ба фаъолияти инноватсионӣ[34].

Бояд гуфт, ки ҷаҳони муосир ва пешрафти он масъалаи татбиқ ва паҳн намудани инноватсияҳоро ба миён мегузорад. Идоракунӣ ва танзими он, асосан, аз ҷониби давлат сурат мегирад. Яке аз мушкилоти асосӣ дар шароити муосири технологӣ на танҳо қафомонӣ аз техника ва технологияҳои замонавӣ, ҳамзамон, дониши кофии техникию технологии инноватсионӣ надоштани мутахассисон ва истифода бурда натавонистани онҳо мебошад.

Ин мушкилот барои рушди соҳибкории инноватсионӣ, равандҳои инноватсионии миллӣ ва идоракунии онҳо монеаҳо эҷод мекунад. Аз ин рӯ, идора ва танзими давлатӣ дар равандҳои идоракунии инноватсионии кишвар, вазъи умумии иқтисодӣ, ба роҳ мондани робитаи соҳибкорони инноватсионӣ бо дигар сохторҳо ва инчунин, бо донишҳои замонавӣ ва техникаю технологияҳои нави муосир мусаллаҳ будан аз муҳимтарин роҳу воситаҳои рафъи мушкилиҳо маҳсуб меёбад.

Зарурати идоракунӣ ва танзими давлатии равандҳои инноватсионии миллӣ, пеш аз ҳама, ба рушди иқтисодиёт ва талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста мебошад. Афзоиши васеи меҳнат, истеҳсолот, сармоягузорӣ, захираҳои истифодашуда ва самаранокии онҳо омӯзиши омилҳои экстенсивӣ ва интенсивиро тақозо мекунад. Дар замони муосир имкониятҳои рушди иқтисод аз ҳисоби ҷалби сармоягузориҳо, захираҳои нави ватанӣ ва пешрафти илму техника сарчашма мегиранд. Аз ин рӯ, омилҳои интенсивӣ барои динамикаи рушди иқтисодӣ аҳаммияти ҳалкунанда дошта, афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба он алоқаманд аст.

Умуман, инноватсия метавонад ба сохтори истеҳсолоти ҷамъиятӣ, механизмҳои иқтисодии институтсионалӣ, суботи иҷтимоӣ, муҳити зист,

---

[34]Самигулова, Р.З. Основные критерии и методы оценки инновационного потенциала строительных проектов и организаций (Электронный ресурс) file:///C:/Users/User/Downloads/osnovnye-kriterii-i-metody-otsenki-innovatsionnogo-potentsiala-stroitelnyh-proektov-i-organizatsiy.pdf (дата обращения: 04.07.2023).

шиддатнокии ҳамкориҳои байналмилалии техникӣ, сатҳи амнияти миллӣ ва, муҳимтар аз ҳама, ба рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва идоракунии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ дар иқтисоди ҷаҳон таъсир расонад.

Мусаллам аст, ки давлат барои суботи иҷтимоӣ ва рушди идоракунии иқтисодиёти кишвар меъёрҳои идорашавандаро истифода бурда, рақобати солимро ба роҳ мемонад, то равандҳои идоракунии инноватсионии миллӣ ба танзим даровардa шаванд. Маҳз давлат метавонад дурнамо ва динамикаи рушди идоракунии инноватсионии миллӣ ва иқтисодиёти кишварро муайян намояд.

Ногуфта намонад, ки дар шароити босуръати иқтисодиёт ва рақобатпазирии бошидат дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ба роҳ мондани муносибатҳои дурусти идоракунии инноватсионӣ нақши калидӣ мебозад. Аз ин хотир, мо барои дар сатҳи зарурӣ идоракунии равандҳои соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, бахусус соҳаи саноати хӯрокворӣ якчанд роҳҳои идоракуниро пешниҳод менамоем:

- давлат ба воситаи меъёрҳои қонунгузорӣ равандҳои инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиро идора ва танзим менамояд;
- заминаи ҳуқуқии инноватсионӣ (аз руйи равандҳои инноватсионӣ тамоми воридоти техникаву технологияҳои муосир бояд замимаи ҳуқуқӣ дошта бошанд, то истифодабаранда бе мамонният онҳоро дар фаъолияти инноватсионии худ ба роҳ монад);
- хусусиятнокӣ (ҳар як раванди идоракунии инноватсионӣ бояд характери хоси худро дошта, ба самти фаъолият равона карда шавад);
- системанокӣ (ҳар як раванди инноватсионӣ ба низоми системанокӣ даровардa шуда, тибқи нақша самти фаъолиятро муайян месозад);

Бояд гуфт, ки дар кишварҳои равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва инноватсиониашон хуб ва ба идоракунию танзим даровардашуда, давлат нақши назаррас ва калидӣ бозида, соҳаи инноватсия дар онҳо бартарӣ дорад. Низоми идоракунӣ ва танзими давлатӣ дар давлатҳои дорои модели нави иқтисодӣ озод буда, бар истифода аз усулҳои зиёди танзимшаванда асос ёфтааст. Низоми

танзими давлатӣ фаъолияти милли инноватсионӣ ва афзалияти истеҳсолкунандагони молро дар кишвар дигаргун месозад, ки он афзалиятҳои рақобатпазирӣ ба вуҷуд меорад.

Мақсад аз батанзимдароварии низоми миллии инноватсионӣ баланд бардоштани сифати идоракунӣ ва рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ, оқилона истифода бурдани маблағҳои буҷавӣ буда, фароҳам овардани имтиёзҳои инноватсиониро талаб мекунад.

Бояд қайд намуд, ки равандҳои ҷаҳонишавии инноватсионӣ дар шароити иқтисоди навин дар фазои ҷаҳонӣ зарурати ба роҳ мондани ҳамкориҳои устувори байналмилалиро ба миён овард, ки равобити сиёсӣ, фарҳангӣ, техникӣ ва махсусан, иқтисоди берун аз давлатро ташаккул дод. Аз ин рӯ, тамоми низоми муосири идоракунии давлатии фаъолияти инноватсионӣ ба стратегияи давлатии рушди инноватионӣ асос ёфтааст. Гуфтан зарур аст, ки ташкили низоми миллии инноватсионӣ, дастгирии молиявӣ, фароҳам овардани шароит ва ҳавасмандгардонии навоварӣ яке аз вазифаҳои асосии давлат дониста мешавад.

Бо назардошти меъёрҳои идоракунии равандҳои асосии иқтисодиёти миллӣ дар соҳаи инноватсия, дастовардҳои илму техника омили муҳимми рушди иқтисодиёти миллӣ ва иқтисодиёти кишварҳои пешрафта мебошад. Давлат барои идоракунӣ ва рушди соҳаи инноватсия на танҳо ҳавасмандгардониро ба роҳ мемонад, инчунин, барои рушди инноватсия сиёсати миллии инноватсиониро низ татбиқ менамояд.

Ҳамчун самтҳои асосии барқарорсозии иқтисодиёти миллии кишвар, ноил шудан ба ҳадафҳои стратегии инноватсионӣ, иштироки бевоситаи давлат дар соҳаи инноватсия ва тавассути пешниҳоди имтиёзҳои давлатӣ шароит фароҳам овардан фаъолияти инноватсионӣ самаранок роҳандозӣ мегардад.

Ҳангоми аз зери назорат дур будани сиёсати миллии инноватсионӣ вазъи бозори иқтисодӣ ва низоми идоракунӣ дигаргун гардида, косташавии инноватсия ба амал меояд. Агар мо ба давлатҳои тараққикарда, аз ҷумла Ҷумҳурии халқии Чин назар намоем, танҳо пешравиҳо ба мушоҳида мерасанд.

Имрӯз ҳар як чинӣ медонад, киояндаи иқтисодии давлати ӯ дар наворварию навгонӣ аст. Муъҷизаҳои саноатӣ ва хизматрасониҳои давлати Чин миллион нафар аҳолиро дар ҳайрат мегузорад. Давлат ҳамеша бо имконияти васеи истифодаи захираҳои моддиву техникӣ корхонаҳои истеҳсолиро таъмин намуда, зери назорати идораи сиёсати худ қарор медиҳад.

Аз ин ҷост, ки аз соли 2012 то 2021 шохиси ҷаҳонии инноватсияи Чин аз ҷойи 34 ба ҷойи 12-ум боло рафта, ба яке аз кишварҳои навовар табдил ёфта, ба сохтмонҳои роҳи оҳани баландсуръат, шабакаҳои 5G ва ғайра дар ҷаҳон мавқеи асосиро ишғол мекунад[35]. Аз ин рӯ, навовариҳои илмӣ-техникӣ дар давлати Чин ҳамчун рушди босубот нақши муҳим дар иқтисодиёт мебозад.

Сиёсати инноватсионии миллии Ҷумҳурии Қазоқистон низ зери таваҷҷуҳи асосии давлат қарор дошта, рафъи косташавии инноватсия бо дастгирии худи давлат ва субъектони иқтисодӣ сурат мегирад. Рушди инноватсионӣ тибқи натиҷаҳои рейтингии соли 2022 аз руйи се самт: муассисаҳо, сармояи инсонӣ ва таҳқиқотҳои илмӣ дар миёни кишварҳои пешрафта ҷой 83-юмро ишғол менамояд[36].

Дигар кишварҳо низ, мисли Федератсияи Россия, Белорусия, Қазоқистон ва Узбекистон ба рушди миллии инноватсионӣ ва сиёсати идоракунии он диққати махсус дода, танзими мустақими давлатиро дар ҳамаи соҳаҳои афзалиятноки иқтисодию иҷтимоӣ ба роҳ мондаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радабандии шохиси инноватсионии ҷаҳонӣ (ШИҶ) бо назардошти неруи инноватсионӣ дар соли 2022 байни 132 давлати пешсаф зинаи 103-юмро ишғол мекунад. Аз рӯйи таҷриба ва нишондиҳандаҳои асосӣ зарур аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бештар ба неруи инноватсионӣ, ки онро ҷабҳаҳои илмӣ–техникӣ ташкил медиҳанд, такя намояд.

---

[35]Индекс инноваций Китая поднялся на 12-е место в мире (Электронный ресурс) http://kg.china-embassy.gov.cn/rus/ggwj/202209/t20220922_10769597.htm ( дата обращения: 05.04.2023)

[36]Глобальный инновационный индекс-2022 -Казахстан на 83-м месте в Глобальном инновационном индексе - 2022 (Электронный ресурс) https://economy.kz/ru/Novosti_instituta/id=5262 (дата обращения: 05.04.2023)

Омӯхтани таҷрибаи давлатҳои пешсаф барои кишвари мо муҳим буда, истифодаи он барои сиёсати инноватсионӣ, идоракунии равандҳои низоми милии инноватсионӣ ва танзими мустақими давлатӣ самара хоҳад дод.

Барои мисол, Россия, Белорус, Қазоқистон ва Узбекистон аз руйи шохиси инноватсионии ҷаҳонӣ соли 2021 дар радабандии инноватсионӣ дар чунин сатҳ қарор доранд:

**Ҷадвали 2.17. Радабандии шохиси инноватсионии ҷаҳонии давлатҳои хориҷӣ**

| Номгуйи соҳаҳо | Россия | Белорус | Қазоқистон | Узбекистон |
|---|---|---|---|---|
| | Рейтинг | Рейтинг | Рейтинг | Рейтинг |
| Зериндекси хароҷоти инноватсионӣ | 43 | 68 | 61 | 75 |
| Зериндекси фаъолияти инноватсионӣ | 52 | 62 | 101 | 100 |
| Шохиси инноватсионии ҷаҳонӣ | 45 | 62 | 79 | 86 |
| Сифати муассисаҳои идоракунӣ | 67 | 85 | 45 | 94 |
| Сармояи инсонӣ ва фаъолияти таҳқиқотӣ | 29 | 38 | 66 | 72 |
| Инфрасохтор | 63 | 59 | 58 | 72 |
| Рушди бозор | 61 | 101 | 80 | 24 |
| Рушди тиҷорат | 44 | 69 | 78 | 123 |
| Илм ва технология | 48 | 37 | 86 | 77 |
| Маҳсулоти эҷодӣ | 56 | 93 | 110 | 113 |

**Манбаъ:** Шохиси инноватсионии ҷаҳонии дар соли 2021

Аз ҷадвал маълум мегардад, ки барои нигоҳ доштани ШИҶ танзими давлатӣ хуб ба роҳ монда шуда, ҳангоми идоракунии давлат, имтиёзҳои давлатӣ ва шароити мусоид дар соҳаҳои номбурда рушди иқтисодиёт ба назар мерасад.

Аз ин рӯ, идоракунӣ ва танзими мустақими давлатӣ барои фаъолияти равандҳои инноватсия зарур шуморида мешавад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки маҳз сохторҳои тиҷоратӣ дар таҳия ва татбиқи инноватсия нақши калидӣ мебозанд, аммо бидуни сиёсати инноватсионии давлатӣ танзим намудани он, махсусан, дар соҳаи саноат аз имкон берун аст. Давлат бо дастгирии молиявии равандҳои инноватсионӣ ва техникию ва технологии муосир маҳз самаранокии соҳаи хӯроквориро вусъат мебахшад.

Дар шароити муосири ҷаҳонишавӣ ба мақсади рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ идора ва танзимнамоии фаъолияти

инноватсионӣ амалӣ намудани “ҳукумати электронӣ” ва гузаштан ба низоми иқтисоди рақамӣ самаранокии соҳаҳоро таъмин месозад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон зикр карданд: “Бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани “Ҳукумати электронӣ” ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чораҷӯӣ намоянд”[37]. Албатта, ин дастуру супоришҳо барои таъсиррасонӣ ба низом даровардани равандҳои инноватсионии миллӣ ва вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ дар мамлакат мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки роҳи иқтисоди рақамиро ҳамчун раванди асосии иқтисодиёти инноватсионӣ пеш гирифтааст, ҳоло вазифаи ба иттиҳодияи иқтисодии ҷаҳонӣ бо иқтидори нав ворид шуданро иҷро менамояд. Солҳои охир бахши илму техника дар кишвари мо рушд карда, дар аксари самтҳо фаъолияти босамар ба мушоҳида мерасад.  Дар ҳар сурат, имрӯз соҳаҳои саноат ба барномаҳои нави сатҳи гуногуни рушди фаъолияти илмӣ–инноватсионӣ ва маблағгузорӣ ниёз доранд. Ҳамчунин, бахшҳои иқтисодии кишвар низ барои ба расмият даровардани заминаи ҳуқуқие, ки дар он бахшҳои инноватсионии иқтисодиёт мавҷуданд, ниёз доранд. Дар ҳолати ба расмият даровардани заминаи ҳуқуқӣ бахшҳои инноватсионии иқтисодиёт метавонанд озодона рушд кунанд ва потенсиали истеҳсолию инноватсионии худро пурзӯр намоянд.

Бояд гуфт, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки меъёрҳои идоракунии инноватсионии давлатҳои пешсафи ҷаҳонро омӯхта, ба сиёсати идоракунии давлатии соҳаи инноватсия бештар афзалият диҳем. Ҳамзамон, фаъолияти марказҳои илмӣ–техникӣ ва саноатиро беҳтар гардонида, ҳаёти иқтисодии кишварро боз ҳам муваффақтар созем.

---

[37]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”.–26.01.2021с.–[Захираи электронӣ].–Ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 02.10.2023с.).

Ба мақсади идоракунии соҳаи инноватсионии кишвар тавассути марказҳои илмӣ-таълимӣ ба соҳаи инноватсияи технологияҳою саноат ва ташкили фондҳои венчурӣ барои дастгирии соҳибкорон дар самти хӯрокворӣ диққати махсус бояд дода шавад.

Истифодаи усулҳои давлатии идоракунии равандҳои инноватсионии миллӣ воқеан дар пешравии вазъи иқтисоди саноатию таҷдиди паркҳои технологӣ ва гузариш ба иқтисоди инноватсионӣ таъсир гузошт. Новобаста ба ин, соҳаи саноати кишвар, махсусан, соҳаи хӯрока дар чунин шароити муосири технологӣ инноватсияи миллиро дар сатҳи баланд таъмин карда натавониста истодааст.

Давлат дар иқтисодиёт мавқеи асосиро ишғол намуда, ягона фишанги асосии рушди иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбад. Механизмҳои бозорӣ дар шароити имрӯза бидуни сиёсати давлатӣ ва танзимнамоӣ аз ҷониби он аз имкон берун буда, мушкилоти ҷойдоштаро танҳо стратегияи давлатӣ бартараф менамояд. Механизмҳои бозории ҳар як давлат ба хусусияти иқтисодии кишвар вобаста мебошад. Масалан, хусусияти иқтисодии кишвари мо бидуни сиёсати давлатӣ ва усулҳои давлатии танзими равандҳои инноватсионии миллӣ вуҷуд дошта наметавонад. Чуноне ки гуфта шудааст: "Дар низоми усулҳои мустақими таъсири давлат ба равандҳои инноватсионӣ табдирҳое, ки ҳамкории корхонаҳои саноатӣ (ширкатҳо, корпоратсияҳо)-ро дар соҳаи инноватсия ва ҳамкории донишгоҳҳо бо саноат ҳавасманд мекунад, мавқеи муҳимро ишғол мекунанд. Дуюм, ин шаклҳои ҳамкорӣ, аз як тараф, зарурати ба марҳилаи татбиқи тиҷоратӣ расонидани ғояҳои пешрафти илмӣ, аз тарафи дигар, фароҳам овардани шароит барои манфиати саноат ба маблағгузории таҳқиқоти бунёдӣ ва таҳқиқотӣ ба амал меоянд"[38].

Оид ба рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, гуфтан мумкин аст, ки баъзе омилҳое мавҷуданд, ки онҳо ба раванди фаъолият ва сиёсати инноватсионии корхонаҳо таъсири мусбату манфӣ мегузоранд. Бо сабаби таъсири манфӣ баъзе корхонаҳои саноатӣ аз байн мераванд ё фаъолияти

[38]Мухамедьяров, А.М. Инновационный менеджмент / У*чебное пособие.* ИНФРА-М", 2008. - С.137.

онҳо натиҷаи пастро нишон медиҳад. Аз ин рӯ мо бояд роҳу воситаҳое ҷӯем, ки самаранокии фаъолияти инноватсиро таъмин созанд. Яке аз омилҳои рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ташаккул ва самаранок истифода бурдани неруи инноватсионии онҳо мебошад. Сиёсати инноватсионӣ ва стратегияи инноватсионии фаъолияти онҳо дар рушди бозори муосир нақши назаррас дорад.

Модернизатсияи давлатҳои пешсафи ҷаҳонӣ ба равандҳои фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, аз ҷумла саноати хӯроквории кишвари мо таъсир расонида, бо назардошти рушди техника ва технологияҳои муосир ҳамеша дар ҳолати рушд қарор доранд. Ҳамгироии иқтисоди ҷаҳонӣ метавонад давлати моро аз ҳолати кунунӣ ба ҳолати рушди устувор ва инноватсионии иқтисодӣ оварда расонад.

Баланд бардоштани нақши соҳаи саноати хӯрокворӣ, асосан, ба омилҳои зерин вобаста мебошад:

- дастгирии давлат ба низоми инноватсионии субъектони соҳаи саноати хӯрокворӣ ва беҳтаргардонии шароити онҳо;

- дастрасӣ ба натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;

- таъминоти захираҳои моддию молии воридшаванда аз ҷониби давлат, ки субъектони соҳаи саноати хӯрокворӣ онро дастрас карда наметавонанд;

- тағйир додани Стратегияи рушди инноватсионӣ ва таҳияи барномаҳои нави дастгирии давлатии субъектони соҳаҳои афзалиятноки иқтисодии инноватсионӣ ва пешниҳоди Консепсияи механизми идоракунии инноватсионии соҳаи саноати хӯрокворӣ.

Бояд гуфт, ки бо таъсири чунин омилҳо, яъне дастгирии давлат ба низоми инноватсионии субъектони соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз ҷумла корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, дастрасӣ ба натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таъминоти захираҳои моддию молӣ, тағйир додани Стратегияи рушди инноватсионӣ ва таҳияи барномаҳои нави дастгирии давлатии субъектони соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва пешниҳоди Консепсияи механизми идоракунии инноватсионии соҳаҳои саноати хӯрокворӣ корхонаҳои саноати

хӯроковрии кишвар ба рушди устувор имконият пайдо мекунанд. Зеро ҳар як омил асоси пешбарандаи рушди инноватсионӣ ва беҳтаргардонии шароити инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мегардад.

Ҳамзамон, омилҳое мавҷуданд, ки ба рушди устувори фаъолияти инноватсионӣ мусоидат мекунанд, чунончӣ: ҷойигршавии ҷуғрофӣ, дараҷаи тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ, дороиҳои моддию молӣ, такмили заминаи қонунгузории фаъолияти инноватсионӣ, ҳамгироии илм бо амалия дар МТОК, мустаҳкамии базаи техникию технологӣ, ҷалби сармоягузориҳои мустақим ба соҳаи саноат, анҷом додани таҳқиқотҳои илмӣ доир ба фаъолгардонии соҳаҳои саноат, такмили ихтисоси кормандон ва менеҷменти соҳа бо назардошти тамоми дигаргуниҳое, ки дар илми инноватсионӣ нисбати техника ва технологияҳо амалӣ гардидаанд.

Омилҳои зикргардида, дар раванди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, алалхусус, саноати хӯрокворӣ нақши калидӣ бозида, барои рушди устувори фаъолияти инноватсионӣ мусоидат мекунанд.

Ниҳоят, соҳаи саноати хӯрокворӣ ҳамчун маҷмуи намудҳои мушаххаси фаъолияти иқтисодӣ ба андозаи зиёд дар таъмини сифати зиндагӣ, ноилгардии дастовардҳо ва умуман, расидан ба иҷрои мақсадҳои инноватсионии миллӣ саҳми бориз мегузорад.

Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки соҳаи саноати хӯрокворӣ соҳае мебошад, ки дар рушди иқтисоди миллӣ саҳми назаррас мегузорад.

Хусусиятҳои соҳавии идоракунии рушди инноватсионии саноати хӯроквориро ба таври зайл пешниҳод менамоем.

**Ҷадвали 2.18. Хусусиятҳои соҳаи саноати хӯрокворӣ**

| Хусусияти соҳавӣ | Самаранокии он дар иқтисодиёт |
|---|---|
| Соҳаи мазкур, яке аз соҳаҳои асосии саноат буда, маҳсулоти хӯроквориро дар шакли маҳсулоти тайёр, нимтайёр, нӯшокӣ ва ғайра омода месозад.<br>Мақсади асосии ин соҳа қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти асосии истеъмолкунандагон буда, ба маҳсулоти озуқа нигаронида шудааст. | Самаранокии ин соҳа дар он аст, ки дар натиҷаи афзудани ҳаҷми маҳсулот нишондиҳаҳои ММД зиёд гашта, рушди иқтисодиёти миллиро дар индекси глобалии ҷаҳонӣ нишон медиҳад.<br>Самараи иқтисодии ин соҳа дар бехатар будани нишондиҳандаҳои техникӣ-иқтисодии истеҳсолот дар натиҷаи афзудани ҳаҷми истеҳсолот ва корхонаҳо ифода меёбад. |

*Идомаи ҷадвали 2.18.*

| | |
|---|---|
| Дигар хусусияташ ин аст, ки соҳа ба комплекси агросаноатӣ дохил шуда, барои истеъмолкунандагон беҳтарин ашёи хурокворӣро муҳайё месозад.<br>Коркарди ин соҳа тавассути технологияҳои муосир эҳтиёҷоти асосии аҳолиро бо маводи нави озуқа таъмин менамояд. | Ба самараи тараққиёти саноати хӯрокворӣ мансубияти ҳудудӣ хос аст, ки корхонаҳои он дар бозори ҷаҳонӣ ва бозори миллӣ самарнок тараққӣ карда метавонанд.<br>Самараи рушди саноати хӯрокворӣ категорияи нисбии иқтисоди бозор мебошад.<br>Тараққиёти хоҷагии қишлоқ ба ин соҳаи истеҳсолот таъсири калон мерасонад. Вай хусусияти таркибии соҳавии саноати хурокворӣ, иқтидори он ва дигар сифатҳои муҳимро муайян мекунад.<br>Бо ҷорӣ намудани инноватсия дар ин самт самараи иқтисодии он бештар таъмин мегардад. |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Соҳаи саноати хӯрокворӣ яке аз категорияи мураккаб ва бисёрҷанбае мебошад, ки равиши систематикиро талаб мекунад. Дар навбати худ, идоракунии инноватсионии ин соҳа, ки аз истеҳсолот иборат мебошад, ба мақсадҳои зерин равона мегардад:

- ба вуҷуд овардан ва ташкили истеҳсоли маҳсулоти сифатан нав ё дорои хусусиятҳои нави истеъмоли маҳсулот (мол, кор ва хизматрасонӣ);

-таъсис ва татбиқи нав ё навсозии усулҳои мавҷудаи истеҳсол, тақсим ва истифодаи он;

-татбиқи навовариҳои сохторӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, кадрӣ, иттилоотӣ ва дигар навовариҳо дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулот (мол, кор ва хизматрасонӣ), ки сарфи хароҷотро таъмин мекунанд ё барои чунин сарфа шароит фароҳам меоранд;

-идоракунии равандҳои тиҷоратикунонии технология;

-таъсис ва рушди инфрасохтори инноватсионӣ соҳаи саноати хӯрокворӣ.

Солҳои охир ба мақсади баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикисон ба “саноаткунонӣ” диққати махсус дода мешавад. Дар равандҳои идоракунии соҳаи афзалиятноки иқтисодӣ барои истеҳсоли маҳсулот инноватсия ҷорӣ карда мешавад, зеро инноватсия омили пешбарандаи фаъолият буда, барои рушди иқтисодиёт саҳми назррас дорад.

Ҳамзамон, корхонаҳои ватанӣ дар самти муътадил нигоҳ доштани фаъолияти босуботи низоми инноватсионии миллӣ, беҳтар гардонидани фазои инноватсионӣ ва барои зиёд кардани маҷмуи маҳсулоти дохилӣ тадбирҳои

зарурӣ меандешанд. Чуноне ки қайд шудааст: “Дар шароити имрӯза корхонаҳо алоқаҳои бевоситаи худро бо истеъмолкунандагон аз даст додаанд. Зеро ки алоқаҳо байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолгарон ба воситаи системаи миёнаравҳо муқаррар карда мешаванд ва инчунин, бо дарназардошти истифодаи хизматрасониҳо ва молҳои нав (прогресси илму техника) чунин ҳолат ба амал меояд”[39]. Ақидаи мазкур аз он бармеояд, ки имрӯз бо назардошти рушди бозор истеъмолгар метавонад аз дилхоҳ ҷой тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ (интернет-магазин) молу маҳсулотро интихоб кунад ва шахси масъул онро ба ҷойи лозима ба фармоишгар дастрас намояд.

Бояд гуфт, ки шароити муосир бештар ба иқтисоди пасазсаноатӣ ва технологияҳои баланд, сармояи инсонӣ, махсусан, донишҳои зарурӣ такя карда, технологияҳои нав ба навро пешкаш намояд. Истифодаи технологияҳои баланд аз сохтори технологӣ, захираҳои илмию техникӣ ва мутахассиси баландихтисос вобастагӣ дорад. Тамоми навоварӣ дар соҳаи технологияҳо дар озмоишгоҳ (лабаратория) ба вуҷуд омада, он барои рушди инфрасохторҳои инноватсионии иқтисодӣ коромад мегардад.  Бояд қайд кард, ки дар замони муосир қувваи асосии истеҳсолот илм буда, ба неруи истеҳсолот таъсири мусбат мерасонад.

Вазъи муосир ва динамикаи рушди нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯрокворӣ нишон медиҳанд, дараҷаи баланди тараққиёти иқтисодии давлат, ба соҳаҳои дигар таъсир расонида, имкониятҳои васеи рушди соҳаи иҷтимоиро ба вуҷуд меорад. Дуруст аст, ки рушди соҳаи саноати хӯрокворӣ дар кишвар манфиатҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии кишварро дар бар мегирад. Баробари руйи кор омдани шаклҳои нави идоракунӣ, тағйирёбии сохторию соҳавӣ ба амал омада, корҳои зиёде бояд мавриди омӯзиш қарор гиранд, аз ҷумла:

- муайян кардани унсурҳои нави равандҳои инноватсионии корхонаҳои саноатӣ;
- татбиқи усулҳои нави идоракунии муосир дар ҷараёни фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ;
- такмили механизмҳои рушди инноватсионӣ;
- ташаккули инфрасохтори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ;

[39]Мирсаидов, А.Б., Шомадова Н.С. Рушди инноватсионии системаи саноати шаҳри Душанбе / Монография, Ирфон, “Бахманруд”. Душанбе, 2019.-С.15.

- арзёбии вазъи муҳити инноватсионӣ, робитаи он бо унсурҳои ҳамгироӣ ва муайян кардани мушкилоти ҷойдошта дар рушди он;
- ҳавасмандгардонии иқтисодии инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ;
- натиҷагирӣ аз раванди идоракунии фаъолияти инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ.

Тазаккур бояд дод, ки замони соҳибистиқлолӣ ва раванди ҷаҳонишавӣ ҷиҳати ҳалли пурраи мушкилоти мавҷуда ва афзудани рақобатнокӣ дар соҳаи саноати хӯроквори водор месозад, кибарои густариши раванди рақамикунонии иқтисод ва татбиқи иқтисоди сабз роҳу воситаҳои зарурӣ дарёфт карда шуда, бо истифода аз неруи инсонӣ ба рушди технологияҳои инноватсионӣ дар иқтисоди миллӣ тақвият дода шавад.

Тавре қаблан зикр кардем, ташаккули инноватсияи миллӣ ва механизми ташкилию иқтисодии фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити иқтисоди бозорӣ масъалаи мубрам ба ҳисоб рафта, барои ба вуҷуд овардани рақобатпазирии онҳо дар бозор аз имконоту захираҳои миллӣ бояд истифода бурд. "Дарвоқеъ, инноватсия бо ҷалби захираҳо меҳвари низоми саноатро ташкил менамояд ва он ҳамчун майдони аслии пуриқтидор баромад мекунад"[40].

Бояд гуфт, ки табдили сифатии форматсияҳои субъектони хоҷагидорӣ тавассути ҷорӣ намудани инноватсияҳо сурат гирифта, бо афзоиши қувваҳои истеҳсолкунандаи саноатӣ аз ҳисоби такмили технологӣ ва рушди воқеии муносибатҳои истеҳсолӣ, ки дар сохтори мушаххаси механизми ташкилию иқтисодӣ амалӣ карда мешаванд, алоқаманд мебошад.

Таъсири механизмҳои муосири идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ ба аҳолӣ бояд ба фаъол шудани фаъолияти инноватсионӣ дар кишвар, баланд бардоштани ҷолибияти сармоягузории он ва дар натиҷа беҳтар шудани мавқеъ дар рейтингии миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намояд.

Таҳияи консепсияи механизми рушди инноватсионии кишвар ҳашт унсури муҳимро дар бар мегирад: ***1. объектҳои инноватсионӣ; 2. марказҳои***

---

[40]Мирсаидов, А.Б., Шомадова Н.С. Рушди инноватсионии системаи саноати шаҳри Душанбе / Монография, Ирфон, "Бахманруд". Душанбе, 2019. -С. 17.

***инноватсионӣ; 3. мавзуъҳо; 4. ҳадафҳо; 5. принсипҳо; 6. алгаритмҳои кор; 7. усулҳои идоракунӣ; 8. равандҳои инноватсионӣ*.**

Дар асоси унсурҳои зикршуда рушди босуботи инноватсионии кишвар, аз ҷумла нишондиҳандаҳои асосии Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин хоҳад гашт.

Аз руйи нуқтаи назари олимон ва мо чунин консепсияи механизми идоракунии инноватсия таҳия гардид.

**Ҷадвали 2.19. Консепсияҳои мавҷуда оиди механизми идоракунии инноватсияҳо вобаста ба нуктаи назари муаллифон**

| Муаллифон | Таърифи механизми идоракунӣ |
|---|---|
| Ким Ген Хва | Ҳар як самт механизмҳои гуногуни идоракунии рушди инноватсионӣ, воситаҳои гуногуни таъсири давлат ба ин равандҳо ва манбаъҳои мухталифи маблағгузории онҳоро ба назар мегирад. Самти якум ба коркард ва истеҳсоли молу хизматрасониҳои куллан нав асос ёфтааст. Самти дуюм бо ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти нав дар кишвар, ки дар хориҷа коркард ва фиристода шудааст, алоқаманд мебошад[41]. |
| Жук И.В. | Механизми идоракунии фаъолияти инноватсионии субъектҳои хоҷагидории минтақвӣ бо назардошти хусусияти даврагии иқтисодиёти ҷаҳонӣ ва ташаккули тартиби нави технологӣ муайян карда мешавад.[42] |
| Мешеряков Г.В. | Механизми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхона ҳамчун маҷмуи усулҳо ва воситаи таъсиррасон ба иқтидори инноватсионии корхона барои рушди самаранокии инноватсионии он фаҳмида мешавад.[43] |
| Умаров Х.У. | Механизми идоракунӣ усули фаъолият буда, барои расидан ба ҳадафҳои стратегии корхона ва воситаи таъсиррасон барои баланд бардоштани самаранокии меҳнат, истеҳсоли дурусти молҳо ва ҷобаҷогузории равандҳои фаъолияти инноватсионӣ мебошад. |
| Носирзода Ҳ.С. (муаллиф) | Механизми идоракунӣ ин ҷараёни ба танзимдарории равандҳои инноватсионӣ бо маҷмуи усулҳою хусусиятҳо барои рушди босуботи иқтисодиёт ва нишондиҳандаҳои индексӣ мебошад |
| Носирзода Ҳ.С. (муаллиф) | Механизми идоракунӣ ин усули ҷобаҷогузории равандҳо ва самтҳои асосии иқтисодӣ мебошад, ки ба воситаи таъсири давлат, менеҷерони корхона ва роҳбарияти муассисаю ташкилотҳо фоида ба даст меояд. |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти истифодашуда

Ҳамин тавр, натиҷаи таҳлили ҷадвал нишон медиҳад, ки маънои “механизми идоракунӣ” аз диди олимони соҳа ҳар гуна фаҳмида шуда, вобаста ба замон ва пешравиҳои ҷомеа маъноҳои зиёдтарро соҳиб мешавад. Агар механизми идоракунӣ дар корхонаҳои саноатӣ хуб ба роҳ монда нашавад, онгоҳ

[41]Ким, Г.Х. Совершенствование механизма управления развитием инновационной среды / Санкт Петербург: С.-Петерб. ун-т управления и экономики, 2014. -С.68.
[42]Жук, И.В. Развитие механизма управления инновационной деятельностью региональных хозяйствующих субъектов / Санкт-Петербург: С.-Петерб. ун-т управления и экономики, 2013. -С.32.
[43]Мещеряков, Г.В. Формирование организационно-экономического механизма управления инновационной деятельностью предприятия / Санкт-Петербург: С.-Петерб. ун-т управления и экономики, 2013. -С.115.

ноустувории равандҳо ва номукамалии фаъолият ба назар мерасад. Дар баробари ин, тавре муҳаққиқон қайд менамоянд: “...сифати пасти низоми идоракунии корхонаҳои санотӣ ба самаранокии фаъолияти онҳо таъсири манфӣ мерасонад”[44]. Аз ин рӯ, пробламаи механизми идоракунии корхонаҳои саноатӣ бо роҳи мукаммалсозии тарзи истифодаи онҳо муайян, ҳалли масъалаи мазкур бо роҳи такмили ҳамаҷонибаи сохтори ташкили идоракунӣ ва татбиқи принсипҳои идоракаунӣ имконпазир хоҳад буд.

Дар шароити гузариши иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба навъи инноватсионӣ маҳз ба масъалаҳои ҷорӣ намудани механизми идоракунӣ дар таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ диққати аввал дараҷа дода, татбиқи коркардҳои инноватсионӣ, тиҷоратикунонии коркардҳои инноватсионӣ, аз худкунӣ ва истеҳсоли маҳсулоти нав дар корхонаҳои саноатӣ ба назар гирифта мешавад.

Муқимова Н.Р. қайд менамояд, ки “....барои баланд бардоштани самаранокӣ ва фаъолсозии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои бахши саноатӣ бояд сиёсати инноватсионӣ дошта бошанд. Онҳо бояд мақсадҳо, афзалиятҳои рушди илмӣ-инноватсионӣ, фаъолият, роҳҳо ва воситаҳои расидан ба онҳоро муайян намоянд”[45]

Дар такя ба нуқтаҳои назари олимон ва муаллиф самаранокии идоракунӣ ва рушди устувори инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ саноати хӯрокворӣ ба механизми идоракунӣ иртиботи зич дорад. Бояд гуфт, ки консепсияи механизми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ бо сиёсати инноватсионии корхонаву ташкилотҳо ва бо стратегияи рушди инноватсионии кишвар мутобиқат менамояд.

Ҷойи дигар қайд мешавад, ки идоракунии инноватсионӣ ҳамчун низоми маҷмуи воситаҳои иқтисодӣ, ҳавасмандкунӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ, усулҳо,

---

[44]Санакоева, Д.К., Мисхожев Э.Р. Сущность и область применения упреждающего антикризного управления в условиях нестабильной рыночной среды // Владикавказ: [Электронный ресурс] https:// dlib.rsl.ru (дата обращения: 14.01.2024)
[45]Мукимова, Н. Р. Инновационное развитие промышленности Республики Таджикистан: оценка и стратегические ориентиры / Н. Р. Мукимова // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. – 2018. – Т. 2, № 3(43). – С. 54-59.

инчунин, шаклҳои идоракунии фаъолияти инноватсионии ташкилот бо мақсади оптимизатсияи натиҷаҳои иқтисодии фаъолияти иқтисодии он мебошад[46].

Раҳмонов Ҷ.Р. қайд манамояд, ки "...ҳангоми таҳия ва такмили механизми идоракунӣ бояд унсурҳо ва воситаҳои асосии таркибии он мушаххас нишон дода шавад. Истифодаи онҳо дар шароити тағйирёбанда бояд самаранокии фаъолиятро таъмин карда тавонад. Марҳилаҳои асосии ташаккули механизми самаранокии идоракунӣ тавассути усулҳои мушаххаси идоракунӣ дар доираи ин ё он корхона бояд муайян карда шаванд. Аз дуруст интихоб гардидани усул, восита ва қарорҳои идоракунӣ дараҷаи самаранокии фаъолият вобастагии зиёд дорад"[47].

Мақсади асосии таҳияи механизми идоракунии инноватсия барои баланд бардоштани самаранокии идоракунии рушди устувори инноватсия дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва ҷорӣ намудани навовариҳои ташкилию идоракунӣ, дастгирию ҳавасмандгардонии кормандон аз татбиқи инноватсия дарак медиҳад. Коҳиш ёфтани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ба вуҷуд омадани зерсистемаҳои идоракунии инноватсионӣ дар корхонаҳо низ ба татбиқи инноватсия рост меояд.

Қобили қайд аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сохторҳои иқтисодиро барои гузаронидани фаъолияти инноватсионӣ ҳавасманд месозад. Маҳз маблағгузориро ба соҳаи илм ва инноватсияҳо таъмин мекунад, ки он метавонад як омили рушди устувори идоракунии инноватсионии соҳаҳои саноати хӯрокворӣ ва дигар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ дар кишвар гардад.

Барои рушди фаъолияти босамари инноватсионии корхонаҳои соҳаи хӯрокворӣ сармоягузории муайян зарур аст, то киистеҳсоли босифат ва бозоргири хӯрока ва дигар анвои ба он баробар ба роҳ монда шавад.

---

[46]Механизм управления инновациями [Электронный ресурс] https://studbooks.net/83656/investirovanie /mehanizm_upravleniya_ innovatsiyami (дата обращения: 26.06.2023)

[47]Раҳмонов, Ҷ.Р., Юсупов И.Н. Механизми самаранок идоракунии корхонаҳои истеҳсолӣ дар шароити муосир // Политехнический вестник. Серия: Интеллект. Инновации. Инвестиции. 2021. – No. 4(56). – P. 107-113.

Дар марҳилаи кунунии тараққиёти ҷаҳон барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ ҷалби сармоягузориҳои мустақим ва дигар сармоягузориҳо асоси рушди фаъолият ба ҳисоб рафта, дигаргуниҳои прогрессивиро дар миён мегузорад. Ба туфайли сармоягузориҳо давлатҳои нави рӯ ба тараққӣ метавонанд ба комёбиҳои прогресси илму техника ва дигар технологияҳои инноватсионӣ ноил гарданд.

Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии саноати хӯроквορӣ бошиддат ҷараён мегирад, ки бештар ба захира, шароит ва микроиқлими инноватсионӣ вобастагӣ дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ метавонад лоиҳаҳои инноватсионии саноати хӯроквориро бо имкониятҳои мавҷуда татбиқ намуда, самаранокии фаъолияти ин самти афзалиятнокро вусъат бахшад.

Имрӯз иқтидори маҳсулоти инноватсионии саноати хӯроквορӣ ҳаҷм ва сифати он аз руйи мушоҳида ва андешаҳои олимони соҳа ба талабот ҷавобгӯ нест. Он танҳо метавонад бозори дохилиро таъмин намояд. Барои содироти молҳои истеҳсолшуда омилҳо зиёд буда, имкониятҳо низ кам нестанд.

Ҳанӯз ҳам ҳалли амалии масъалаи рафъи сабабу омилҳои ба рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквορӣ таъсиррасон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозае боқӣ мондааст. Ин масъалаҳо дар асоси таҳқиқотҳои илмӣ-техникӣ ва натиҷаҳои он як навъ ҳалли худро меёбанд. Аз ин рӯ, ба омӯзиши механизми иқтисодии фаъолияти маҷмуи саноати хӯроквορӣ бояд диққати ҷиддӣ дода шавад, зеро натиҷаҳои он имкон медиҳад, ки рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквορӣ дар асоси қонунҳои иқтисоди муосир ва идоракунӣ таъмин карда шавад.

Емелянова О.В., қайд мекунанд, ки: “...дар шароити бозор шароити объективии истеҳсолот тағйир ёфта, муносибатҳои истеҳсолӣ низ дигаргун мешавад ва он такмили механизми идоракунии фаъолияти хоҷагидориро талаб

мекунад, ки як қисми онҳо муносибатҳои ташкилию иқтисоди буда, равандҳои инноватсиониро фаро мегиранд”[48].

Механизи идоракунии инноватсионӣ низоми унсурҳои ба ҳам алоқамандест, ки рушди ягонаи муттасили самарноки неруи инноватсиониро таъмин намуда, муносибатҳои ташкилию иқтисодиро дар фаъолияти инноватсионӣ ба роҳ мемонад. Ҳамаи ҷузъҳои механизми идоракунӣ бояд бо ҳам алоқаманд ва бо ҳамдигар фаъолона ҳамкорӣ намоянд. Ҳамзамон, механизми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар шароити табодули бозор як низоми интегралӣ буда, маҷмуи фишангҳои гуногуни идоракуниро дар бар мегирад, ки фаъолият ва рушди иқтисодиётро дар шароити татбиқи унсурҳои инноватсионӣ ҳамоҳанг ва танзим мекунад.

Дар шароити бозор ва тағйирёбии равандҳои инноватсионӣ механизмҳои идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ тақозо мекунад, ки муносибатҳои ташкилию иқтисодӣ такмил ва дуруст ба роҳ монда шаванд.

Феълан рушди сохторҳои инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон нобаробар ҷараён дошта, рушди соҳаи саноати хӯрокворӣ ба инноватсия ниёз дорад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки инноватсия дар мамлакат аз давраи шуравӣ дар аксари соҳаҳо вуҷуд дошт, аммо пош хӯрдани иттиҳоди шуравӣ боиси ақибмонии  рушди иқтисодиёти миллӣ гардида, механизмҳои сохторҳои равандҳои инноватсионӣ дар ҳолати ноустувор қарор гирифтанд. Ба ин мақсад Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди иқтисодиёти мамлакат ҳадафҳои асосӣ, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардан ва ба кишвари транзитӣ табдил додан, таъмин ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ, дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат, вусъатдиҳии шуғли пурмасъул ва гузариш аз шакли агарарӣ ба аграрӣ-индустриалиро қабул кард.

[48]Емельянова, О.В., Перцева, Я.И. Механизм управления инновационной деятельностью // Вестник Экономика и право 2016. № 5 (63) -С.86-90.

Ҳоло дар мамлакат барои рушди неруи инноватсионии миллӣ ва танзими он Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ”, Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ мавриди амал қарор доранд.

Дар асоси мушоҳида, таҷриб ва натиҷаҳои корҳои таҳқиқотии анҷомдодаи олимону муҳаққиқон механизми идоракунӣ ва рушди минбаъдаи саноати хӯроквориро дар чунин шакл тавсир намудем (расми 2.4.):




**Расми 2.5.** Механизми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Чунин механизми идоракунии фаъолияти равандҳои инноватсионӣ ҳамчун омили раванди танзимкунандаи рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар заминаи таъмини робитаи зич бо тамоми соҳаҳои он пешниҳод карда мешавад.

Дар ин ҷо давлат ҳамчун танзимкунандаи идоракунии фаъолияти инноватсионӣ баромад карда, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон бошанд, ҳамчун субъектони идоракунии равандҳои инноватсионӣ ва заминаи таъмини фаъолияти инноватсионӣ ба ҳисоб меравand.

***Чорабиниҳои илмӣ-техникӣ*** ин ташкили маҳфилҳо ва семинарҳои амалӣ мебошад, ки дар он барои инкишофи тафаккур оид ба такрористеҳсоли маҳсулоти офаридашудаи илмӣ (навъҳои нави таҷҳизот, усулҳои нави идоракунӣ, маҳсулоти нав ва ғайра) ҷиҳати дар истеҳсолот васеъ ҷорӣ намудан имконият медиҳад.

***Марказҳои саноатӣ, озмоишгоҳҳои бехатарии озуқаворӣ*** маконе мебошад, ки дар он саноат, ҳамчун нуқтаи асосии омӯзишӣ  хизмат намуда, барои рушди минбаъдаи идоракунии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт таъсири худро мерасонад. Дар ин баробар, тамоми истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ аз озмоишгоҳҳо гузашта, бехатарии маҳсулоти озуқаворӣ дар кишвар таъмин карда мешавад.

***Корхонаҳои саноати хӯрокворӣ*** ташкилот ё ширкатҳое мебошанд, ки ба истеҳсоли маҳсулоти асосии хӯрокворӣ машғуланд ва таъмини бозори истеъмолии ватанию берунӣ бо маҳсулоти хӯрокворӣ вазифаи онҳост.

***Чорабиниҳои илмӣ-инноватсионӣ*** ташкили маҳфилҳои илмӣ-амалӣ ва инноватсиониро дар бар мегирад. Дар он сиёсати давлатии илмӣ-инноватсионӣ, татбиқи донишҳои нави илмӣ-инноватсионӣ дар фаъолияти технологӣ, муҳандисӣ ва иқтисодию иҷтимоӣ, хизматрасонӣ, инчунин, бароҳмонии фаъолияти илмӣ ва техникӣ ҳамчун системаи ягона омӯхта мешавад.

***Озмоишгоҳҳои сайёри бехатарии озуқаворӣ*** дар ин ҷо тамоми маҳсулоти истеҳсолшудаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ аз озмоишгоҳҳо гузашта, баъдан ба бозори дохилӣ ва берунӣ равона карда мешаванд. Озмоишгоҳҳои мазкур бехатарии озуқаворӣ ва идоракунии истеҳсолоти маҳсулоти корхонаҳои саноатии хӯроквориро таъмин менамоянд.

***Марказҳои танзими давлатии истеҳсол, воридот ва гардиши молҳои хӯрокворӣ*** маконеанд, ки танзими давлатии истеҳсолотро дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба роҳ монда, воридот ва гардиши савдои молҳои хӯроквориро таъмин мекунанд. Чунин марказҳо фишанги асосии танзимнамоӣ ва омили муҳимми рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва заминаи таъмини фаъолияти инноватсионӣ ба ҳисоб меравaнд.

Ин механизмҳо идоракунии раванди инноватсиониро дар соҳаи саноат ба танзим дароварда, ҳамаҷониба иқтидори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквориро назорат мебаранд. Чунин механизмҳо барои амалия ва фаъолияти босамари корхонаҳои саноати хӯрокворӣ заруранд.

Тазаккур бояд дод, ки набудани механизмҳои идоракунию танзимнамоӣ истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро ба ноустувории рушди соҳаи саноати хӯрокворӣ оварда мерасонад. Айни ҳол, механизмҳои корхонаҳои саноати хӯроквории кишвар ба таври зарурӣ устувор набуда, фаъолияти корхонаҳои хӯрокворӣ ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ хушсифату самараовар нестанд.

Вобаста ба ин мо механизми идоракунии рушди инноватсиониро ба чунин зайл пешниҳод намудем:




**Расми 2.6.** Механизми идоракунии рушди инноватсионӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Бо вуҷуди таваҷҷуҳи зарурӣ ва таҳқиқотҳои зиёди олимони иқтисодшинос оиди ҷанбаҳои назариявии инноватсионӣ пажуҳишҳо дар мавриди методология ва масъалаи таҳияи воситаю механизмҳо кам ба назар мерасанд. Методология ва механизмҳои мавҷуда имкон медиҳанд, ки дар фаъолияти инноватсионии ҳар як соҳаи афзалиятноки иқтисодӣ ва инфрасохторҳои он сермаҳсулу муваффақиятнок гардад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки механизми ташкилию иқтисодии муносибатҳои истеҳсолӣ, ҳамкории судманди субъектони истеҳсолоти саноатӣ ва хизматрасонӣ ҳамчун низоми мукаммали шаклу усулҳои идоракунии нав дар иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад.

## Хулосаҳои зербоб

Қайд кардан зарур аст, ки идоракунии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бояд ба талаботи муайян ҷавобгӯй ва фарогири тамоми самту ҷанбаҳои фаъолият ва самаранокии молиявӣ бошад. Аз ин сабаб, идоракунии рушди устувори корхонаҳои саноатӣ дар байни дигар самтҳои идоракунии фаъолияти инноватсионӣ муҳиммияти хосро соҳиб буда, бояд масъалаҳои зеринро дар бар гирад:

1. Омилҳои дохилӣ ва берунии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз ҷумла саноати хӯрокворӣ ошкор ва унсурҳои асосии механзими иқтисоди рушди инноватсионии миллӣ ва роҳҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ муқаррар карда шуданд;

2. Муайян карда шуд, ки корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба сармоягузории мустақиму дигар сармоягузориҳо ва ба таъминоти моддию техникии муосир ниёз доранд;

3. Пешниҳод гардид, ки бо назардошти замони муосир ва талаботи аҳолӣ инфрасохторҳои корхонаҳои саноатӣ дар минтақаҳои дурдаст бо шакли типи замонавӣ ташкил карда шаванд;

4. Барои дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти саноатӣ ва азхудкунии технологияҳои иттилоотии соҳибкорон, маблағҳои зарурӣ ҷудо карда шаванд;

5. Такмили дастгирии молиявӣ барои рушди идоракунии инноватсионии саноати хӯрокворӣ тавассути иштирокчиёни сармоягузорони беруна самаранокии фаъолиятро таъмин хоҳад кард;

6. Нақши механизми андозбандии имтиёзнок аз фоиди ба инноватсия равона гардида баланд бардошта, имтиёзҳои андозбандӣ ба моликият дода шавад;

7. Имтиёзҳои қарзҳои давлатӣ барои рушди идоракунии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодии саноати хӯрокворӣ муайян карда шудаанд;

8. Фоизҳои бонк барои соҳаи саноати хӯрокворӣ ва дастгирии молиявию қарзии бонкҳои тиҷоратӣ паст карда шаванд;

9. Ба мақсади баланд бардоштани сифати маҳсулоти озуқаворӣ дар кишвар ва берун аз он марказҳои озмоишӣ ва нуқтаҳои назорати давлатии бехатарии озуқаворӣ таъсис дода шаванд;

10. Бунёди инфрасохторҳои назорати сифати маҳсулоти хӯрокворӣ дар ҳудуди минтақаҳо, рақобатро дар бозор ба вуҷуд меорад.

### 2.3. Арзёбии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ

Аҳаммияти навоварӣ дар саросари ҷаҳон босуръат афзуда, динамика ва сифати рушди иқтисодии ҷаҳони муосир торафт бештар ба назар мерасад. Рушди сифатии идоракунии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ва истифодаи самараноки технология дар иқтисодиёти ҷаҳон аз дараҷаи рушди илм, инноватсия ва истифодаи стратегияҳои иттилоотӣ, маркетингӣ ва хизматрасонӣ дарак медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки инноватсия ғояи бартаридоштае мебошад, ки имрӯз иқтисодиёти ҷаҳонро муттаҳид кардааст, чунончи, "...солҳои охир омилҳои анъанавиро (динамикаи маблағгузориҳои асосӣ, шумораи коргарон) самти инноватсионии афзоиши иқтисодиёт иваз кардааст"[49].

Рушди бемайлони иқтисодӣ имкониятҳои васеъро бо назардошти технологияҳо ва ҷорӣ намудани инноватсия фароҳам овард, аз ҷумла иқтисодиёти рақамӣ, ташаккули тамаддуни иттилоотӣ, технологияҳои иттилоотӣ ва рушди босуботи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ. Ҷаҳони имрӯзаро бе рушди технологияҳо ва ҷорӣ намудани инноватсия дарк кардан ниҳоят душвор аст. Аз ин рӯ, фаъолияти корхонаҳои саноатиро навоварона ба роҳ мондан муҳим ва саривақтист.

[49]Ходжаев, П.Д. Инновационное развитие рынка услуг пассажирского автомобильного транспорта: состояние, проблемы и перспективы / Монография . Душанбе: «Ирфон», 2016. – С. 68.

Қодирзода Д.Б. дар мавриди идоракунии корхонаҳои саноатӣ ишора менамояд, ки “Муҳиммияти проблемаи идоракунии корхонаҳои саноатӣ аз рӯйи меъёри устуворӣ бо имконоти баландбардории сатҳи боздеҳи захираҳои меҳнатӣ, молиявӣ ва моддии сарфшуда бо роҳи мукаммалсозии тарзи истифодаи онҳо муайян карда мешавад”[50].

Яке аз нуктаҳои асосии таҳқиқоти гузаронидашуда методологияи арзёбии ҳамаҷонибаи иқтидори фаъолияти инноватсионӣ ва фаъолнокии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мебошад, ки дар он маълумотҳои муфассал дода шудаанд. Таҳлили муҳити дохилӣ ва баҳодиҳии комплекси фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатии хӯрокворӣ  моро водор месозад, ки бештар ба баланд бардоштани сифати маҳсулот, идоракунии равандҳои инноватсионии корхонаҳои саноати коркард, банақшагирии маркетингӣ ва молиявӣ, дастгирии ҷараёни инкишоф ва паҳн намудани маҳсулоти инноватисонӣ кӯшиш ба харҷ диҳем. Самаранокии идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ аз дурустии сиёсати низоми идоракунии худи корхона ва кадрҳои баландихтисоси ботаҷриба вобаста аст.

Аз руйи мушоҳидаҳо фаҳмида мешавад, ки имрӯз ҷомеа ба маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза ва хушсифат ниёз дошта, маҳсулоти пастсифат қобили қабул нест. Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба даст овардан ва нигоҳ доштани бартариҳои рақобатӣ аз ҷониби истеъмолкунандагони мол дар бозори дохилӣ ва берун аз он яке аз вазифаҳои муҳим арзёбӣ мегардад.

Фаъолсозӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти инноватсионӣ на танҳо асоси рушд, балки афзоиши динамикаи истеҳсолоти маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ низ ба ҳисоб меравад. Идоракунии фаъолияти саноати хӯрокворииро аз руйи нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯрокворӣ ба назар гирифта, зарурати такмил додани фаъолнокии равандҳои инноватсионии он ба миён меояд.

[50]Қодирзода, Д.Б., Наимзода, Н.Қ. Ҷанбаҳои назариявии идоракунии устувории иқтисодии корхонаҳои санотӣ дар шароити муосир // Паёми Донишгоҳи миллӣ, 2019. № 10. Қисми II.  – С.18-21.

Дар ҳар сурат фаъолнокии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар кишвар ба назар расида, шумораи корхонаҳои хӯроки умумӣ афзудааст. Ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои хӯроки умумӣ дар соли 2022 нисбат ба соли 2015 135,1% (шумораи корхонаҳои хӯроки умумӣ) 154,1% (шумораи ҷойҳои корӣ дар корхонаҳои хӯроки умумӣ) рушд кардааст (ҷадвали 2.20).

**Ҷадвали 2.20. Шумораи корхонаҳои хӯроки умумӣ ва ҷойҳои корӣ дар онҳо.**

| Солҳо / Теъдоди корхона ва ҷойи кор | 2015 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2021 нисбат бо соли 2022 (бо %) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои хӯроки умумӣ (воҳид) | 2717 | 2757 | 2802 | 3095 | 3176 | 3109 | 3671 | 135,1% |
| Шумораи ҷойи кор дар корхонаҳои хӯроки умумӣ (ҳазор) | 141,3 | 169,9 | 275,9 | 170,2 | 245,0 | 214,0 | 217,8 | 154,1% |

**Манбаъ:** Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: Тоҷикистон дар рақамҳо, 2023. –С.124.

Чунин афзоиш кофӣ набуда, барои фаъолсозии корхонаҳои хӯрокворӣ ва зиёд намудани теъдоди ҷойҳои кори холӣ бояд тадбирҳои зарурӣ андешида шавад. Зеро корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар иқтисодиёт ва рушди ММД нақши калидӣ мебозанд.

Бояд гуфт, ки аз руйи Барномаи рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 ба саноати хӯрокворӣ 568,8 млн. сомонӣ маблағгузорӣ пешбинӣ гардидааст. Дар Барнома омадааст, ки барои устувории мавқеи маҳсулоти ватанӣ, гузариши соҳаи хӯрокворӣ ба сатҳи нави технологияҳои инноватсионӣ, зиёдшавии гуногуннавъии маҳсулоти истеҳолшавандаи ватанӣ ва таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти хушсифат замина фароҳам оварда шудааст.

Барномаи рушди саноати хӯрокворӣи кишвар барои истеҳсоли корхонаҳои хӯрокворӣ, ҳамчун дастур ба ҳисоб меравад, ки аз руйи он метавонанд иқтидору мавқеи маҳсулот ва гуногуннавъии маҳсулоти истеҳсолшавандаи ватаниро бо воридоти технологияҳои таъминкунандаи хӯрокворӣ зиёд намоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иқтисодиёти навин, бахусус, гузаштан ба модели нави инноватсионӣ, ҳукумати рақамӣ, ташкили паркҳои технологӣ, марказҳои

илмӣ-техникӣ ва дигар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаҳои саноати хӯроквори тавaҷҷуҳи махсус медиҳад. Заминаҳои асосии рушди инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо гузариш аз сохт ва тартиби пешин ба сохти нав бо таъсири прогресси илму техника аз аҳаммият холӣ нест.

Имрӯз рушди фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквории торафт устувор мегардад, ки ба афзоиши ММД таъсири мусбат мерасонад. Дар ҳама марҳилаҳои фаъолияти инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ эҷоди маҳсулоти нав, усулҳои идоракунии нав ва иҷрои ҳадафҳои пешбинишуда ба амал меояд, ки боиси рушд, зиёдшавии захираҳо ва руйи кор омадани лоиҳаҳои нави инноватсионӣ мегардад.

Падидаи иҷтимоию иқтисодии имрӯзаи ҷаҳонӣ низоми куҳнаро ҷоиз нашуморида, бо тағйирёбии иқтисодӣ низоми навро қабул дорад. Яъне, модели нави иқтисодӣ бояд қабул гардад, ки он барои рушди идоракунии иқтисодӣ тариқи инноватсия, махсусан, дар соҳаи саноат мусоидат хоҳад кард. заминагузор мебошад.

Тағйирёбии идоракунии иқтисодии инноватсионӣ, пеш аз ҳама, ба шиддат рушд ёфтани рақобатпазирии иқтисоди ҷаҳонӣ иртибот дорад. Фаъолнокии инноватсионии корхонаҳои саноати хӯроквории вазъи иқтисодиёти кишварро тағйир ва беҳтар месозад. Инноватсия имкон медиҳад, ки яку якбора фаъолият рӯ ба беҳбудӣ оварда, самаранокии истеҳсолот таъмин гардад.

Фароҳам овардани заминаи рушди идоракунии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ва фаъолияти муътадили соҳаи хӯроквории ба таъмини суръати баланди рушди идоракунии иқтисоди инноватсионӣ вобаста аст. Ҳамин тариқ, инноватсия мавқеи баланди субъекти иқтисодиро дар фазои ҷаҳонӣ ва равандҳои идоракунӣ соҳиб будан созгор аст. Таъсири ҷаҳонишавӣ ба ин соҳа ва густариши равандҳои идоракунии инноватсионии муосир дар шароити иқтисоди бозорӣ накши муассир мегузорад.

Суръатнокии равандҳои инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ ва рушди идоракунии иқтисодию иҷтимоии кишвар, сатҳи

рақобатпазирии корхонаҳои ватаниро баланд бардошта, амнияти иқтисодии миллиро таъмин месозад.

Дар ҷомеаи муосири технологӣ манбаи асосӣ рушди саноат буда, аҳаммияти ин соҳа дар иқтисодиёт бузург аст. Татбиқи стратегияи рушди кишвар ба иқтидори баланди саноати хӯрокворӣ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Чунон ки болотар қайд кардем, навовариҳо хусусиятҳои худро вобаста ба замон ва тараққиёти ҷамъиятӣ тағйир дода, арзиши иқтисодӣ касб мекунанд. Дар шароити муосир тағйирёбии равандҳои иқтисодӣ аз тафакур, донишҳои зеҳнии шахс ва талаботи ниёзи халқ вобастагӣ дорад. Барои рушди иқтисодиёт кишварҳои тараққикарда ҳамчун сарчашмаи тағйирёбии равандҳои иқтисодӣ ба ҳисоб мераванд. Дар ин баробар, рушди илм, таҳқиқотҳои илмӣ ва натиҷагирӣ аз онҳо низ метавонанд манбаи тағйирёбии фаъолияти равандҳои иқтисодӣ гарданд.

Бояд гуфт, ки дар давлатҳои пешрафта ба фаъолнокии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ диққати махсус дода, бо дастгирии молиявӣ мушкилоти ҷойдоштаро бартараф мекунанд. Масалан, дар ИМА Қонун дар бораи маблағгузории давлат ба ширкатҳои хурд барои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ амал мекунад. Тибқи ин қонун вазорату идораҳои дахлдори давлатӣ ҳамасола аз ҳисоби буҷаи худ ба ширкатҳо барои корҳои илмию таҳқиқотӣ кумаки молиявӣ мерасонанд. Дар Чин корхонаҳо ба рушди эҷодӣ диққати махсус медиҳанд. Онҳо муносибатро тағйир дода, фаъолияти навоварона ва истеҳсоли маҳсулоти навро ба роҳ мемонанд. Ҳатто баъзе аз корхонаҳои истеҳсолӣ бо марказҳои илмӣ-техникӣ ва донишгоҳҳои бонуфуз шартнома баста, аз ҳисоби буҷаи худ барои корҳои илмию таҳқиқотӣ ва навовариҳо маблағгузорӣ менамоянд.

Албатта, давлатҳои мутараққӣ, ки ба марҳилаи нави иқтисодӣ ворид гаштаанд, имкони таъмини дигар давлатҳоро бо техникаю технологияҳои муосир доранд. Онҳо пайваста оид ба модели нави рушди устувори иқтисодӣ ва рушди босуръати инноватсионӣ чораҳои зарурӣ меандешанд. Дар ин маврид Зинова В.Г. чунин меандешад: “Яке аз омилҳои муҳимми васеъ кардани миқёси

навоварӣ дар иқтисодиёти кишварҳои мутараққӣ рушди босуръати корҳои инноватсионӣ шудааст, ки сифати ҳаётро таъмин мекунад ва ба ниёзҳои инсон нигаронида шудааст”[51].

Тибқи маълумотҳо дар Ҷумҳурии Узбекистон барои рушди устувори иқтисодиёт суръати инноватсионӣ ва васеъ намудани миқёси навоварӣ фондҳо ташкил карда шудаанд, ки дар ҳалли масъалаҳои идоракунии инноватсионӣ нақши муҳим мебозанд.

- фонди дастгирии рушди инноватсионӣ ва ғояҳои инноватсонӣ;

- фонди маблағгузории илм ва дастгирии инноватсия;

- фонди рушди тиҷоратӣ ва тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмию техникӣ;

- фонди дастгирии ҷавонони лаёқатманд[52].

Ташкили чунин фондҳо дар кишвари мо низ барои пешбурди идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ муҳим аст. Давлат дар ин соҳаҳо бояд ташаббус нишон дода, маблағ ҷудо карда, барои ташкили фондҳои зикршуда дар соҳаи инноватсия шароит фароҳам созад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки Узбекистон дар гурӯҳи кишварҳои дорои сатҳи даромади миёнаашон пасттар мақоми даҳумро ишғол намуда, дар рушди сармояи инсонӣ, сатҳи инфрасохтор ва рушди бозори дохилию идоракунии инфрасохторҳои соҳибкорӣ миёни онҳо фарқ мекунад.

Аз ин бармеояд, ки Ҷумҳурии Узбекистон барои баланд бардоштани идоракунии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ созмонҳои илмӣ ташкил намуда, рушди устувори босуботи иқтисодиётро дар шароити муосир таъмин мекунад.

Бояд гуфт, ки усулҳои идоракунии равандҳои инноватсионии давлатҳои хориҷа мустақим ва ғайримустақим буда, аз як тараф, ба ҳавасмандгардонии

---

[51]Зинова, В.Г. Инновационное развитие компании: управление интеллектуальными ресурсами / Учеб. Пособие.- М.: Издательство «Дело» АХН, 2009. -С.20.

[52]Инновационный Узбекистан: страна бросит силы на развитие 6 научных отраслей (Электронный ресурс) https://uz.sputniknews.ru/20210406/innovatsionnyy-uzbekistan-strana-brosit-sily-na-razvitie-6-nauchnyx-otrasley-18172624.html (дата обращения: 02.03.2023)

равандҳои инноватсионӣ ва, аз тарафи дигар ба фароҳам овардани шароити мусоиди иқтисодӣ-иҷтимоӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи фаъолияти илмию техникӣ созгор ва мувофиқанд.

Бояд тазаккур дод, ки кишвари мо низ метавонад аз таҷриба ва усулҳои фаъолсозии равандҳои инноватсионии давлатҳои хориҷа барои рушди минбаъдаи равандҳои инноватсионӣ ва фаъолияти илмӣ-техникӣ истифода барад. Барои рушди идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ мустақиман фаъолият бурдану, қарорҳои иқтисодӣ баровардан доираи фаъолиятро густурда месозад. Давлат бояд дар ташаккули иҷтимоӣ низ саҳм гузошта, шароити хуби инноватсионӣ фароҳам оварад. Дар навбати худ вазорату идораҳои давлатӣ ба корхонаҳое, ки ба муфлисшавӣ наздиканд, ёрии иқтисодӣ расонида, бо идеяҳои нав онҳоро аз ин варта берун созад.

Бояд гуфт, ки таҷрибаи ширкатҳои хориҷӣ дар таҳияи стратегияи рушд ва барномаҳои инноватсионии истеҳсолӣ ҳамчун идоракунии иқтидори инноватсионӣ хидмат мекунанд.

Натиҷаҳои омӯзишу таҳлили таҷрибаҳои ҷаҳонӣ ва гузариши иқтисодиёти миллӣ ба иқтисоди навин як қатор имкониятҳои васеъро барои рушди иқтисодӣ фароҳам овард. Бояд гуфт, ки дар асоси ин омӯзиш нишондиҳандаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва рақобатпазирӣ беҳтар ва ташкили идоракунии равандҳои инноватсионӣ фаъолияти иқтисодиро назаррас гардонид.

Ба мақсади ҳавасмандкунии инноватсия ба соҳаи илму техника, саноат ва хизматрасонии пулакӣ зиёдтар эътибор дода, ташаккули идоракунии равандҳои инноватсионии иқтисодиётро ҳамаҷониба таъмин бояд кард.

Муносибатҳои иқтисодии байналхалқӣ барои рушди идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатии ҳар як кишвар таъсири мусбат мерасонанд, зеро ҳамкориҳои дуҷониба омили муҳимми рушди иқтисодиёт ба шумор меравад. Рушди идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ бо ҷорӣ намудани ҳавасмандгардонии давлатӣ асоси таъмини рушди босуботи иқтисоди кишвар мегардад.

Мусаллам аст, ки суръати рушди соҳаи инноватсионии миллӣ дар иқтисодиёти ҳам кишвар ва ҳам иқтисодиёти ҷаҳон тағйирот меорад. Тағйироти куллие, ки дар иқтисодиёти ҷаҳон вобаста ба технологияи инноватсионӣ ба амал меояд, ба дигар давлатҳои ниёзманд таъсир мерасонад.

Муҳамадяров А.М. қайд мекунад, ки вобаста ба гуногунии системаҳои илмии миллӣ ва хусусиятҳои онҳо барои кишварҳои бузурги саноатии рушд дар идоракунии инноватсия як қатор тамоюлҳои умумӣ ба назар мерасанд, аз ҷумла:

- тақвияти функсияҳои танзимкунандаи давлат дар соҳаи инноватсия;

- таҳкими тамоюли мақсадноки рушди инноватсионӣ. Дар айни замон, хоҳиши давлатҳо барои истифодаи васеи навовариҳо дар ҳалли чунин мушкилот, ба монанди рушди биотехнология, электроника ва телекоммуникатсия ва ҳифзи муҳити зист торафт бештар мегардад;

- истифодаи барномаҳои бузурги миллӣ, байнисоҳавӣ ва ҷаҳонии илмӣ-техникӣ;

- тадриҷан гузаштан ба барномасозии дарозмуддати рушди инноватсионӣ. Бисёр ширкатҳо мекӯшанд, ки барномаҳои дарозмуддати рушди инноватсионӣ таҳия созанд ва дар асоси онҳо фаъолият намоянд. Чунин барномаҳо барои барномаҳои давлатии илмӣ ва техникӣ хос аст;

- ҷаҳонишавии соҳаи инноватсия, ки дар афзоиши ҳиссаи хориҷиҳо зоҳир мешавад.

Маблағгузории таҳқиқоти илмӣ дар аксари соҳаҳои тараққикардаи кишварҳо, махсусан, ба ташкили корхонаҳои инноватсионӣ дар минтақаҳо рост меояд. Ташаккули инноватсияи ҷаҳонӣ дар асоси шабакаҳои таҳқиқотӣ на танҳо мазмун ва афзалиятҳои таҳқиқотро тағйир медиҳад, балки фаъолияти ширкат ва тарзу усулҳои идоракуниро нав мекунад ва барои муваффақиятҳои нав замина фароҳам меорад[53].

---

[53]Мухамедьяров, А.М. Инновационный менеджмент / Учебное пособие 2-е изд.: ИНФРА-М.- Москва, 2008.-С.137.

Ин омилҳо самтҳои асосии равандҳои фаъолияти инноватсионии миллиро пурзур намуда, дараҷаи муайяни фаъолияти идоракунии инноватсияи миллиро дар ҳар як кишвар бо усулҳои нав танзим менамояд.

Бояд гуфт, ки дар як қисм ташкилоту корхонаҳои саноатии кишвари мо баъзе тамоилҳои зикршуда ба чашм мерасад, вале ҳанӯз ин қаноатмандкунанда нест.

Феълан фаъолияти корхонаҳои саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи зарурӣ арзёбӣ намегардад. Тамоюлҳои асосии рушди саноати хӯроквории мавқеи истеҳсолкунандагони озуқавориро дар бозори дохилӣ, афзоиши рақобатро байни ширкатҳои истеҳсолкунандагони хориҷӣ ва ватанӣ ва ниҳоят, истеҳсолоти босифатро дар шакли ташкили сохторҳои холдингӣ муттаҳид месозад. Масалан, бештари корхонаҳои саноатии хӯроквории иқтидори захираҳои истеҳсолиашон аз кишвари хориҷа буда, ҳаҷми таъминоти зихираҳои истеҳсоли ватанӣ камтар мебошад.

Қобили қайд аст, ки саноати хӯроквории баробари рушди мунтазам дар татбиқи ду ҳадафи стратегӣ – таъмини амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат мусоидат менамояд. Ҳоло ба соҳаи хӯроквории кишвар, асосан, ба истеҳсоли консерваҳои меваю сабзавот, равғанбарорӣ, шаробу нӯшокиҳои ғайриспиртию спиртӣ, сигорбарорӣ, қаннодӣ, истеҳсоли намак, истеҳсоли орду нон ва гӯшту шир таваҷҷуҳ бештар зоҳир мегардад. Мақсади стратегии он, таъмини устувор ва кафолатноки аҳолӣ бо маҳсулоти безарар ва дорои сифати баланд мебошад.

Аз руйи маълумоти расмии соли 1991 дар ҷумҳурӣ 94 корхонаи саноати хӯроквории мавҷуд буд. Дар давраи истиқлолияти давлатӣ ин рақам мунтазам боло рафта, соли 2022 ба 634 адад корхона расонида шудааст.

Соли 1996 бошад ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти соҳа 48,3 миллион сомониро ташкил дода, соли 2022 ин нишондод ба 10 млрд. 383 млн. сомонӣ баробар шуд.

Тавассути татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот дар ҳар корхонаи саноати хӯроквории истеҳсоли аз 6 то 81 номгӯи маҳсулоти ғизоӣ, аз ҷумла аз маҳсулоти кишоварзӣ ва маҳсулоти нимтайёри корхонаҳои коркарди

ватанӣ ва воридотӣ, бахусус, баҳри маҳдуд кардани фаъолияти мавсимӣ ба роҳ монда шуд.

Ба мақсади такмили низоми сифати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, таъмини сифат ва амнияти маҳсулот, афзун намудани ҳаҷми содиротии маҳсулоти соҳаҳои саноати хӯрокворӣ тавассути ҷорӣ намудани сертификатсиякунонии байналмилалӣ дар корхонаҳои соҳа раванди гузариш ва мутобиқгардонии низоми сифати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ба стандартҳои байналмилалӣ идома дорад.

Аз ин бармеояд, ки инноватсия ба соҳаи хӯрокворӣ таъсири мусбати худро мерасонад. Баробари рушди ҳаҷми маҳсулоти хӯрокворӣ ва воридоти техникаву технологияҳои инноватсионӣ ба ин соҳа хавфҳои инноватсионӣ низ бояд ба назар гирифта шаванд. Зеро корхонаҳои истеҳсолӣ нисбат ба дигар соҳаҳои фаъолияти соҳибкорӣ бештар бо таваккал алоқаманд буда, дар он амалан кафолати пурраи натиҷаи мусоид мавҷуд нест.

Бояд гуфт, ки хавфи инноватсионӣ ин эҳтимолияти зиёнҳое мебошад, ки аз як ширкати соҳибкорӣ ба истеҳсоли молҳо ва хизматрасониҳои нав сармоягузорӣ мекунад ва бозор талаботи пешбинишавандаро пайдо карда наметавонад. Хавфҳоро ба ду қисми асосӣ метавон ҷудо намуд:

1. Хавфҳои инноватсионии дохилии корхонаи саноатӣ;
2. Хавфҳои инноватсионии берунии корхонаи саноатӣ.

Ҳадафҳои асосии идоракунии хавфҳо дар инноватсия инҳоянд:

1. Муайян ва пешгӯии кардани хавфҳо дар фаъолияти инноватсионӣ;
2. Таҳлил ва баҳодиҳии миқдории хавфҳо;
3. Таҳияи усулҳои идоракунии хавфҳо;
4. Мониторинги раванди инноватсионӣ ва қабули қарорҳо доир ба кам кардани хавфҳо.

Хавфҳо дар бисёр маврид бо аз худ намудани техника ва технологияҳои нав, ҷустуҷӯи захираҳои кам кардани арзиши аслии маҳсулот ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат алоқаманд буда, хусусияти фарқкунанда дорад. Аҳаммияти лоиҳаҳои инноватсионӣ дар истеҳсоли маҳсулоти босифат тариқи

техникаю технологияҳои инноватсионӣ, сармоягузорӣ ба он, ташкили фондҳои молиявӣ ва усулҳои нави идоракунӣ зоҳир мешавад. Аз ин рӯ, хавфҳои бавуҷудомада зарарҳои зиёд доранд.

Хавфҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ метавонанд дар ҳолатҳои зерин рух диҳанд:

- ҳангоми ҷорӣ намудани усули истеҳсоли арзонтарини мол нисбат ба усулҳои аллакай истифодашуда (дар ин маврид корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба як намуд хавф дучор мешаванд, яъне баҳодиҳии нодуруст ба эҳтимоли талабот ба маҳсулот);
- ҳангоми дар таҷҳизоти фарсудашуда (куҳна) истеҳсоли маҳсулоти нав ё хизматрасонии нав (дар ин маврид номуайянии маҳсулоти нав ё пастшавии сифати маҳсулоту хизматрасонӣ ба вуҷуд меояд);
- бо истифода аз техника ва технологияҳои муосир истеҳсоли маҳсулоти нав ё хизматрасонии нав (дар ин маврид ҳолати хавфи инноватсионӣ ба назар гирифта мешавад);
- қабули мутахассисони дорои дониши пасти технологӣ (дар ин маврид хавфи истифода нодруст ва сусти технологияҳо ба вуҷуд меояд);
- маҳсулоти нав дар бозор талабот ва харидор пайдо карда наметавонад, хизматрасонии нав низ писанд ё қобили қабул намегардад;
- суст будани механизми идоранамоии инноватсионӣ;
- саривақт қонеъ нанамудани талаботи мизоҷон бо маҳсулоти хӯрока бо дархости аввалин;
- рақобати маҳдуд дар байни истеҳсолкунандагон бо сабаби кам будани шумораи онҳо;
- суст будани низоми иттилоот дар бораи маҳсулоти истеҳсолшуда;
- номувофиқатии дороиҳо ва уҳдадориҳои бонкӣ;
- ба талаботи муосир ва зарурӣ мувофиқат накардани техника ва технологияҳои инноватсионӣ;
- фурӯши маҳсулоти истеҳсолшуда, истеъмолкунандаро қонеъ накардан.

Дар шароити муосири иқтисодӣ дар фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ хавфи бештар нисбатан ба дигар самтҳои стратегии рушди корхона, ки вазифаҳои истеҳсолӣ ва такрористеҳсолиро иҷро мекунанд, ба вуҷуд меояд. Бояд гуфт, ки олимону муҳаққион оид ба масъалаҳои рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ бо назардошти бавуҷудоии хавфҳои инноватсионӣ фикру ақидаҳои гуногун доранд. Масалан, ба ақидаи Василев В.П. "Хавф эҳтимолияти ба амал омадани вазъияти номусоид ё бадбахтист, ки дар шакли ноком ӣ ё ноил нашудан ба ҳадафҳою вазифаҳои гузошташуда мебошад"[54]. Козловская Э.А., Демиденко Д.С., Яковлева Е.А. қайд мекунанд, ки "Дар хавфи инноватсионии корхона хатари пурра ба даст наомадани мақсадҳои мондашуда ҳисобида мешавад"[55].

Аз ин рӯ, корхонаҳои саноатии кишвар бояд ҳангоми фаъолияти инноватсионии худ бештар ба самтҳои хавфҳои инноватсионӣ диққати ҳамаҷониба дода, барои рушди минбаъдаи фаъолияти инноватсионӣ чораҳои зарурӣ андешанд.

**Хулосаҳои зербоб**

Дар шароити муосир вазифаи асосии корхонаҳои саноати хӯроквор ӣ барои рушди фаъолияти худ ин дарёфти роҳҳои механизми идоракунӣ, ка кардани хавфҳо ва ба даст овардан даромади кофӣ мебошад. Барои беҳтар намудани сифати идоракунии рушди устувор, ҷалби бештари маблағҳо ва арзёбии ҳамаҷонибаи иқтидори фаъолияти инноватсионӣ корхонаҳои саноати хӯрокворӣ бояд роҳҳои воқеии кам кардани хавфҳо ва фароҳам овардани заминаи рушди идоракунии соҳаро таъмин созад. Вобаста ба ин, корхонаҳои саноати хӯрокво риро зарур аст, ки стратегияи идоракунии хавфҳои инноватсиониро таҳия намуда, пешниҳодҳои зеринро ба нзар гирад:

1. Ба ҳалли масъалаҳои фаъолнокии саноати хӯрокворӣ, идоракунии инноватсионии соҳа, иқтидори истеҳсоли маҳсулоти нави хӯрокворӣ,

[54]Васильев, В.П. Управление инновациями / Учеб. пособие – М.: Дело и сервис, 2011. – С.85.
[55]Козловская, Э.А., Демиденко Д.С., Яковлев Е.А. Экономика и управление инновациями / Учеб.пособие– М. :Экономика, 2012. –С. 172 с.

индикаторҳои назоратӣ самаранок ва оқилона истифодаи захираҳои истеҳсолӣ дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намоянд;

2. Фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ тавассути инноватсия ба роҳ монда шуда, марказ ё нуқтаҳои ташхиси озуқаворӣ дар минтақаҳои кишвар ташкил карда шаванд;

3. Зиёд намудани мабалғгузорӣ ба соҳаи саноати хӯрокворӣ фаъолияти босамар ва истесоли маҳсулоти босифатро таъмин месозад;

4. Истифодаи технологияҳои навин дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ шароит ва имкониятҳои васеъро фароҳам меорад;

5. Ба мақсади ноил гаштан ба натиҷаҳои хуби молиявӣ-иқтисодӣ корхонаҳои саноатӣ бояд хавфҳои инноватсионии дохилӣ ва берунӣ, ки ба стратегияи рушди онҳо таъсири манфӣ мерасонанд, диққати аввалиндараҷа диҳанд;

6. Барои пешбурди фаъолияти назарраси корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ҷорӣ намудани механизмҳои идоракунии муосир манфиатнок аст;

7. Таъсири назорати давлатӣ асоси рушди минбаъдаи фаъолияти инноватсионии корхонаҳои хӯрокворӣ ба ҳисоб меравад;

8. Фондҳои дастгирии рушди инноватсионӣ ва рушди тиҷоратӣ ташкил карда шавад;

9. Барои баланд бардоштани идоракунии самаранокии фаъолияти инноватсионӣ ба рушди сармояи инсонӣ диққати авалин дода шавад;

10. Механизм ва равандҳои идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ такмил дода шавад.

# БОБИ 3. САМТҲОИ АСОСИИ ТАКМИЛИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ УСТУВОРИ ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

## 3.1. Роҳу самтҳои такмили низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ

Солҳои охир дар низоми инноватсионии корхонаҳои саноатӣ як қатор пешравиҳо ба назар мерасад, ки ба он идоракунии рушди устувори инноватсионӣ мусоидат мекунад. Нишондиҳандаҳои рушди устувор, ки ба истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ иртибот доранд, дар ин марҳила афзоиш ёфтаанд.

Ҳиссаи ҳаҷми истеҳсоли саноати хӯрокворӣ нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар ҳоли афзоиш қарор гирифта, ба дастгирии рушди иқтисодиёт мусоидат мекунад. Бо вуҷуди он ки сатҳи истеҳсолот ва ҳаҷми содироти он дар Тоҷикистон рушд ёфта истодааст, суръат ва пешрафти иқтисодиёт, аз ҷумла истеҳсолот ва саноатикунонӣ қаноаткунанда нест.

Аз ин ҷост, ки Ҳукумати мамлакат барои таъмини амнияти озуқаворӣ Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, ки аз 31 октябри соли 2018, №520 тасдиқ шудааст, қабул намуд. Он ба масъалаҳои такмили механизмҳои низоми корхонаҳои воҳиди давлатӣ, мукаммалгардонии усули идоракунии захираҳои озуқаворӣ, системаи мониторинг ва омӯзиши захираҳои моддии давлатӣ нигаронида шудааст.

Гузаштан ба ҷамъияти пасоиндустриалӣ, ки хеле вусъат ёфтааст, ҷорӣ намудани прогресси илму техника ва зиёд кардани иқтидори технологияҳои инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ масъалаи такмилдиҳии низоми идоракунии инноватсиониро ба миён гузошт. Дар баробари ин, то ҳол роҳҳои ҳалли ин мушкилот ба пуррагӣ пайдо нашудааст.

Сиёсати иқтисодии инноватсионии давлат метавонад, ки ин мушкилотро рафъ созад. Яъне, танҳо давлат қодир аст, ки низоми идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатиро бо роҳи таҷрибаомӯзии ҷаҳонӣ ва қабули санаду меъёрҳои нави идоракунии инноватсионӣ такмил диҳад.

Дар шароити ҷаҳонишавӣ такмилдиҳии равандҳои фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва ба низом ягона даровардани онҳо

масъалаи муҳимми сиёсати иқтисодӣ буда, ҷиҳати рушди устувори фаъолияти инноватсионӣ ҳар як субъекти фаъолияткунанда кӯшиш намуда истодааст.

Аз нигоҳи мо, низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатии кишвар бо назардошти таъсири ҷаҳонишавӣ чунин шаклро бояд дар бар гирад:




**Расми 3.7.** Самтҳои асосии такмилдиҳии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Расми мазкур шаҳодати он аст, ки давлат тавассути қабули санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ, воридкунии техника ва технологияҳои инноватсионӣ, ба роҳ мондани муносибатҳои иқтисодии тарафайн, маблағгузорӣ ба соҳаи илм ва инноватсия метавонад ба рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ тасъири мусбат расонад. Инчунин, ҷалби сармоягузориҳои мустақим ва дастрасӣ ба стартапҳо низ ба рушди устувори корхонаҳои саноатӣ, эҷоди платформаҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва гузариш ба иқтисоди рақамии корхонаҳо низ ба он таъсир мерасонанд.

Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ ва такмили ихтисос дар хориҷи кишвар ҳам, ба рушди устувори корхонаҳои саноатӣ таъсири хуб мерасонад.

Бояд гуфт, ки рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сатҳи рушди соҳаҳои саноати хӯрокворӣ алоқамандии зич дошта, саҳми соҳаҳоро дар таъмини рушди босуръати инноватсионии иқтисодӣ объективона инъикос менамояд. Ба мақсади таъмини диверсификатсияи иқтисодиёт рушди иқтидори инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ ҳамчун параметри асоси рушди иҷтимоию иқтисодӣ баромад мекунад.

Айни замон ин ду соҳа дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодӣ қарор дорад, ки асоси рушди самаранокии идоракунии инноватсионии иқтисодро ташкил медиҳад. Ба андешаи Файзуллоев М.К. “Барои таъмини рушди самаранокии фаъолияти инноватсионӣ бо истифодаи технологияҳои инноватсионии идоракунӣ, шартҳои ибтидоӣ ё унсурҳои идоракунии фаъолияти инноватсионии зерин зарур мебошанд: донишофарӣ; омодагии касбӣ ва таҳсилот; истеҳсоли хизматҳо ва маҳсулот; таъминоти инноватсионию молиявӣ ва инфрасохтори кадрҳо. Ин бояд як шабакаи ягонаеро ташкил диҳад, ки озодона ҷараён ёфтани донишҳо, ғояҳо, таҷрибаҳо, иттилоот ва инноватсияҳоро ҳам дар дохили низоми миллии инноватсионӣ ва ҳам берун аз марзҳои он таъмин намояд”[56].

Бояд гуфт, ки ҳадафи рушди устувори саноатӣ таъмини рушди иқтисодӣ ва дар як вақт беҳтар намудани некуаҳволии халқ мебошад. Имрӯз, аз сабаби тамоюли ҷаҳонӣ ва имкониятҳои афзоиши суръати баланди прогресси илмию техникӣ рушди иқтисоди миллӣ ба идоракунии муосир ва механизмҳои танзимшавандаи соҳаҳои саноат ниёз дорад. Ба воситаи идоракунии муосир ва механизмҳои танзимшаванда соҳаи саноат метавонад марҳила ба марҳила рушд кунад.

Самти дигари такмили сиёсати инноватсионӣ ва саноатии корхонаҳои хӯрокворӣ ин таъсиси фазои мусоид ва беҳтар намудани муҳити иқтисодии он дар доираи буҷетӣ, пулӣ, андоз ва сиёсати берунии иқтисодӣ мебошад. Ҳамзамон, самти муҳимми такмили сиёсати инноватсионӣ ва саноати иқтисодиёти кишвар бояд амиқтар кардани ҳамгироии соҳаи илмию инноватсионӣ бо сектори воқеии иқтисодиёт, аз ҷумла соҳаҳои саноати коркард бошад.

Дар шароити гузаштан ба парадигмаи нави тараққиёти иқтисодиёт идоракунӣ ва танзимнамоии давлат, муносибатҳои бозорӣ ва такмили самтҳои сиёсати инноватсионии корхонаҳои саноатӣ душвортар мегардад. Зеро

---

[56]Файзуллоев, М.К. Формирование и развитие национальной инновационной системы Республики Таджикистан (метододлогические подходы и механизм управления) // Автореф.дис. на соис. уч. степ. док. экон. наук.-М., 2012. – С.-19.

муносибатҳои иқтисодӣ дар сатҳи макро ва микро марҳила ба марҳила дигаргун шуда, парадигмаҳои нави иқтисодиётро ба вуҷуд меоранд.

Аз ин рӯ, дар асоси омӯзиш ва таҷриба самтҳои асосии идоракунии рушди фаъолияти инноватсионии соҳаи саноати хӯроквориро дар кишвар чунин муайян намудан бамаврид аст. Он метавонад ба низоми идоракунии рушди фаъолияти инноватсионии миллӣ ва ташаккули мақсадҳои корхонаҳои саноати мазкур мусоидат кунад (расми 3.8.).




**Расми 3.8.** Самтҳои асосии идоракунии рушди фаъолияти инноватсионии соҳаи саноати хӯрокворӣ

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Расми мазкур самтҳои асосии идоракунии рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои хӯрокввориро дар бар мегирад, ки аз як чанд ҳадафҳо иборат мебошад. Масалан, ҳадафи аввал, ташаккули мақсаду вазифаҳо, ки дар натиҷа таҳияи вазифаҳо бо назардошти имкониятҳо ва омӯзиши таҷриба (имкониятҳои технологӣ) ба амал меоянд. Ҳадафи дувум муайян намудани хавфу хатарҳои дохилию берунӣ дар сатҳи макро ва микро, ки натиҷаи он истифодаи низоми доимии амалкунанда ва дигар имкониятҳои мусбати дохилию берунӣ мебошад. Дар асоси ин ҳадафҳо низоми идоракунии рушди фаъолияти инноватсионӣ ташаккул меёбад.

Таҳқиқи рушди идоракунии инноватсионии соҳаи хӯрокворӣ ва муқоисаи ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватанӣ имкон дод, ки роҳҳои суръати идоракунии

рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатиро ҳамчун соҳаҳои афзалиятнок дар чунин тартиб нишон диҳем (ҷавали 3.21.).

**Ҷадвали 3.21. Сатҳ ва роҳҳои суръати идоракунии рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ**

| Сатҳи соҳа | Роҳҳои суръати идоракунии рушд |
|---|---|
| Саноати хӯрокворӣ яке аз соҳаҳои саноати сабук буда, барои қонеъ гардонидани талаботи муҳимтарини ҷомеа пешбинӣ шудааст.<br>Сатҳи соҳа айни ҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи маълумотҳои оморӣ ба таври кофӣ рушд накарда, натиҷаи самаранок надорад. Соҳаи номбурда айни замон дар ҳолати мукам-малгардонии идоракунии параметрҳои зарурӣ қарор дошта, ба таври кофӣ омӯхта нашудааст.<br>Тибқи маълумоти оморӣ истеҳсоли маҳсулоти хӯрока якҷоя бо нӯшокиҳо ва тамоку нисбат ба соли 2015 дар ҳолати рушд қарор дорад, аммо ҳанӯз ба талаботи татбиқи нақшаи Стратегияи миллии рушд ҷавобгӯ нест.<br>Соҳаи мазкур, асосан, аз ашёи хоми кишоварзӣ вобаста буда, маҳсулоти ниёзи мардумро истеҳсол мекунад. Он дар иқтисодиёт ҳиссаи калон гузошта, бо назардошти зиндагии шоистаи халқ маҳсулоти хушсифати аз ҷиҳати экологӣ тозаро талаб мекунад. | - дастгирии давлат нисбати соҳаи саноати хӯрокворӣ;<br>- дастрасии стартапҳо ва сармоягузориҳо;<br>- татбиқи санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳа;<br>- бароҳмондани мотиватсикунонӣ дар соҳа;<br>- ҷорӣ намудани инноватсия дар равандҳои истеҳсолот;<br>- ташкили платформаҳои нави саноатӣ;<br>- истифода аз сармояи инсонӣ;<br>- дастрасӣ ба техника ва технологияҳои муосир;<br>- истифодаи технологияҳои иттилоотӣ;<br>- истифодаи усулҳои гуногуни аҳаммиятоқ;<br>- бароҳмонии реклама ва маркетинг;<br>- арза ва тақозо;<br>- такмилдиҳии молу маҳсулот;<br>- истифодаи усулҳои нави идоракунии рушд;<br>- корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва татбиқи лоиҳаҳои нав;<br>- омӯзиши таҷрибаи кишварҳои пешрафта;<br>- таъсири омилҳои доимии муҳити беруна. |

**Манбаъ: т**аҳияи муаллиф

Аз руйи ҷадвал ва таҳлилҳо бармеояд, ки барои рушди босуръат ва сатҳи идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар кишвар номукаммалии механизми ҳавасмандгардонӣ ва нарасидани мутахассисони баландихтисос, инчунин, ҳаҷми нокофии маблағгузории буҷа ва татбиқи нопурраи лоиҳаҳои инноватсионӣ дида мешавад. Бояд гуфт, ки механизми рушди инноватсионии фаъолияти корхонаҳо, асосан, бо раванди идоракунии самарабахши он иртибот дорад.

Идоракунии бомуваффақияти рушди фаъолияти инноватсионӣ дар ташаккул ва татбиқи сиёсати давлатии илмию техникӣ ва инноватсионӣ басо муҳим мебошад. Зеро механизми идоракунии равандҳои фаъолияти инноватсионӣ зарурат доимо ба инобат гирифтани андешаҳои истеъмолкунандагону истифодабарандагонро инъикос мекунад, ки аз муайян кардани ниёзҳои нави бозор ва ниёзҳои нави хизматрасонӣ вобаста аст.

Тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои саноатӣ имконият медиҳанд, ки ҳиссаи истеҳсолот ва ҳаҷми кору хизматрасонӣ зиёд гардад. Шиддат гирифтани рақобатнокӣ миёни кишварҳо моро водор месозад, ки дар самти пешгӯии хавфҳо ва коҳиш додани таъсири онҳо ба иқтисоди миллӣ, инчунин, баланд бардоштани рақобатнокии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ ва кору хизматрасониҳо тадбирҳои зарурӣ андешем.

Таҳқиқотҳои назариявӣ нишон медиҳанд, ки яке аз омилҳои пешрафти инноватсионии бавуҷудоии донишҳои нав, навгониҳо дар илм ва падидаҳои тозаи технологӣ мебошад, ки асоси рушди иқтисоди миллиро ташкил медиҳад.

Маблағгузории илм ва инноватсияи дорои хусусиятҳои ба афзоиши иқтисодиёт, ки натиҷаҳои ҳамгироии илмро бо амалия инъикос мекунад, таъсир мерасонад.

Ҳангоми маблағгузорӣ намудан ба соҳаи илм ва инноватсия вазъияти муҳити системаи иқтисоди миллӣ, аз ҷумла ҳаҷми маҳсулоти нав, корҳои таҳқиқотӣ, рушди равандҳои инноватсионӣ ва усулҳои идоракунии фаъолияти инноватсионӣ беҳтар мегардад. Маблағгузорӣ дар шароити муосир ба системаҳои гуногуни иқтисодӣ барои рушди босуботи иқтисодӣ таъсири зиёд дошта, дар пешравии ҳамаи самтҳои фаъолият нақш мебозад.

Бояд гуфт, ки асоси инкишофи соҳаи инноватсияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаҳои марказҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, онҳо бояд ҳамеша ба асосҳои бунёдии рушди иқтисодӣ диққати махсус диҳанд, аз ҷумла ба:

1. таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои нави инноватсионӣ;
2. тайёр намудани мутахассисони баландихтисоси дорои донишҳои васеъ;
3. ташкили корхонаҳои хурди инноватсионӣ бо технологияҳои пешрафта дар марказҳои шаҳр ва минтақаҳо;
4. ташкили марказҳои таҳқиқотӣ ва конструкторӣ, IT - паркҳо, паркҳои илмӣ-технологӣ ва бизнес–инкубаторҳо;
5. ташкили озмоишгоҳҳои “рушди устувор” дар назди муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар;

6. таъсиси фондҳои нави маблағгузорӣ, аз ҷумла фонди венчурӣ, дастрасии стартапҳо ба соҳаҳои соҳибкорию хизматрасонӣ.

Дар айни замон тамоми иқтидорҳои иқтисодиро барои ташаккули парадигмаи нави рушди инноватсионии иқтисоди Тоҷикистон ва фаъолсозии равандҳои инноватсионӣ равона сохтан мувофиқи мақсад аст. Ин роҳу усул метавонад ба баланд бардоштани рақобатпазирии кишвар дар ҷаҳон боис гардад. Ғайр аз ин, моро зарур аст, ки бештар ба масъалаҳои баланд бардоштани рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши равандҳои инноватсионӣ, рақамикунонии иқтисод, татбиқи “иқтисоди сабз”, саноатикунонии босуръат ва ниҳоят, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ, ки ҳамаи ин ба рушди неруи инсонӣ вобастагӣ дорад, диққати аввалиндараҷа диҳем.

Ҳанӯз ҳам ҳалли масъалаи такмил додани механизмҳои равандҳои фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, такмили сармояи инсонӣ ва рушди инноватсионии соҳаҳои саноати хӯрокворӣ то ҷое боқӣ мондааст. Ин масъалаҳо, ба андешаи мо, дар асоси таҳқиқотҳои илмӣ-техникӣ ва омӯзиши таҷрибаҳо ҳалли худро меёбанд. Омӯзиши такмили низоми идоракунии фаъолияти инноватсионӣ имкон медиҳад, ки рушди босуботи инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар асоси қонунҳои иқтисоди муосир ва танзими идоракуни давлатӣ таъмин карда шавад.

Дар шароити имрӯзаи прогресси босуръати илму техника ба корхонаҳои саноатӣ барои навсозии механизми идоракунӣ, такмили низоми идоракунии инноватсионӣ ва нав кардани фондҳои асосии корхона шароитҳои мусоид заруранд. Пешравиҳои илму техника ба рушди инноватсионии иқтисодиёти ҷаҳон таъсир расонида, мамлакатҳои сусттарақикунандаро водор месозад, ки барои самаранокии натиҷаҳои фаъолият аз услуҳои нави идоракунӣ истифода баранд.

Ташкили системаи идоракунии инноватсия дар корхонаҳои саноати ватанӣ талаб мекунад, ки дар як вақт ба амал баровардани нуктаҳои зерин, ки ба

баланд бардоштани самаранокии ҷараёни инноватсия мусоидат мекунад, омӯхта шаванд:

- Консепсияи рушди механизми идоракунии инноватсионии миллӣ барои корхонаҳои саноати хӯрокворӣ таҳия карда шавад;

- ҷараёни истифодаи техникаву технологияҳои корхонаҳои саноатӣ мавриди таҳлили амиқ қарор гирад;

- дар корхонаҳои саноатӣ зимни татбиқи навгониҳо ҳамгироии назария бо амалия таъмин карда шавад;

- дар соҳаи саноати хӯрокворӣ вобаста ба самтҳои асосии саноати коркард натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии олимон татбиқ карда шаванд;

- намудҳои маҳсулоти истеҳсолшудаи корхонаҳои саноати хӯрокворӣ аз озмоишгоҳҳои бехатарии озуқаворӣ ҳатман гузаронида шаванд;

- назорати давлатӣ ва идоракунии ҷараёни истеҳсолоти намудҳои нави маҳсулоти хӯрокворӣ ба роҳ монда шавад.

Системаи идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ аз омилҳои берунӣ ва дохилӣ вобаста буда, корхона омилҳои муайянкунандаро тибқи шароити фаъолияти самаранок пайдо мекунад. Фаъолияти инноватсионӣ ба қобилияти навоварӣ вобаста нест, балки ба иҷро намудани кор, таҳияи конструксияҳои нави маҳсулот, таъмини дараҷаи баландсифати техникӣ ва комёбиҳои илму техника вобастагӣ дорад.

Ба андешаи С.Ҷ. Комилов “Сатҳи баланди самаранокии иқтисодии истеҳсолоти саноатӣ истифодаи пурраи захираҳои истеҳсолии корхонаро талаб мекунад. Барои ин, пеш аз ҳама, коркарди нишондодҳо ва муайян намудани имкониятҳои истеҳсолии корхона зарур аст. Яке аз ин нишондодҳо иқтидори истеҳсоли комплексӣ ба ҳисоб меравад, ки дар он тамоми фаъолияти асосии истеҳсолӣ дар назар дошта мешавад”.[57] Ба андешаи мо, сатҳи баланди самаранокии иқтидори истеҳсоли саноатӣ ба истифодаи дурусти захираҳои

---

[57] Komilov, S. J. Capacity of the enterprises of an industry of building materials of Republic Tajikistan // Herald of the Tajik State University of Commerce. – 2021. – No. 1(35). – P. 47-53.

истеҳсолӣ, иқтидори фондҳои асосии техникӣ ва идоракунии самараноки ҷараёни истеҳсолот иртибот дорад.

Қодиров Ф.А. дар ин хусус чунин менигорад: "Рушди фаъолияти инноватсионӣ бо омилҳои ташкилӣ, истеҳсолӣ, маркетингӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ алоқамандӣ дорад. Дар асоси ин метавон гуфт, ки фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омили асосии татбиқи сиёсати босуръати саноатикунонӣ ва механизми мураккаб, шароити мусоидро тақозо мекунад."[58]. Албатта, бидуни таъсири омилҳо низоми идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ такмил намеёбад. Маҳз бо пайдо шудани омилҳои ташкилӣ, истеҳсолӣ ва молиявию иттилоотӣ низоми идоракунии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар кишвар ба такмил ниёз дорад.

Сохтори соҳавии иқтисодиёти миллӣ зери таъсири омилҳои гуногун, пеш аз ҳама, дар асоси босуръат рушд ёфтани иқтисодиёти ҷаҳон, техникаю технология ва фаъолияти илмӣ-меҳнатӣ тағйир меёбад. Бешак, таъсири иқтисодиёти беруна ба иқтисодиёти ҳар як кишвар мерасад. Баробари босуръат пеш рафтани илму техника ва параметрҳои технологӣ, тавассути неруи инноватсионӣ ҳар як мамлакат кушиш менамояд, ки сатҳи рушди иқтисодиёташро дар қатори иқтисодиёти кишварҳои пешсаф баланд бардорад.

Пайдарпайии ҷараёни инноватсионӣ муносибатҳои иқтисодӣ, таҳияи лоиҳаҳои инноватсионӣ ва густариши иқтисодиёти миллиро пурра мушаххас мекунад. Тавре ки мебинем, дар тули қариб 10 соли охир иқтисодиёти миллии мо пурра такмил ёфта, идоракунии инноватсионӣ дар соҳаи саноат назаррас мегардад. Истифодаи навовариҳо солҳои охир дар иқтисодиёти миллӣ натиҷа дода, самараи худро аз ҷиҳати иқтисодию иҷтимоӣ равшан зоҳир менамояд.

Дар ҳамин замина, татбиқи равандҳои инноватсионӣ, аз ҷумла лоиҳаҳои инноватсионӣ, рушди инноватсияи бозор ва истеҳсолот, ҳамгироии тамоми иштирокчиёни раванди инноватсия фаъолона идома дорад.

---

[58]Кодиров, Ф.А. Некоторые вопросы ускоренной индустриализации и инновационной активности университетских технопарков // Таджикистан и современный мир. – 2020. – № 4(72). – С. 160-172.

Солҳои охир равандҳои инноватсионии миллӣ ва оптималии идоракунии низоми инноватсионӣ пурра дигаргун мегардад. Дар оянда ин тамоюл бо чунин суръат идома хоҳад ёфт.

1. вобаста ба параметрҳои технологӣ равандҳои инноватсионӣ зуд шакли худро тағйир медиҳанд (нанотехнология);
2. аз рӯйи навъҳои технология ҷараёни фаъолияти инноватсионии соҳибкорон босуръат ивазшаванда мегардад;
3. воридоти навъҳои технология ҷараёни истеҳсолотро пурра тағйир дода, дар сохтори фаъолияти истеҳсолӣ системаи нави идоракуниро пайдо менамояд;
4. бо татбиқ гардидани илм дар амалия шакли истеҳсолот ва саноат дигаргун мешавад;
5. бо такмил додани фаъолияти соҳибкорӣ ҷараёни равандҳои инноватсионӣ пурра шакли худро дигар мекунад;
6. иваз намудани самти фаъолияти технологӣ шакли идоракунӣ ва равандҳои инноватсионии миллиро пурра тағйир медиҳад.
7. тавассути технологияҳои иттилоотӣ идоракунии оптималии системаи инноватсионӣ ба куллӣ тағйир меёбад. Бо ҷорӣ кардани ҳукумати электронӣ ва барномаҳои электронӣ, ба монанди TFMis (SGB.net), Онлайн-Бонк (барои иттилооти бонкӣ) ҳамкориҳои байналмилалӣ вусъат ёфта, самаранокӣ дар фаъолият таъмин мешавад.

Равандҳои инноватсионӣ ва идоракунии оптималии системаи инноватсионӣ дар татбиқи усулҳо ва технологияҳои нави истеҳсолӣ, ки бо кам кардани хароҷотҳо ва баланд бардоштани сифати истеҳсолот, сарфаи ками вақт ва истеҳсоли мол дар муҳлати таъйиншуда самаранокиро таъмин мекунад, зоҳир мегардад.

Гуфтан зарур аст, ки имрӯз густариши ҷаҳонишавии иқтисодиёт истеҳсоли моли нав, ташкили шакли нави бозор, истифодаи усулҳои нави идоракунӣ, ташкили базаи нави иқтисодӣ, сарфаи вақт, қонеъ кардани талаботи нави ниёзи мардум ва ниҳоят, баланд бардоштани сифати маҳсулотро бо технологияҳои навин тақозо мекунад.

Дар асоси идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ масъалаи навовариҳо дар самти кору хизматрасониҳо, истеҳсоли молҳои нави босифа, беҳтаргардонии сифати маҳсулот, такмили равандҳои технологияҳои замонавӣ, баланд бардоштани параметрҳои инноватсионӣ ва ғайра ба миён меояд. Аз ин рӯ, дар шароити густариши ҷаҳонишавӣ бояд хусусиятҳои идоракунии инноватсионӣ ҳамаҷониба ба талаботи замони муосир мувофиқ карда шавад. Тиҷорати инноватсионӣ, хизматрасонӣ ва муносибати нав низ дар фаъолияти меҳнатӣ ба роҳ шавад.

Таъсири ҷаҳонишавӣ ба инноватсия ва равандҳои он боиси пайдоиши намудҳои нави технология, идоракунии оптималии равандҳои инноватсионӣ, рушди муносибатҳои иқтисодӣ, тағйирёбии динамикаи иқтисодӣ, истеҳсоли маҳсулоти босифат ва дигар хусусиятҳо гардид.

Инноватсия дар замони ҷаҳонишавӣ фароҳам овардани шароите мебошад, ки таҷдиди сохтори идоракунии равандҳои инноватсиниро ба амал меорад. Ташаккули сохторҳои идоракунии инноватсионӣ ҳамчун сохтори мурраккаби зудтанзимкунада ба салоҳият, дониш, иттилоот ва муносибатҳои нав иртибот дорад.

Аз нуқтаи назари мо, дар шароити ҷаҳонишавии равандҳои инноватсионӣ ҷорӣ намудани технологияҳои нав, беҳтар кардани сифати маҳсулот, кору хизматрасонӣ бо сарфаи вақт таъсиси бозорҳои нав ва ташаккули онҳоро тақозо менамояд. Солҳои охир дар адабиёти иқтисодӣ оид ба масъалаи идоракунии инноватсионӣ баҳсҳои зиёд ва андешаҳои мухталиф ҷой доранд. Муҳаққиқон дар хусуси раванди инноватсионӣ ҳамчун раванди муттасил, мураккаб ва эҷоди донишу андешаҳои нав ва дар истеҳсолот тарзҳои истифода бурдани онҳо вобаста ба замон ва шароити ҷойдошта ақидаҳои худро баён намудаанд.

Тазаккур бояд дод, ки дар замони соҳибистиқлолии кишварҳои пасошуравӣ сатҳи рушд ва динамизми соҳаи инноватсия, илм ва технологияҳои нав заминаи рушди идоракунии инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллиро фароҳам овард. Пешрафти илму техника ва низоми истеҳсолии давлатҳои пуртаҷриба вазъи иқтисодиёти кишвари моро дигаргун

сохтанд. Ин парадигмаи нави иқтисоди ҷаҳонӣ дар асоси истифодаи донишҳои илмӣ ва инноватсия ба амал меоянд, ки таъсираш ба системаҳои миллии идоракунии инноватсионии кишаварҳо пайваста мерасад.

Корҳои илмию таҳқиқотӣ ва натиҷаҳои онҳо низ метавонанд рушди иқтисодиёти миллиро такон диҳанд. Аз рӯйи натиҷаҳои корҳои илмӣ ба хулоса омадан мумкин аст, ки онҳо метавонанд талафоти иқтисодиёти миллиро бартараф созанд. Масалан, мувофиқи таҳлили Глазев С., “... ҳаҷми корҳои илмию таҳқиқотӣ бо тартиби фарогирӣ коҳиш ёфта, боиси паст шудани шиддатнокии рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ ва талафоти қисми зиёди неруи рушди иқтисодӣ гардид”[59].

Натиҷаҳои корҳои таҳқиқотӣ ёрӣ медиҳанд, ки низоми инноватсионии иқтисодӣ пешакӣ муайян карда шаванд. Онҳо метавонанд рақобатпазирии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар байни дигар давлатҳо муқаррар сохта, роҳҳои ҳалли мушкилотро нишон диҳанд.

Дар давоми даҳ соли охир Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба солҳои гузашта дар самти илм, инноватсия, корҳои илмӣ-таҷрибавӣ ва конструкторӣ (КИТК) рушд кардааст, ки он дар ҳамаи соҳаҳои хӯрокворӣ низ ба мушоҳида марасад.

Таҳкими инфрасохторҳои инноватсионӣ, ҷалби субъектҳои соҳибкории хурду миёна барои дар фаъолият навоварӣ ворид намудан аз натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ вобастагӣ дошта, дар бисёр ҳолатҳо барои пурзӯр намудани фаъолияти инноватсионӣ кӯмак мерасонад. Тавре ки Тошматов М.Н. қайд мекунад: “... дар марҳилаи ҳозира омили асосии афзоиши усутувори иқтисодиёт, таъмини рақобатпазирии кишвар дар шароити ҷаҳонишавӣ ва баланд бардоштани дараҷаи зиндагии аҳолӣ аз прогресси илмию техникӣ вобастагӣ дорад”[60].

Ҷӯрабоев Г.Д., Мукимова Н.Р. ишора мекунад, ки “... маъруфияти васеи таҳқиқот дар соҳаи инноватсия, ихтироот, ки аз охири асри XX босуръат

[59]Глазьев, С.О. Стратегии экономического развития России // Вопросы экономики. – 2007. – № 5. – С. 30–51.
[60]Тошматов, М.Н., Мирзорахимов, Н.Т. Проблемы формирования и развития инновационной экономики Республики Таджикистан // Вестник ИЭ РАН. №5. 2016. - С. 182–190.

афзоиш ёфт, сабаб шуд, ки шумори зиёди мақолаҳои илмӣ дар бораи рушди инноватсионии саноат ва мафҳуми он пайдо шавад[61].

Мувофиқи маълумоти пойгоҳи илмии Scopus, ScienceDirect, Springer link, Web 70 то 80 % -и ҳамаи корҳои илмӣ, аз ҷумла дар номҳо, аннотатсияҳо, калидвожаҳо дар асрҳои XX ва XXI ибораҳои innovation development of industry дар 11 соли охир нашр шудааст, чунин мушоҳида мерасад.

**Диаграммаи 3.3. Сохтори нашрияҳои илмӣ-таҳқиқотӣ бо дархости innovation development of industry дар пойгоҳҳои маъруфи илмӣ дар давраи асри XX ибтидои асри XXI**




**Сарчашма:** диаграмма дар асоси мақолаи Ҷурабоев Г.Ҷ., Мукимова Н.Р. Особенности инновационного развития промышленности Республики Таджикистан бо тарҷумаи тоҷикӣ аз Экономика Центральной Азии. – 2022. – Т. 6, № 4. – С. 271-298. таҳия шудааст.

Албатта, рушди ҳамаи соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиро бидуни корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавию конструкторӣ тасаввур кардан ғайриимкон мебошад. Зеро корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба рушди босуботи бемайлони иқтисодӣ, равандҳои такмилдиҳии инноватсионӣ ва пешрафти техникию технологӣ заминаи мустаҳкам мегузоранд. Ба андешаи Б. Милнер, илм, такмили ихтисоси кормандон, инкишофи тафаккури инноватсионӣ, пешрафти

[61]Джурабаев, Г. Д. Особенности инновационного развития промышленности Республики Таджикистан / Г. Д. Джурабаев, Н. Р. Мукимова // Экономика Центральной Азии. – 2022. – Т. 6, № 4. – С. 271-298.

иқтисодию техникӣ ва ташаккули ҷамъияти навоварон дар асоси дониш рушд мекунад.[62]

Бояд гуфт, ки яке аз самтҳои муҳимми сиёсати давлатӣ на танҳо дар кишварҳои саноатӣ, балки дар мамлакатҳои пешрафта низ ҳавасамандгардонӣ, дастгирии фаъолияти илмию техникӣ ва инноватсионӣ мебошад.

Хусусиятҳои асосии системаҳои инноватсионии миллӣ маҷмуи истифодаи донишҳои замонавиро дар бар гирифта, на танҳо барои навовариҳои иловагӣ, инчунин, барои таъмини рақобатпазирии баланд низ заруранд. Вобаста ба ин, дар натиҷаи таҳқиқотҳои илмӣ метавон системаи инноватсионии миллиро пурра тағйир дода, модели нави рушди системаи минтақавии инноватсиониро таҳия кард.

Ба андешаи мо, зарур аст, ки аввал тавассути лоиҳаҳои таҳқиқотӣ ва пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ инфрасохторҳои инноватсионӣ дар сатҳи хурд дар минтақаҳои дохили кишвар таҳия карда шаванд.

Имрӯз талаботи аҳолӣ ба молҳои хушсифати ватанӣ, аз ҷумла озуқаворӣ зиёд аст. Аз ин рӯ, бояд ба молҳои воридотии хушсифати азуқаворӣ ва воридоти технологияи баландсифат барои истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ диққати ҷиддӣ дода шавад. Зарур аст, ки дар навбати аввал маҳсулоти ватании хушсифатро дар дохили бозори ватанӣ таъмин карда, болоравии нархҳоро ба танзим дароварда, баъд ба бозори ҷаҳонӣ содир намоем. Таъмини молҳои хушсифати ватанӣ, пеш аз ҳама, озуқаворӣ барои мардум дар мади аввал меистад.

Соҳаҳои саноат яке аз категорияи мураккаб ва бисёрҷанба буда, идоракунии он масъулияти зиёдеро тақозо менамояд.

Самти фаъолияти инноватсионии ин соҳа, ки аз истеҳсолот ва кору хизматрасонӣ иборат мебошад, ба мақсадҳои зерин равона мегардад:

- истеҳсоли маҳсулоти босифати дорои хусусиятҳои нави истеъмолӣ;
- истеҳсоли ғизои маҳсулоти хӯроки кӯдаконаи мутобиқ ба организми он;

[62]Мильнер, Б.З. Теория организации -М.: Инфра-М., 2005.-С. 63.

- дарёфти роҳу усулҳои нав ё навсозии усулҳои мавҷудаи истеҳсол ва истифодаи онҳо дар амал;

-татбиқи навовариҳои сохторӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, кадрӣ, иттилоотӣ ва дигар навгониҳо дар истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти камхарҷ ё барои сарфакорӣ шароит фароҳам меоранд;

-идоракунии равандҳои тиҷоратикунонии технологияҳо;

-таъсиси инфрасохтори инноватсионӣ ва рушди он;

-таъсиси ҷойҳои нигоҳдории маҳсулоти мавсимӣ.

Иҷрои ин мақсадҳо идораи фаъолияти инноватсионии ин соҳаро самарабахш гардонида, мушкилоти ҷойдоштаро аз байн мебарад.

Умаров Х.У. чунин меандешад, ки "... сохтори соҳавии иқтисодиёти миллӣ дар зери таъсири омилҳои гуногун ва, пеш аз ҳама, дар асоси босуръат рушд ёфтани иқтисодиёти ҷаҳон, техникаю технологияҳо ва пешравиҳои фаъолияти илмӣ-меҳнатӣ тағйир меёбад. Зимнан, таъсири иқтисодиёти беруна ба иқтисодиёти ҳар як кишвар мерасад, зеро баробари бо суръат пеш рафтани илму техника, параметрҳои технологӣ ва неруи инноватсионӣ ҳар як мамлакат кӯшиш менамояд, ки сатҳи рушди иқтисодиёташро чун иқтисодиёти кишварҳои пешсаф баланд бардорад"[63].

Аз ин рӯ, идоракунии фаъолияти инноватсионии соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёти миллӣ на танҳо дониш ва малака, ҳамзамон, қобилияти идоракуниро низ тақозо менамояд.

**Хулосаҳои зербоб**

Аз андешаҳои зикргардида чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки масъалаи такмили механимзҳои идоракунӣ, мукаммалгардонии усули идоракунии захираҳои озуқаворӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ танҳо баробарои иҷрои талаботҳои Барномаҳою стратегияҳои қабулгардида ҳалли худро меёбад.

---

[63]Umarov, Kh., H. S. Nosirzoda Theoretical aspects of innovative economy forming Republic of Tajikistan // The Finance and Economic Bulletin. – 2022. – No. 2(31). – P. 14-22.

Дар асоси ин метавон гуфт, ки корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ҳангоми дуруст ба роҳ мондани идоракунии рушди устувори инноватсионӣ сарчашмаҳои нави даромад, ҷалби сармоягузорӣ, самтҳои асосии такмилдиҳӣ ва механизмҳои нави идоракуниро пайдо мекунанд. Вобаста ба ин, як қатор пешниҳодҳо манзур карда мешавад, ки иҷрои онҳо ба таъмини идоракунии рушди босамар мусоидат хоҳад кард, чунончи:

1. модели инноватсионии рушди устувори фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ кишвар таҳия карда шавад;

2. консепсияи миллии инноватсионии рушди устувори корхонаҳои саноатии хӯрокворӣ таҳия карда шавад

3. низоми инноватсионии миллӣ дар асоси платформаҳои рақамии иқтисодиёти ҷаҳон такмил дода шавад;

4. роҳҳои суръатбахшии идоракунии рушди фаъолияти инноватсионии корхонаҳои хӯрокворӣ ва самтҳои он муайян карда шаванд;

5. механизмҳои нави идоракунии рушди фаъолияти иқтисодӣ–инноватсионии соҳаи саноати хӯрокворӣ таҳия ва татбиқ карда шаванд;

6. натиҷаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ татбиқ гарданд;

7. ҷараёни фаъолияти илмӣ-меҳнатӣ дар асоси прогресси илмӣ-техникӣ ташаккул дода шаванд;

8. тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ андешида шаванд;

9. дар минтақаҳои кишвар барои рушди соҳаи хӯрокворӣ фазои инноватсионӣ ташкил карда шавад;

10. Омори дақиқи инноватсияи соҳаи хӯрокворӣ дар нишондиҳандаҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шаванд.

## 3.2. Идоракунии рушди инноватсионии саноати хӯрокворӣ дар асоси платформаи рақамӣ

Имрӯзҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва иқтисодиёти мамлакатҳои ҷаҳон рушдёбии босуръати инноватсия ва истифодаи платформаҳои рақамӣ дар соҳаҳои афзалиятноки иқтисодии соҳаҳои саноат мушоҳида карда мешавад. Рушди бемайлони иқтисодӣ инноватсия ва платформаҳои рақамиро ҳамчун қувваҳои пешбарандаи татбиқи рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ, аз ҷумла соҳаи саноат арзёбӣ мекунад.

Платформаи рақамӣ муҳити ягонаи иттилоотӣ буда, робитаҳои мутақобилан судмандро байни шумораи зиёди иштирокчиёни мустақили иқтисодӣ (истеҳсолкунандагон, истеъмолкунандагон, соҳибони платформа ва менеҷерон) таъмин мекунад.

Аз ин рӯ, гузариши корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба модели нави инноватсионӣ бо истифодаи платформаи рақамӣ имконият медиҳад, ки муҳити иттилоотӣ ва робитаҳои мутақобилан судманд байни иштирокчиёни мустақили иқтисодӣ ба роҳ монда шавад. Платформаи рақамӣ низоми автоматии иттилоотӣ буда, имкон медиҳад, ки вазифа ва умуман, фаъолияти корӣ бо реҷаи худкор (автоматӣ) ба роҳ монда мешавад. Чунин низом муносибатҳои алгоритмшудаи мутақобилан судмандро байни шумораи зиёди иштирокчиёни мустақили соҳаҳои афзалиятнок дар муҳити ягонаи иттилоотӣ барои ноил гаштан ба ҳадафҳо ва кам кардани хароҷотҳои барзиёдатӣ тавассути истифодаи маҷмуи барномаҳои технологияҳои инноватсионӣ ба танзим медарорад.

Бо истифодаи низоми автоматикунонии иттилоотӣ корхонаҳои саноати хӯрокворӣ метавонанд, ки тавассути интернет тамоми мушкилоти корӣ, технологӣ, иттилоотӣ ва функионалии фаъолиятро ҳал намоянд.

Имрӯз дар кишвар баъзе корхонаҳои саноатӣ, фаъолиятро бо истифодаи платформаи рақамӣ ба роҳ монданд. Онҳо қисман ё пурра ба модели нави рушд гузаштаанд. Замони муосир истифодаи технологияҳои навро барои рақамикунонӣ ва иттилоот тақозо дошта, ба самаранокгардонии фаъолият мусоидат мекунад. Маҳз рақамикунонии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ

фаъолияти сохторҳои соҳибкориро дар самти ва истеҳсоли маҳсулоти хушсифат муваффақ мегардонад.

Замоне расидааст, ки идоракунии фаъолияти махсусан, корхонаҳои саноати хӯроквори бидуни истифодаи платформаҳои рақамӣ ва барномаҳои шабакавӣ аз имкон берун аст. Аз ин рӯ, ин соҳаи ҳаётан муҳим, ки ҳамчун асоси рушди иқтисодиёти миллӣ арзёбӣ мешавад, набояд аз ҳамқадами замон будан дар канор монад.

Платформаҳои рақамӣ дар саноати хӯрокворӣ дар таъмини рушди устувори инноватсионии иқтисодӣ, банақшагирии автоматикунонии захираҳои истеҳолӣ, таҳлили амиқи истифодаи захираҳо, ҷойгиркунии автоматии захираҳо дар анбори корхонаҳо ва истифодаи иттилооти дуруст нақши калон мебозад.

Дар робита ба ин, мо шакли ташкили истифодаи платфорамаҳои рақамиро барои рушди фаъолияти саноати хӯрокворӣ дар чунин тартиб пешниҳод менамоем (расми 3.9.).




**Расми 3.9.** Ташкили истифодаи платформаҳои рақамӣ дар саноати хӯрокворӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Дар ҳалли масъалаҳаои ташкили истифодаи платформаҳои рақамӣ дар саноати хӯрокворӣ мутахассис-барномасоз, интернети баландсуръат ва таҳияи барномаҳою лоиҳаҳои барномавии компютерию сифати хуби шабакавии байнисоҳавӣ, инчунин, ташкили фазои инноватсионӣ аҳаммияти бузург дошта, онҳо имкон медиҳанд, ки самараи назарраси иқтисодӣ ба даст ояд.

Бояд қайд кард, ки тараққиёти саноати хӯрокворӣ аз пурзур намудани рақобат, мавқеъ дар бозорҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ назаррас буда, ба ташаккули занҷирҳои муттасили истеҳсолот мусоидат мекунад ва имкон медиҳад дараҷаи таъминоти озуқаворӣ ва иқтисодиро хеле баланд бардорад.

Дастгоҳҳои ҳозиразамон дар соҳаи саноати хӯрокворӣ на танҳо бастабандии қутиҳои хукрокаро иҷро мекунад, балки ба навъҳои истеҳсолот, интихоби маҳсулот мувофиқи меъёрҳои муқаррашудаи сифат, усулҳои идоракунии фаъолияти корӣ таъсири мусбат мегузорад.

Идораикунии платформаҳои рақамӣ яке аз масъалаҳои муҳим арзёбӣ гашта, дар замони бо шиддат рушд ёфтани иқтисоди рақамӣ идоракунии он ба мақсад мувофиқ аст. Ҳамин аст, ки мо идоракунии платформаи рақамиро дар саноати хӯрокворӣ ба чунин тартиб пешниҳод намудем.




**Расми 3.10.** Идоракунии платформаҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноатӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти истифодашуда

Ин шакли идоракуниро чунин шарҳу эзоҳ додан мумкин аст.

***Банақшагирӣ*** ин ба нақша гирифтани захираҳои истеҳсолии корхонаҳои саноатӣ дар як давраи муайян мебошад, ки барои коркард, истеҳсоли маҳсулот ва рушди фаъолияти корхонаҳо мусоидат мекунад.

***Ояндабинӣ*** ин нақшаи дурнамои корхонаҳои саноатӣ барои минбаъд истеҳсоли маҳсулоти нав, кору фаъолият ва инъикоси маҳсулот дар бозори электронӣ мебошад.

***Фаъолияти инноватсионии корхона*** фаъолиятест, ки истеҳсоли молҳои корхонаҳои саноатӣ бо тарзу усулҳои нав ба роҳ монда мешавад. Дар ин ҳолат корхонаҳои саноатӣ аз платформаи рақамӣ истифода бурда, роҳи нави фаъолиятро пеш мегиранд.

***Натиҷаи ниҳоии фаъолият*** ин инъикоскунандаи фаъолияти ниҳоии истеҳсолоти корхонаҳои саноатӣ, натиҷагирии даромаду хароҷот (фоида ва зарар) ва иттилооти ҷамъбастии фаъолият мебошад.

***Арзёбии банақшагирӣ*** баҳодиҳии натиҷаи ниҳоии банақшагирӣ, татбиқи нақшаи стратегии корхона ва кору фаъолияти индукаторҳои рушди корхонаҳо мебошад.

***Иттилоот*** ин муҳиммияти ахбори натиҷаҳои фаъолияти корхона, банақшагирии стратегӣ ва расонидани иттилоот оид ба мусбату манфии фаъолити корхона дар як давраи муайян мебошад.

Бояд гуфт, ки нишондодҳои нақшаи мазкур бо ҳамдигар алоқамандии зич дошта, аз рӯйи онҳо амал намудан идораи платформаҳои рақамии корхонаҳои саноатиро самаранок месозад.

Мақсад аз таъмини рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ бо истифодаи платформаҳои рақамӣ дастрасии корхонаҳо ба техникаю технологияҳои муосир, рушди устувори иқтисодии онҳо ва рушди устувори сохторҳои тиҷоратии соҳибкорон мебошад. Платформаҳои рақамии корхонаҳои саноатӣ ҳамкориҳои байни соҳавиро мустаҳам намуда, муҳити ягонаи иттилоотиро ташкил намуда, харҷоти зиёдатиро коҳиш медиҳад.

Бо ҷорӣ намудани платформаҳои рақамӣ баъзе мушикилоти корхона бартараф шуда метавонад. Платформаҳои рақамӣ маълумотҳои заруриро дуруст пешгӯӣ намуда, корхонаро ба шабакаи иттилоотӣ пайваст месозад.

Платформаҳои рақамӣ дар саноати хӯрокворӣ метавонад чунин мушкилотро бартараф созад:

- иттилооти нодурусти фаъолияти истеҳолӣ;
- хароҷоти барзиёдатӣ;
- банақшагирии рӯякии дурнамои фаъолият;
- банақшагирии нодурусти молиявӣ;
- истифодаи нодурусти захираҳои меҳнатӣ;
- хавфҳои молиявӣ-инноватсионӣ.

Рақамикунонии саноати хӯрокворӣ сохтори фаъолияти истеҳсолиро тағйир дода, рақобатро миёни дигар корхонаҳои саноатӣ ба вуҷуд меорад.

Бояд гуфт, ки имрӯз рақамикунонӣ дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сатҳи рушд нарасидааст, аммо гузариш ба ин низомро корхонаҳо ба нақша гирифта, барои таъмини рушди устувори инноватсионӣ чораҳо меандешанд. Фароҳам овардани шароити мусоиди инноватсионӣ барои соҳибкорӣ шарти муҳиму зарурӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки иқтисодиёти муосири инноватсионӣ дар маркази фаъолияти соҳибкорӣ қарор дошта, яке аз омилҳои асосии рушди инноватсионии фаъолияти он ҳуқуқ ба сирри истеҳсолӣ (ноу-хау) мебошад. Соҳибкор бо вориднамоии техникаю технологияҳои инноватсионӣ самаранокии тиҷоратро афзоиш медиҳад. Иқтисоди инноватсионӣ ба дониш асос ёфта, сармояи асосии ҳар як корхона моликияти зеҳнии ноу-хау мебошад. Ноу-хау ин маълумотест, ки аз ҷониби шахсони сеюм комилан махфӣ нигоҳ дошта мешавад, арзиши эҳтимолии тиҷоратӣ дорад ва метавонад рақобатпазириро дар бозор таъмин намояд.

Аз рӯйи мушоҳидаҳо дида мешавад, ки аксари корхонаҳои саноатӣ дар кишвар аз дороиҳои моддӣ ва захираҳои анъанавию моликияти зеҳнӣ, инчунин, сармояи инсонӣ танқисӣ мекашанд. Яъне мутахассисони ба талаботи замон ҷавобгӯ ба қадрӣ имон дида намешавад.

Бояд гуфт, ки вазъияти имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳон бисёр мамлакатҳоро водор сохт, ки тавассути техника ва технологияҳои муосир миёни корхонаҳои саноатӣ рақобат ба вуҷуд ояд. Ин аст, ки корхонаҳои саноатӣ нисбат ба солҳои пешин рушд карда, бозори дохилиро бо маҳсулоти ватанӣ ба таври кофӣ таъмин менамоянд.

Бо вуҷуди ин корхонаҳои саноатӣ бояд имкониятҳои гузаштан ба платформаҳои рақамиро ҷустуҷӯ намуда, низоми миллии инноватсионии корхонаҳоро беҳтар созанд, барои таъмини бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ ва коркарди маҳсулоти тоза тадбирҳои мушаххас андешанд.

Барои расидан ба мақсадҳои рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ бо истифодаи платформаи рақамӣ дар шароити нави иқтисодӣ чунин талабот зарур аст.




**Расми 3.11.** Талабот ба рушди инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар асоси платфорамаи рақамӣ

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Қобили қайд аст, ки рушди иқтисодиёт ва гузариш ба модели нави иқтисодӣ сармояи инсониро талаб намуда, онро ҳамчун манбаи афзалиятнок, тавассути технологияҳои инноватсионӣ ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва таъминкунандаи рушди устувори иқтисодӣ меҳисобад. Дар ин хусус, ишора шудааст, ки "Мутахассиси имрӯза бояд донандаи технологияҳои нав ва гиреҳкушои масъалҳои дучоромада бошад"[64]. Дар воқеъ, пешбарандаи фаъолияти инноватсионии корхонаҳо ва идоракунии равандҳои он ба мутахассиси соҳибкасб вобаста мебошад.

Замони муосир мутахассисеро мехоҳад, ки дорои қобилияти азхудкунӣ, мутобиқшавӣ ба шароити муосир ва меҳнати самаранок бошад. Бозомӯзӣ ва такмили ихтисос бошад ҳар як мутахассис зарур буда, аз болои худ кор кардану инкишоф ёфтан вазифаи муҳим ба ҳисоб меравад.

Месазад гуфт, ки барои иқтисодиёти рақамӣ ҳалли мушкилоти дурнамои иқтисодӣ, рушди корхонаҳо ва динамикаи истеҳсолот, дигаргунии сохтори иқтисодиёти миллӣ, суръати афзоиши ММД, прогресси техникӣ ва натиҷаҳои он замина мегузорад. Ин замина ва асосҳо дар ҷадвали зер равшан инъикос ёфтаанд (расми 3.12.).

[64]Абубакаров, М.В. Зармаев, А.А. Трансформация системы управления персоналом предприятия в условиях цифровизации российской экономики // Роль цифровой экономики в укреплении экономической безопасности страны. Материалы Международной научнопрактической конференции. – Махачкала: АЛЕФ, 2019. –С.14-26.




**Расми 3.12.** Асосҳои иқтисодиёти рақамӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти истифодашуда

Оид ба масъалаи тараққиёти корхонаҳои саноатӣ ва хусусиятҳои объективии он ақидаҳо гуногунанд. Баъзеҳо бар он назаранд, ки рушди фаъолияти мақсадноки корхонаҳои саноатӣ дар сатҳи баланд аз донишу кордонии мутахассисон вобастааст, баъзеи дигар, онро дар афзоиши муътадили иқтисодиёти ҷаҳон ва истифодаи дурусти захираҳои истеҳсолӣ мебинанд. Аммо, ба андешаи мо, пешравиҳои корхонаҳои саноатӣ ба дониши баланди мутахассисон, ҷорӣ намудани инноватсия дар идоракунӣ, гузариш ба модели нав, омӯзиши таҷрибаҳои давлатҳои пешсаф, истифода аз имкониятҳои фароҳамовардаи давлат, сармоягузории мустақими соҳа, худомӯзии мутахассисон ва меҳнати босамари онҳо зич алоқаманд мебошанд.

Бояд гуфт, ки корхонаҳои саноатӣ дар самти рақамикунонӣ ҳангоми иҷрои чунин мақсадҳои асосии стратегӣ метавонад рушд кунад:

- баланд бардоштани сифати рақобатпазирӣ;
- таъмини рушди иқтисодиёти миллӣ;
- гузариш ба иқтисодиёти пурраи рақамӣ;
- афзоиши муътадили иқтисодиёт;
- таъмини рушди устувори инноватсионӣ;
- баланд бардоштани маърифати истифодабарии технологияҳо;
- меҳнати босамари мутахассисони соҳа;
- ташкили фазои инноватсионӣ дар кишвар;
- ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ.

Умуман, мақсади асосии гузариш ба иқтисоди рақамии корхонаҳо бартараф намудани мушкилоти иқтисодӣ, ташкили шароити мусоид, ба роҳ мондани тиҷорати электронӣ ва мубодилаи пулҳои электоронӣ байни иштирокчиёни амалиёт мебошад.

Асоси иқтисодиёти рақамиро зеҳни сунъӣ низ метавонад ташкил диҳад, зеро он чун ҷузъи асосии гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва воқеияти афзоиши иқтисодиёти инноватсонӣ мебошад. Системаи иқтисодиёти рақамиро асосан, зеҳни сунъӣ ва ҷузъҳои он, робототехника, технологияҳои бесим, нейротехнологияҳо, истифодаи сенсорҳо, системаи худкор ва автоматикунонии иттилооти босуръат ташкил медиҳанд.

Дар иқтисодиёти рақамӣ ҳамаи маълумотҳои рақамӣ омили асосии истеҳсолот маҳсуб меёбанд. Коркарди ҳаҷми калон ва истифодаи натиҷаҳои таҳлили он дар муқоиса бо шаклҳои анъанавии идоракунӣ метавонад самаранокии намудҳои гуногуни истеҳсолотро ба таври назаррас афзоиш диҳад. Асоси бунёди иқтисоди бомуваффақияти соҳавии рақамии кишвар рақамикунонии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ мебошад. ин чараёни мураккаби азнавсозии тамоми экосистемаи корхонаи саноатӣ ва худи соҳаи иқтисодиётро бо истифода аз технологияҳои навтарин дар бар мегирад.

Барои таъмини рушди инноватсионии саноати хӯрокворӣ дар асоси истифодаи платформаи рақамӣ мо вобастагии иқтисоди рақамиро, ки аз нишондиҳандаҳои асосӣ иборат аст, дар расми зерин нишон додаем.




**Расми 3.13.** Вобастагии иқтисоди рақамӣ аз нишондиҳандаҳои асосӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Имрӯз ҷаҳон дар раванди глобализатсияи иқтисодиёти рақамӣ қарор гирифта, ҷорӣ намудани иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун асоси рақобатпазирии солим, телекоммуникатсия, иқтисодиёти рақамӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ ва минтақа воқеияти виртуалӣ, технологияҳои бесим ва ташаккули иқтисодиёти рақамӣ арзёбӣ мегардад. Аз ин бармеояд, ки прогресси босуръати илму техника таъсири худро ба иқтисодиёти тамоми давлатҳо, аз ҷумла ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мегузорад.

Рушди устувор ҳамчун алтернативаи рушди технологӣ маҷмуи меъёрҳои иқтисодиро дар бар мегирад, ки чунин хусусиятҳо дорад:

- эътимоднокии технологии корхона;
- рақобатпазирии корхона бо маҳсулоти инноватсионӣ (кор ва хизматрасонӣ);
- идоракунии алтернативии рушди технологияҳо;
- идоракунии хавфҳо ва сармоягузориҳо;
- амнияти технологӣ ва иқтисодӣ;
- инкишофи зеҳни сунъӣ;
- ташкили инфрасохторҳо дар ҳудуди кишвар;
- амнияти озуқаворӣи кишвар;
- таъмини рушди устуворӣи инноватсионӣ;
- таҳияи модели нави инноватсионӣ.

Гузариш ба рушди устувор маънои ташкили низоми мутавозини иқтисоди рақамиро дорад, ки адолати иҷтимоӣ, амнияти технологӣ-иқтисодӣ, озуқаворӣ, самаранокии иқтисодӣ ва идоракунии устувори инноватсиониро таъмин мекунад. Яке аз вазифаҳои асосии саноати хӯрокворӣ ташаккул додани механизми инноватсионии он мебошад, ки барои таъмини рушди устувор замина мегузорад. Бо чунин роҳ масъалаи молиявию иқтисодии корхона, субъектони бозор, ташкили муносибатҳои дохилиистеҳсолӣ ва ҳамкориҳои байнисоҳавӣ дар фаъолият муайян карда мешавад.

Афзоиши платформаи рақамӣ бевосита ба қобилияти корхонаҳои саноатӣ вобаста буда, барои ҷамъоварӣ ва маълумоти рақамӣ, ки вазъи корхонаро ба

тариқи автоматӣ таҳилил мекунад, нигаронида мешавад. Паҳншаии маълумо ва платформаҳои рақамӣ метавонад бисёр имкониятҳои нав ва тараққиётёбандаро ба вуҷуд орад. Маълумотҳои рақамӣ дар иҷрои мақсадҳои корхонаҳо ва пешбурди инноватсионии онҳо нақши муҳим мебозанд.

Умуман, истифодаи платформаҳои рақамӣ дар саноати хӯрокворӣ муфид аст, зеро он ҷалби муштариён, бозорҳои рушдёбанда ва даромаднокӣ кӯмак мерасонад. Ҷомеаи муосир бе иттилоот пеш намеравад. Иттилоот ташаккулдиҳандаи пайвастаи донишҳо буда, низоми ҳифзи амниятиро талаб мекунад. Комилов С.Ҷ. ишора менамояд, ки “Дар шароити навсозии иқтисодӣ ва рақамикунонии фаъолияти иқтисодӣ барои ноил шудан ба рақобатпазирии истеҳсолот ва оптимизатсияи сохторҳои иқтисодӣ ташкили фаъолияти инноватсионӣ ба шабакаҳои муосири иттилоотӣ ва истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ асос меёбад”[65]. Албатта, тамоми фаъолияти иқтисодӣ бо таъсири рушди иқтисодиёти ҷаҳон ва прогресси илму техника ба рақамикунонӣ гузашта, барои ноил шудани ҳадафҳои давлат ва дигар сохторҳои гуногуни иқтисоди миллӣ фаъолсозии равандҳои инноватсионии иқтисодӣ саҳм мегузорад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаи саноати хӯрокворӣ яке аз шартҳои муҳимми ба даст овардани амалиёти самарабахш ва таъмини рушди устувор мебошад. Гирифтани маълумот дар бораи рафти ҷараёни истеҳсолот дар марҳилаҳои гуногуни он, дар бораи ҳолати таҷҳизот, қабули қарорҳои самараноки идоракунӣ ва барои кам кардани эҳтимолияти пайдоиши муайяни вазъиятҳои хавфнок, ошкор кардани монеаҳо, инчунин ошкор кардани захираҳои пинҳоншудаи озуқаворӣ ҳамаи ин шарти муҳим мебошад. Ин аст, ки тамоми корхонаҳои саноатӣ гузариш ба иқтисодиёти рақамиро ҳамчун асоси рушди устувор ва таъмини босалоҳияти идоракунӣ мешуморанд.

[65]Комилов, С.Дж. Основы формирования рынка «ноу-хау» в условиях инновационного развития: методологические аспекты // Евразийский Международный научно-аналитический журнал, Проблемы Современной экономики, N 1 (73), 2020.

Сиёсати инноватсионии бештари саноати хӯрокворӣ дар замони муосири техникӣ расидан ба ҳадафҳои технологияҳои иттиллотию коммуникатсионӣ ва таъмини ҷойҳои корӣ мебошад.

Ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ истеҳсолот, вазъи молиявӣ, идоракунӣ ва ниҳоят ҳаёти иҷтимоии кормандонро дигаргун сохта, корхонаро бо чунин дастовардҳо сазовор мегардонад:

- баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат;
- ташаккули бозорҳои нав;
- инкишофи зеҳни сунъӣ;
- баланд бардоштани рақобатпазирӣ;
- ташкили инфрасохторҳои корхонаҳо;
- афзоиши техника ва технологияҳои нав;
- гузариш ба модели нави инноватсионӣ;
- баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳо;
- сарфаи вақт дар як давра;
- беҳтарнамоии амнияти озуқаворӣ;
- таъмини хуби амнияти иттилоотӣ;
- беҳтар намудани сифати зиндагӣ.

Иқтисодиёти рақамӣ барои рушди системаҳо имкониятҳои васеъ фароҳам оварда, давлат онро назорат мебарад. Рушди иқтисодиёт бидуни назорати давлатӣ ғайриимкон буда, он барои фароҳам овардани муҳити платформаҳои рақамӣ, идоракунӣ, кам кардани омилҳои инсонӣ ба монанди коррупсия, иштибоҳҳо, автоматикунонии ҷамъоварии ҳисоботи морӣ, андоз ва дигар ҳисоботҳо муаззаф аст.

Инкишофи системаи иттилоотӣ, ки имкон медиҳад, ки аз масофаи дур низ иқтидори истеҳсолӣ, назорат ва идора карда шавад. Дар ин баробар, технологияҳои нав монеаҳоеро, ки ба муваффақиятҳою самарабахшии фаъолият таъсир мегузоранд, бартараф сохта, сатҳи иқтисодиёти иҷтимоиро боло барад.

Бояд гуфт, ки торафт технологияҳои инноватсионӣ инкишоф меёбанд ва принсипуи хусусиятҳои нави тиҷорат, лоиҳаҳои сармоягузорӣ татбиқ карда мешаванд. Дар ин баробар, онлайн-банкинг, пардохтҳои электронӣ, моделҳои баҳодиҳии хавфҳои қарзӣ, краудфандинг (ҳамкориҳои дастаҷамъонаи одамон доир ба маблағгузорӣ) мушовирони роботӣ, нигоҳдории иттилооти саривақтӣ, блокчейн (махзани рақамии иттилоот), P2P – қарздиҳӣ (амалиёти молиявӣ ва ҳамаи муомилот бо интернет сурат мегирад) ба роҳ монда мешавад.

Ҳадафи асосии истифодаи платформаҳои рақамии саноатӣ таъмини истиқлолияти рақамии “Саноати оянда”, амнияти иттилоотии иқтисодӣ, инноватсия ва хизматрасониҳои сатҳи баланди технологии саноатӣ мебошад. Вобаста ба ин ҳадафҳои гузошта, мо нақшаи ҳамкориҳои байни иштирокчиёни платфорамаи рақамиро чунин тавсир намудем (расми 3.14.).




**Расми 3.14.** Нақшаи ҳамкориҳои байни иштирокчиёни платформаи рақамӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси омӯзиши адабиёти соҳавӣ

Нақшаи ҳамкориҳои муваффақ байни иштирокчиёни платформаи рақамӣ шабакаи мустақимро ба вуҷуд меорад. Ҳамзамон, содда кардани расмиёт, хароҷоти кам, баланд бардоштани арзиши маҳсулотӣ, платформавӣ, ҷалби коргарони нав ба миён меояд.

Бо ин метавона гуфт, ки маҳз мавҷудияти робитаҳои маҳдуд ва мушкилоти ҳамкории байнисоҳавӣ аз байн мебарад. Аз ин бармеояд, ки платформаҳои рақамӣ омили пешбарандаи рушди иқтисодиёт, саноат ва ҳамкориҳои байнисоҳавӣ шуда метавонанд.

Гузариши корхона ба иқтисоди рақамӣ истифодаи васеътари технологияҳои иттилоотиро (IT) дар фаъолияти иқтисодии худ дар бар мегирад. Ҳангоми гузаштан ба рақамикунонии иқтисодӣ ҳаҷми коркарди маълумоти рақамӣ афзуда, манбаъҳои иттилооти рақамӣ зиёд мешаванд. Ташаккули иқтисоди рақамӣ дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ аҳаммияти калон дорад. Гузариши корхонаҳои саноатӣ ба иқтисоди рақамӣ чунин омилҳоро нишон медиҳад:

- талабот ба технологияҳои рақамӣ;
- пайдоиши технологияҳои инноватсионӣ;
- танзими автоматии давлатӣ;
- захираҳои молиявӣ барои татбиқи технологияҳои рақамӣ;
- идоракунии автоматии равандҳои истеҳсолот.

Бо назардошти пешрафти илму техника ва ҷорӣ намудани инноватсия дар корхонаҳои саноатӣ, ки ущди устувории инноватсионии корхонаҳоро таъмин созанд, мо сатҳи ҳамкориҳои иқтисоди миллии рақамиро чунин пешниҳод менамоем:




**Расми 3.15.** Сатҳи ҳамкориҳои иқтисодии миллии рақамӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири рушди иқтисодиёти ҷаҳон ва гузариш ба иқтисодиёти рақамиро ҳамчун асоси ташаккули иқтисодиёти миллии рақамӣ ва ҷузъи ҷудонашавандаи соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ эътироф менамояд. Ҳукумати кишвар Стратегияи рушди иқтисоди сабзро таҳия намудааст, ки дар

он истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо истифода аз технологияҳои сарфаҷӯӣ ва самараноки энергия ба роҳ монда мешавад.

Қайд намудан зарур аст, ки яку якбора ба низоми иқтисодии рақамӣ гузаштани иқтисодиёти миллӣ бениҳоят мушкил аст. Аз ин хотир, омӯхтани таҷрибаи кишварҳои тараққикарда ва роҳу усулҳои низоми иқтисоди рақамӣ муҳим мебошад.

Рақамикунонии корхонаи саноатӣ имкон медиҳад, ки истеҳсоли оқилонаро бо доираи васеи спектри ҳамкории нармафзори намудҳои гуногуни таҷҳизот пайваст намояд. Аз ин рӯ, зарурати тағйироти модернизатсияи саноати хӯрокворӣ бо мақсади баланд бардоштани мавқеи рақобатпазирии он дар ҷаҳон гардидааст. Ҳалли ин мушкилот тавассути технологияҳои рақамӣ имконпазир аст.

Дар расми зерин марҳилаҳои ҷараёни гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ дар корхонаҳои саноатиро нишон медиҳем:




**Расми 3.16.** Марҳилаҳои асосии гузариши корхонаҳои саноатӣ ба иқтисодиёти рақамӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Албатта, гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ ва табдил додани ҷомеа ба ҷомеаи иттилоотӣ корӣ саҳлу осон набуда, он тадриҷан марҳила ба марҳила ҷараён мегирад. Пеш аз ҳама, тавассути соҳаи маориф ба сатҳи рушди иқтисоди рақамӣ ноил шудан мумкин аст. Мутахассисони баландпояро дар ин самт омода намуда, ҳар чӣ бештар ба сатҳи глобалӣ бояд расонид. Айни замон мо дар

даври гузариш ба ҷомеаи иттилотӣ ва технологӣ қарор дошта, омӯзиши паҳлуҳои асосии он басо муҳим аст.

Бо шарофати Истиқлоли давлатӣ, рушди иқтисодиёти ҷаҳонӣ, рақамикунонии иқтисодиёт ва барои ноил гардидан ба ҳадафҳои рушди устувори иқтисоди миллӣ Ҳукумати мамлакат якчанд консепсияро вобаста ба иқтисоди рақамӣ қабул намуд, аз ҷумла:

- Консепсияи рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2012-2020) бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643;

- Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642;

- Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №144;

- Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2022.

Қабули чунин консепсияҳо имкон медиҳад, ки иқтисодиёти рақамӣ дар ҳама соҳаҳои хоҷагии халқ ба роҳ монда шуда суръати он тезонида шавад. Аз ин рӯ, платформаҳои рақамӣ ҳамчун низоми муносибатҳои алгоритмӣ байни шумораи зиёди иштирокчиёни бозор накш мебозанд.

Иқтисоди рақамӣ дар корхонаҳои саноатӣ бояд тавассути интернети баландсуръат, бозори хизматрасонии электронӣ ва онлайн-тиҷорат амалӣ шавад. Ҳоло дар кишварамон суръати интернет хеле суст буда, корхонаҳои саноатӣ барои татбиқи бозори электронӣ, онлайн-тиҷорат ва платформаҳои рақамӣ ба таври кофӣ омода шуда наметавонанд.

Дар асоси омӯзиш ва таҷрибаҳои ҷаҳонӣ мо барои таъмини рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ асоси ифтифодаи платформаҳои рақамиро ба чунин зайл шарҳ медиҳем (расми 3.17).




**Расми 3.17.** Асоси истифодабарии платформаи рақамӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Унсурҳои овардашуда унсурҳои асосиеанд, ки дар корхонаҳои саноатӣ бо истифодаи платформаҳои рақамӣ татбиқ мегарданд.

Афзалияти истифодаи платформаҳои рақамӣ дар соҳаи саноати хӯрокворӣ барои марказҳои савдо ва хизматрасонӣ, ҷомеа, иқтисодиёт ва низоми идоракунии фаъолияти онҳо таъсири мусбат мегузорад, ки он дар расми зерин тасвир шудааст (расми 3.18.).




**Расми 3.18.** Афзалиятҳои платформаҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти истифодашуда

Дар робита ба ин, таҳияи дастуру пешниҳодотҳои муфид барои такмили идоракунии рушди инноватсионӣ, низоми фаъолият ва баланд бардоштани рақобатнокии соҳаи саноати хӯроквории аз манифат холӣ нест.

**Хулосаҳои зербоб**

1. Ҳамин тариқ, мо дар диссертатсия ташкили истифодаи платформаи рақамӣ, идоракунии он, бартарафнамоии мушкилоти соҳаи саноат, мақсадҳои асосии стратегии корхонаҳои саноатӣ дар самти рақамикунониро таҳия ва пешниҳод намудем, ки ба мақсад мувофиқ аст;

2. Омӯзиши таҷрибаҳои давлатҳои пешсаф имкон дод хулоса барорем, ки истифодаи платформаҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноатӣ, махсусан, хӯроквории самараовар мегардад;

3. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсати нави иқтисодӣ, яъне гузариш ба иқтисоди рақамӣ суръати интернет дар кишвар баланд карда шавад;

4. Барои бароҳмонии низоми иқтисоди рақамии корхонаҳои саноати хӯроквории фарҳанг ва маърифати истифодабарии технология дуруст омӯзонида шавад;

5. Имконияту шароитҳои зарурӣ барои дастгирии иқтисоди рақамии корхонаҳои саноати хӯроквории васеъ карда шаванд;

6. Инфрасохторҳои корхонаҳои саноати хӯроквории бо истифодаи техника ва технологияҳои муосир ва платформаҳои рақамӣ дар ҳудуди мамлакат зиёд карда шаванд;

7. Барои таҳияи платформаҳои рақамию инкишофи зеҳни сунъӣ ва IT-барномасоз шароит фароҳам оварда шавад;

8. Дар корхонаҳои саноати хӯроквории нақшаи ҳамкории байни иштирокчиёни платформаи рақамӣ таҳия карда шавад;

9. Омодасозии кадрҳои баландихтисос тариқи ташкили курсҳои такмили ихтисос дар дохил ва хориҷи кишвар роҳандозӣ гардад;

10. Консепсияи идоракунии алтернативии рушди технологияҳо таҳия ва татбиқи он назорат карда шавад;

11. Идоракунии платформаҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноати хӯроквории устувортар ва натиҷаи он арзёбӣ карда шавад.

### 3.3. Таҳияи модели таъмини идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ ва роҳҳои татбиқи он

Масъалаи таҳияи модели таъмини рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, махсусан, дар шароити ҷаҳонишавии инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои нави иқтисодиро ба миён гузошт. Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмини рушди босуботи иқтисодӣ, гузариш аз тарзи фаъолияти қаблии анъанавӣ ба модели нави рушди инноватсионии иқтисодӣ, як зумра барномаю санадҳои меъёрӣ ва қонунҳоро дар соҳаи иқтисодиёт таҳия ва қабул намуд. Барномаи саноатикунонии босуръати Тоҷикистон, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Барномаи рушди саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025, Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020, Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи Дурнамоҳои давлатӣ, Консепсияҳо, Стратегияҳо ва Барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи онҳост, ки мақсади аз ин таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мебошад.

Аввалан, бояд қайд намуд, ки яку якбора гузариши корхонаҳои саноатӣ ба иқтисоди инноватсионӣ душвор аст, зеро онҳо иқтидори вориднамоии технологияҳои зиёди баландсифатро надоранд ва робитаҳои тиҷоратии онлайн дар баъзе онҳо фаъол нестанд, инчунин, дар фаъолияти як қисми онҳо платформаҳои рақамӣ ба таври кофӣ истифода намешаванд.

Баъдан, масъалаи таъмини фаъолияти устувори корхонаҳои саноатӣ феълан душвор буда, дар бештари онҳо хавфи ноустувори молиявӣ эҳтимол дорад. Илова бар ин, омилҳои макроиқтисодии берунӣ ба рушди устувори корхонаҳои саноатии кишвар таъсири манфӣ ва мусбат мерасонанд.

Аз ин рӯ, омӯзиши проблемаи мазкур ва барои ҳалли он таҳияи модели идоракунии устувори корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити номуътадили дохилӣ ва муҳити берунӣ басо муҳим аст. Дар марҳилаи

ҳозираи тараққиёти иқтисодиёти ҷаҳон соҳаҳои саноат ба проблемаҳои калони сохторӣ ва ташкилӣ дучор омадаанд.

Модели таълифнамудаи мо ба ҳалли нишондиҳандаҳои асосии рушди устувори иқтисодӣ вазъи ичтимоӣ, иқтисодӣ ва муносибатҳои нави иқтисодиро дар асоси таҳқиқ ва натиҷагирӣ аз он муайян мксозад, пешбинӣ шудааст.

Бо назардошти рушди прогресси илмӣ-техникӣ ва рушди инноватсионии иқтисодиёт мо рушди устуворро ба се равиш: донишҳои интеллектуалӣ, омӯзиши таҷриба ва амалигардонӣ тақсим намудем, ки асоси тарҳи модели рушдро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 3.22. Равишҳо барои сохтани модели рушд**

| Хусусият ва талабот | Равишҳо | | |
|---|---|---|---|
| | ***Дониш ва малакаҳои интеллектуалӣ*** | ***Оӯзиши таҷриба*** | ***Амалигардонӣ*** |
| ***Принсипҳои асосӣ*** | Азхудкунии донишу малакаҳо | Таҷриба ва рушди касбият | Ҳамоҳангсозии муносибатҳо дар асоси дониш ва таҷрибаомӯзӣ |
| ***Маърифати омӯзиш*** | Дар асоси худомӯзи касбӣ, илм ва иттилооти муфид дар рушди соҳаҳои афзалиятнок саҳм гузоштан | Дар асоси такмили ихтисос ва рушди касбият, мушоҳидаи кору фаъолият, санҷишҳо, омӯзиши таҷрибаҳои хориҷӣ ва даъватӣ мутахассисон таҷриба омӯхтан | Рушди инсон дар доираи қонуниятҳои тараққиёти иқтисодӣ ва дар амал татбиқ намудани таҷрибаҳои бадастомада |
| ***Роҳҳои расидан ба ҳадафҳо*** | 1. Худомӯзӣ<br>2. Дарёфти иттилоот<br>3. Инкишофи донишҳо<br>4. Маърифати касбӣ | 1. Омӯзиши таҷрибаҳо<br>2. Ҷалби мутахассисон<br>3. Санҷишу мушоҳидаҳои кору фаъолият | 1. Рушди иқтисодӣ,<br>2. Баланд бардоштани сатҳи иҷтимоӣ<br>3. Рушди фаъолияти корӣ<br>4. Рушди нишонди-ҳандаҳои ММД |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф

Бояд гуфт, ки корҳои таҳқиқотӣ дар соҳаи саноат анҷом дода мешавад, вале муҳаққиқон бештар ба ҷанбаҳои молиявию иқтисодӣ диққат дода, масъалаи рушди идоракунӣ, ҷорӣ намудани равандҳои инноватсионӣ, дигаргунии молу маҳсулот, сифат ва дигар паҳлуҳои фаъолияти корхонаҳоро камтар таҳқиқ намудаанд. Устуворӣ як категорияи мураккаб аст ва он наметавонад яку якбора дар ҳолати рушд қарор гирад. Он бо омилҳои берунӣ ва дохилӣ мунтазам рушд намуда, самаранокии корхонаҳои саноатиро таъмин месозад.

Ҳанӯз ҳам масъалаи механизми рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ дар кишвар ба таври зарурӣ ҳал нагардида, фаъолияти онҳо

барои гузариш ба модели нави иқтисодӣ мувофиқ нест. Як сабаб ин аст, ки дар кишвар сатҳи пасти суръати интернет мавҷуд буда, барои рушди устувор ва гузариш ба низоми платформаи рақамӣ мутобиқат намекунад.

Шароити бозории хоҷагидорӣ ва вазъияти иқтисодии Тоҷикистон дар тараққиёти иқтисодиёти миллӣ ҷалб намудани тамоми субъектони хоҷагидорӣ ва пеш аз ҳама сохторҳои саноатӣ мебошад. Омилҳои рушди иқтисодиёти миллӣ зиёданд ва яке аз онҳо дастгирии соҳибкорон ва дастрасӣ ба интернети баландсуръат мебошад.

Дар асоси корҳои таҳқиқотӣ барои самаранокии фаъолияти корхонаҳои саноатӣ унсурҳои рушди устувориро чунин нишон медиҳем.




**Расми 3.19.** Рушди устувори корхонаҳои саноатӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Барои ҳар як ҷузъи пешниҳодшуда бояд чунин корҳо иҷро карда шаванд: ҷамъ овардани маълумоти зарурӣ; муқоисаи фаъолияти пешин; таҳлили нишондиҳандаҳои рушд; арзёбии сатҳи устуворӣ ва захираҳои истифодашуда. Маълумоти бадастомада имкон медиҳад, ки низоми маҷмуи нишондиҳандаҳои рушди устувори корхонаҳои саноатӣ ташкил карда шавад.

Барои баланд бардоштани рақобатпазирии саноати мамлакат ва муқовимат бо омилҳои берунаю дохилӣ ва гузариш ба иқтисодиёти инноватсионӣ истифодаи равишҳои нави идоракунӣ муҳим мебошад. Гузаштан аз ашёи хоми содиротӣ ба модели инноватсионии рушди иқтисодӣ дар асоси ҳамкориҳои корхонаҳои саноатӣ бо субъетҳои низоми инноватсионӣ, мақомоти махсуси идоракунӣ ва муассисаҳои нави илмӣ-таҳқиқотӣ ба фаъолияти самарабахш мусоидат мекунад.

Гуфтан зарур аст, ки дар шароити иқтисодии муосири ҷаҳонишавӣ ба мақсади рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ, идора ва танзими фаъолияти инноватсионии миллӣ, барои ба роҳ мондани “ҳукумати электронӣ” ва гузаштан ба низоми иқтисоди рақамӣ таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон зарур дониста шуд[66]. Таъсиси чунин муассисаи босалоҳият метавонад дар банизомдарории равандҳои инноватсионии миллӣ ва вусъатбахшии он дар кишвар нақши муҳим бозад.

Новобаста ба он ки солҳои охир бахши илмию техникӣ дар кишвар рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст, қабули барномаҳои нави сатҳи гуногуни рушди фаъолияти илмӣ–инноватсионӣ ва иҷрои онҳо ба маблағгузорӣ ниёз дорад. Бахши иқтисодии кишвар низ барои ба расмият даровардани заминаи ҳуқуқии инноватсионии иқтисодиёт ҷиҳати озодона рушд ва пурзӯр намудани иқтидори истеҳсолию инноватсионӣ дастгирӣ мехоҳад.

Барои идоракунии соҳаи инноватсионии кишвар бештар фаъолияти босамари марказҳои илмӣ-таълимӣ, инноватсияи технологияҳои идоракунӣ ва ташкили фондҳои венчурӣ барои дастгирии зарур аст.

Истифодаи усулҳои давлатии идоракунии равандҳои инноватсионии миллӣ ба беҳбудии вазъи иқтисодии саноатӣ, махсусан, соҳаи хӯрокворӣ мусоидат мекунад. Дар ин самт корҳои зиёдеро бо фароҳам овардани шароити муосири технологӣ ба анҷом бояд расонид.

Бояд гуфт, ки давлат дар иқтисодиёт мавқеи асосиро ишғол намуда, ягона муҳаррики асосии рушди иқтисодиёти миллӣ маҳсуб меёбад. Механизмҳои бозорӣ дар шароити имрӯза бидуни сиёсати давлатӣ ва танзимнамоӣ аз ҷониби он аз имкон берун буда, мушкилоти ҷойдоштаро танҳо стратегияи давлатӣ бартараф менамояд. Дигар ин ки механизмҳои бозории ҳар як давлат вобаста ба хусусияти иқтисодии кишвар мебошад. Масалан, хусусияти иқтисодии кишвари мо бидуни сиёсати давлатӣ ва усулҳои давлатии танзими равандҳои инноватсионии миллӣ вучуд дошта наметавонад. Зеро, тавре гуфта шуд, муҳаррики асосии рушди иқтисодӣ ва механизми идоракунии равандҳои

---

[66]Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ”, 26.01.2021. [Захираи электронӣ]. – Ҳолати дастрасӣ: www.prezident.tj (санаи муроҷиат: 22.11.2023с.)

инноватсионии миллӣ давлат ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид зикр шудааст, ки "Дар системаи усулҳои мустақими таъсири давлат ба равандҳои инноватсионӣ, махсусан, ҳамкории корхонаҳои саноатӣ (ширкатҳо, корпоратсияҳо) тавассути инноватсия бо муассисаҳои олиитаълимӣ бо соҳаи саноат мавқеи муҳимро ишғол мекунад. Аз як тараф, татбиқи шаклҳои ҳамкорӣ ва ба марҳилаи татбиқи тиҷоратӣ расонидани ғояҳои пешрафти илмӣ, аз тарафи дигар, фароҳам овардани шароит барои манфиати саноат ба маблағгузории таҳқиқоти бунёдӣ ва таҳқиқотӣ муҳим арзёбӣ мегардад"[67].

Гузаштан аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотиро, ки яке аз ҷузъҳои модели инноватсионӣ мебошад, ин тавр тавзеҳ медиҳанд: "Кишварҳои рӯ ба инкишофро зарур аст, ки гузариш аз ҷомеаи саноатӣ ба ҷомеаи иттилоотӣ, аз рушди технологияҳо ба рушди технологияҳои пешрафтаи инноватсионӣ, аз иқтисодиёт пӯшида ба иқтисоди кушод, аз вазифаҳои кӯтоҳмуддати банақшагирӣ ва барномавӣ ба ҳадафҳои дарозмуддати стратегӣ, аз тамоюлҳои мутамарказикунонӣ ба ғайримутамарказикунонӣ, аз идоракунии иерархӣ ба ташкили шабакавии фазои иқтисодӣ, аз интихоби алтернативӣ ба гуногунии интихоб, аз маблағгузории соҳаҳои воқеӣ ба сармояи инсонӣ, аз муносибатҳои дуҷониба ба муносибатҳои бисёрҷониба, аз ҳамгироии иқтисодии дусатҳа (микро ва макро) ба сиёсатҳо (микро, макро ва мезо)-ро ба роҳ монанд"[68]. Чунин гузаришҳо нақши бартаридоштаи соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиро нишон дода, бо хусусиятои хосаш ба иқтисодиёти миллӣ таъсири мусбат мерасонад. Дар ин ҳолат сатҳ ва суръати идоракунии рушди инноватсионии соҳаҳои афзалиятнок низ боло меравад.

Ҳамзамон, ба мақсади мусоидат ба ҳалли масъалаҳои инноватсионӣ сифати таҳсилот ва касбомӯзӣ дар муассисаҳои таълимӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ҷалби мутахассисон ба соҳаҳои гуногуни иқтисодӣ бештар карда шавад. Таъмини рушди тамоми соҳаҳо барои ноил шудан ба суръати баланди рушди фаъолияти сохторҳои инноватсионӣ ва дар айни замон то ҳадди зарурӣ сарфа намудани захираҳои иқтисодӣ имконият фароҳам меорад.

---

[67]Мухамедьяров, А.М. Инновационный менеджмент / Учебное пособие 2-е изд.: ИНФРА-М.- Москва, 2008.- С.137.

[68]Сафаров, Б.Г. Ташаккули фазои мезоиқтисодӣ ҳамчун омили рушди минтақаҳои кишвар дар шароити ҷаҳонишавӣ // Паёми молия ва иқтисод №2 (26) - Душанбе, 2021 -С.35-43.

Барои таъмини самаранокии сохтори соҳавии инноватсия як қатор чорабиниҳоро амалӣ намудан мувофиқи мақсад аст. Дар ин росто, мо самтҳои асосии таъсиррасонии равандҳои инноватсиониро ба иқтисодиёти миллӣ дар давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ва дурнамои он муайян намудем, ки аз инҳо иборатанд:

1) тағйир додани фазои сармоягузорӣ ба соҳаи инноватсия;
2) барҳам додани равандҳои куҳнаи инноватсионӣ;
3) таҳияи модели нави рушди инноватсионӣ;
4) бо суръат баланд бардоштани иқтидорҳои илмӣ-техникӣ;
5) таҳияи нақшаи стратегии инноватсионӣ;
6) дастрасии стартапҳо ба фаъолияти соҳибкорӣ;
7) такмили ихтисоси мутахассисони соҳавӣ;
8) тавлиди ғояҳои нав ва ташаккулу малакаҳои касбӣ;
9) ташкили озмоишгоҳҳои "рушди устувор" дар назди МТОК;
10) таҳияи Стратегияи рушди саноати хӯрокворӣ;
11) ҷустани роҳу усулҳои нави идораи инноватсионӣ ва татбиқи онҳо дар фаъолияти соҳаи хӯрокворӣ.

Равандҳои инноватсионӣ ҳамчун асоси табдил додани ашё (захираҳо, иттилоот, мол ва хизматрасонӣ) ба натиҷаҳо (молҳои нав, технологияҳои нав, хизматрасонии нав, шаклҳои нави идоракунӣ ва ғайра) ба ҳисоб рафта, бо фаъолияти эҷодӣ алоқаманданд. Ҳар як кашфи илмӣ ва навовариҳои техникии ихтироъшуда барои амалӣ шудан вақти зиёдро мегирад.

Қобили қайд аст, ки корхонаҳои саноатӣ дар баробари рушди иқтисодӣ ба мутахассисони соҳибкасб, захираҳои кадрӣ ниёз дошта, дар бозори ватанию хориҷӣ бо қобилияти идоракунии инноватсионӣ баромад мекунанд. Пас маълум мегардад, ки корхонаҳою соҳибкорон тавассути рушди инноватсионӣ дар бозори ватанию хориҷӣ бо истифодаи захираҳои инноватсионӣ рақобат намоянд.

Солҳои охир дар кишвар прогресси илму техника, афзоиши теъдоди олимони соҳаҳои гуногун, татбиқи барномаҳои минтақавии дастгирии соҳибкорони хурду миёна, мутобиқгардонии низоми маориф ба талаботи ҷаҳонӣ, таҳияи барномаҳои нави инноватсионӣ, зиёдшавии корҳои илмӣ,

ҳамзамон, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои нави инноватсионӣ дида мешавад, ки ин, пеш аз ҳама, аз таваҷҷуҳи сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм ва техника шаҳодат медиҳад.

Дар шароити муосир давлатҳои мутараққӣ ба пешрафти илму техника ва навовариҳои нави техникӣ аҳаммияти махсус дода, таваҷҷуҳи асосиро ба таҳқиқотҳои илмӣ-техникӣ равона кардаанд. Мо низ барои рушди равандҳои инноватсионии кишвар бояд моделе таҳия созем, ки он тамоми равандҳои рушди устувории инноватсионӣ ва тараққиёти минбаъдаро дар бар гирад.

Мусаллам аст, ки хусусиятҳои муҳимми модели инноватсионии рушди устувори иқтисодӣ омӯзиши илм, рушди касбият ва истеҳсолотро дар бар гирифта, асоси омили рушди иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Дар баробари таҷрибаҳои иқтисоди ҷаҳонӣ модели ташаккулёбии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатиро дар чунин шакл пешниҳод менамоем:




**Расми 3.20.** Модели ташаккулёбии рушди устувори корхонаҳои саноатӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Ногуфта намонад, ки модели мазкур дар доираи фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ имконоти зиёдеро ба амал меорад, ҳамзамон мавқеи устуворро дар бозор таъмин месозад, бозорро фатҳ намуда, ҳаҷми хизматрасониро тариқи инноватсионӣ ва рақобатро ба вуҷуд меорад. Модели ташаккулёбии рушди устувори корхонаҳои саноатӣ, пеш аз ҳама, ба ҳалли

вазифаҳо, риояи талабот мақсадҳои асосӣ, принсипҳо ва стратегияи пешбинишудаи имрӯзу оянда алоқамандии зич дорад.

Татбиқи модели мазкур заминаҳоеро фароҳам меорад, ки ба васеъ шудани доираи фаъолият, дастовардҳои ба навгонӣ асосёфта, теъдоди корхонаҳои нави саноатӣ, шуғли меҳнат, даромад ва ба истеҳсоли маҳсулоти бо сифати бозоргир мусоидат менамояд.

Аз ин рӯ, корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ тавассути стратегияҳои идоракунии қабулшуда, бомуваффақият ба низом даровардани параметрҳои фаъолияти инноватсионӣ ҷиҳати таъмини рушди устувор аз имконоти мавҷуда фаровон истифода баранд.

Тағйироти муосири фазои ҷаҳонии дорои хусусиятҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ ба таври эътимоднок собит месозад, ки таъмини рушди устувори иқтисодиёт, дарвоқеъ, дастовард ва натиҷаҳои дилхоҳро ба бар меорад.

Дар ин радиф, барои таъмини рушди устувори иқтисодиёти корхонаҳои саноатӣ мо чунин ҳадафҳои умумиро пешниҳод менамоем, ки иҷрои онҳо самаранокии фаъолиятро таъмин хоҳад кард.




**Расми 3.21.** Ҳадафҳои таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси адабиёти истифодашуда

Дар илми иқтисод устувории молиявии корхонаҳо ҳамчун таъминоти захираҳо, хароҷот бо сарчашмаҳои худӣ ва қарзӣ фаҳмида мешавад. Ба мафҳуми маҳдуд устувории молиявӣ маънои талаботи самарабахш, таъмини сармоягузории фаъол, афзоиши сармояи гардон аз ҳисоби манбаъҳои худӣ ва захираҳои молиявиро ифода мекунад.

Бояд гуфт, ки номуътадилии вазъи иқтисодии ҷаҳон, муҳити беруна, идоракунии ноустувор, таъсири равандҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва сатҳи рақобатпазирии носолим метавонад ба устувории молиявӣ ва рушди инновтсионии корхонаҳои саноатии кишвар таъсири манфӣ расонад.

Ҳангоми таҳлил муайян карда шуд, ки тамоюли рушди прогресси илмӣ-техникӣ ва рушди бемайлони технологияҳо таҳкими ҳамкории саноат, ҳукумат ва ҷомеаро барои ноил шудан ба рушди устувори инноватсионии корхонаҳои кишвар тақозо мекунад. Имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташкили фазои инноватсионӣ, идоракунии сатҳи иқтисодӣ-инноватсионӣ ва таҳкими ҳамкориҳои судманд миёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар ва Пажуҳишгоҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

Сиёсати инноватсионӣ яке аз масъалаҳои муҳимми рушди саноати кишвар маҳсуб меёбад. Имрӯз муносибатҳои иқтисодии инноватсионии кишвар аз корхонаҳои саноатӣ роҳи дурусти системанокии инноватсионӣ ва ҷорӣ намудани платформаҳои рақамиро тақозо мекунад. Фароҳам овардани шароит самаранокии стратегияи рушди устувории корхонаҳои саноатиро таъмин месозад. Аз ин рӯ, таҳияи стратегияи миллӣ дар сатҳи макро ва мезо пешбинӣ шудааст.

Дар замони пешравиҳои илму техника ва технологияҳои инноватсионӣ устувории фаъолияти комплекси саноатӣ аҳаммияти калон дорад. Корхонаҳои саноатии кишвар барои татбиқи самараноки ҳадафҳои сиёсати иқтисодии давлатӣ, рушди соҳибкорӣ ва стратегияи рушди иҷтимоӣ нақши калидӣ мебозанд. Зимнан, онҳо барои рушди муносибати манфиатҳои бисёрҷониба ва рақобатпазирии ташаббусҳои истеҳсолии аз ҷиҳати стратегӣ муҳим таъсири мусбат мегузоранд. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои муқарраршуда, аз ҷумла таъмини рушди устувори инноватсионӣ корхонаҳои саноатиро зарур аст, ки технологияҳо ва платформаи рақамиро ба роҳ монанд.

Дар зер модели идоракунӣ ва танзими таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатиро дар чунин шакл пешниҳод менамоем (расми 3.22).




**Расми 3.22.** Модели идоракунӣ ва танзими таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатӣ
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Модели мазкур идора ва танзимнамоии бисёрсатҳаи рушди устувори корхонаҳои саноатиро инъикос намуда, барои пешбурди фаъолияти босамару босифат мураттаб шудааст. Дар доираи он самтҳои бо ҳам алоқаманд мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, ки давлат ва ҳукумат ҳамчун асоси идоракунандаи тамоми фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ баромад мекунад.

Давлат дар асоси барномаҳо, консепсияҳо ва стратегияҳои қабулгардида барои рушд дар устуворгардонии иқтисодиёти миллӣ, низоми миллии инноватсионӣ ва ниҳоят, таъсиси сохторҳои калони саноатӣ саҳми арзанда мегузорад. Бояд гуфт, ки дар чунин ҳолати пешравиҳои босуръати ҷамъият таъмини рушди устувори иқтисодиёту низоми миллии инноватсионӣ бе таъсири давлат аз имкон берун аст.

Вазифаҳои асосии корхонаҳои саноатии хӯрокворӣ бо озуқаворӣ таъмин намудани аҳолӣ ҷиҳати ҳаёти осоиштаю фаъол ва саломатии бехавф мебошад,

ки аз болои он давлат назорати қатъӣ мебарад. Дар шароити имрӯза ва афзоиши шумораи аҳолӣ таъмини аҳолӣ бо молҳои хушсифати хӯроквории барои саломатӣ бехавф душвор аст.

Ҳолати бехатарии озуқворӣ ва ғизо, ки таъмини он вазифаи давлат ва худи корхонаҳои саноатӣ мебошад, дар расми зерин тасвир намудем.




**Расми 3.23.** Вазифаҳою уҳдадориҳо оид ба бехатарии озуқаворӣ ва ғизо
**Манбаъ:** таҳияи муаллиф

Муссалам аст, ки дар шароити баромадан аз бӯҳрони иқтисодии ҷаҳонӣ дар ҳамаи соҳаҳои мухталифи ҷомеа мушкилот ба вуҷуд меояд. Чунончи, баландшавии қурби асъори ИМА, нархҳои соҳаҳои саноат ва кам шудани сармояи мустақим ба ин соҳа ба чашм мерасад, ки боиси ақибмонии корхонаҳои саноатии кишвар аз ҷиҳати воридоти техникаю технологияҳои инноватсионӣ ва гузаштан ба платформаи рақамии корхонаҳо гаштааст. Аз ин рӯ, барои дастгирии корхонаҳои саноатӣ, махсусан, соҳаи хӯрокворӣ ва таъмини рушди устувори инноватсионии онҳо дастгирии давлат зарур аст. Бояд гуфт, ки масъалаи таъмини рушди устувори корхонаҳои саноати хӯрокворӣ, махсусан, дар шароити ҷаҳонишавии муносибатҳои иқтисодии ҷаҳон яке аз масъалаҳои мубрам ба шумор рафта, тавассути дастгирӣ ва ҳавасмандгардонии давлатӣ дар ҳалли ҳадафҳою вазифаҳои базиммадошта метавон комёб шуд.

Дар робита ба ин, пеш аз ҳама, ба афзун намудани маҳсулоти инноватсионӣ, идоракунии устувори фаъолият ва гузариши корхонаҳо ба

платформаҳои рақамӣ бояд диққати махсус дода шавад. Ҳамзамон, шароити мусоиди фароҳам оварда, системаҳои иҷтимоию иқтисодиро инкишоф дода, ба василаи он баланд бардоштани самаранокии соҳаи хӯроквориро таъмин бояд кард.

Аз ин хотир, танзими бисёрсатҳаи мустақим ва ғайримустақими соҳаи саноати хӯрокворӣ, иҷрои талаботи вазифаю ҳадафҳои стратегӣ бо назардошти консепсияи рушди устувори инноватсионӣ, механизми идоракунӣ ва рафъи мушкилоти дар ин самт ҷойдошта асостарин вазифаю уҳдадориҳои корхонаҳои саноатӣ ва давлат маҳсуб меёбанд.

## Хулосаҳои зербоб

Дар шароити рушди бошиддати техникаю технологияҳо, гузаштан ба иқтисоди рақамӣ ва вусъат ёфтани рақобат байни тамоми субъектҳои иқтисодӣ дар сатҳи дохилию хориҷӣ, ҷорӣ намудани инноватсия дар корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва зарурати гузаштан ба модели рушди устувори инноватсионӣ ва татбиқи талаботи он ба мақсад мувофиқ мебошад.

Аз ин рӯ, барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувори инноватсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, танзими омехтаи давлатию корпоративӣ ва зиёд намудани ҳиссаи маҳсулоти ватанӣ пешниҳодҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

1. Барои такмили фаъолияти инноватсионӣ ва идоракунии рушди устувор самтҳои асосӣ дар расмҳои 3.7. ва 3.8. нишон дода шудаанд, ки он ба таъмини идоракунии рушди босуръати инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мусоидат мекунад.

2. Барои роҳу воситаҳои ташкили низоми идоракунии инноватсия ва баланд бардоштани самаранокии ҷараёни инноватсионӣ, ки метавонанд рушди низоми инноватсионии миллиро таъмин созанд, дар боби мазкур нишон дода шудаанд.

3. Ҷиҳати таъмини рушди устувори иқтисодиёти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ҳадафҳои асосӣ ва натиҷаҳои он дар расми 3.21. ботартиб оварда шудаанд.

4. Ба мақсади расидан ба ҳадафҳои гузошташуда ва сазовори дастовардҳо шудан модели танзими идоракунӣ ва таъмини рушди устувори корхонаҳои саноатӣ, ки дар расми 3.22. нишон дода шудааст, таҳия гардидааст.

5. Ташкили омӯзишгоҳҳои “рушди устувор” дар назди МТОК ва алоқамандии долнишҳои назариявӣ бо амалия ба мақсад мувофиқ мебошад;

6. Ташкили низоми самарабахши инноватсионӣ, ҷустуҷӯи роҳу усулҳои нав ва гузаштан ба модели нави рушди устувори инноватсионӣ, ки ба ҳалли проблемаи мавзуи таҳқиқот нигаронида шудаанд, дар кори диссертатсионӣ инъикос ёфтаанд.

## ХУЛОСА

Дар кори илмӣ-таҳқиқотӣ масъалаҳои идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, махсусан, саноати хӯрокворӣ, ташаккул ва рушди он дар шароити имрӯза мавриди омӯзиш қарор гирифта, хусусият, принсип ва механизмҳои идоракунии рушди устувори инноватсионии саноати хӯрокворӣ, муайян карда шуданд. Барои ноил гардидани корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ба рушди устувори инноватсионӣ ва унсурҳои асосии он модели рушди устувори инноватсионӣ таҳия ва дар асоси он пешниҳодҳои мушаххас манзур гардидаанд.

### Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

1. Таҳқиқ ва омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ-методологии рушди устувори инноватсионӣ бо назардошти хусусиятҳои консепсияҳои муосир мавриди назар қарор гирифта, муайян карда шуд, ки рушди устувори инноватсионии саноат, баланд бардоштани сатҳи иҷтимоӣ ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ ба ҷорӣ намудани инноватсия вобаста мебошад. Маҳз истифодаи инноватсия дар корхона рушди устувори иқтисодиётро таъмин намуда, барои расидан ба сатҳи хуби ҳаёти иҷтимоӣ имконият фароҳам меорад. Бинобар ин, таъмини рушди инноватсионии соҳаҳои саноат барои фаъолияти босамари тамоми ниҳодҳои кишвар созгор аст **[6-М].**

2. Такмили низоми идораи фаъолияти инноватсионӣ яке аз самтҳои асосии рушди устувори идоракунии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ маҳсуб меёбад, ки он ба ҳалли вазифаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии давлат ва хусусиятҳои рушди он вобастагӣ дорад. Рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатӣ, ки ба татбиқи стратегияи миллии рушд нигаронида шудааст, дар асоси истифодаи платформаҳои рақамӣ, таъмин мегардад. Бинобар ин, фароҳам овардани шароити мусоид барои корхонаҳои саноатии истифодабарандаи платформаи рақамӣ метавонад сифати фаъолияти онҳоро беҳтар созад **[3-М].**

3. Иқтисоди инноватсионӣ бо таъсири донишҳои илмӣ ва технологӣ тағйир меёбад, зеро истеҳсолот дар асоси дониш, ҷустуҷӯҳои илмӣ ва навгониҳо дар иқтисодиёт сифатан беҳтар гардида, рушд меёбад.

Технологияҳои иттилоотӣ бошанд, низоми асосии иқтисодиёти инноватсиониро ташкил ва ҷиҳати расонидани иттилооти зарурӣ ёрӣ медиҳад **[2-М].**

4. Инноватсия дар шароити ҷаҳонишавӣ муносибатҳои нави иқтисодиро ба миён оварда, тавассути он рақобатпазирии молу маҳсулоти хушсифат ба вуҷуд меояд. Ин тарзи корбарӣ метавонад фаъолияти иқтисодиёти инноватсиониро беҳтар гардонида, барои рушди иқтисодиёти миллӣ заминаи мусоид гузорад **[5-М].**

5. Зарурати идоракунӣ ва танзими давлатии равандҳои инноватсионии миллӣ, пеш аз ҳама, ба рушди иқтисодиёт ва талаботи ҷомеа иртибот дошта, бароҳмонии ҳамкориҳои байналмилалии техникӣ, амнияти миллӣ ва пешрафти илму техника ба рушди устувори иқтисодӣ таъсири назаррас мегузоранд. Аз ин рӯ, давлат ҳамчун фишанги асосии танзимкунандаи идоракунии инноватсионии миллӣ дар рушди динамикаи иқтисодӣ нақши ҳалкунанда дорад. Рушди иқтисодӣ, баланд бардоштани некуаҳволӣ ва беҳтаргардонии сифати зиндагии мардум ва ниҳоят, гузариш ба модели нави иқтисодӣ ҳадафи асосии сиёсати давлат маҳсуб меёбад **[12-М].**

6. Натиҷаҳои омӯзиш нишон доданд, ки низоми миллии инноватсионӣ ва идораи инноватсионии иқтисоди миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ, махсусан, дар соҳаи саноат ба таври муайян инкишоф меёбад. Ба андешаи мо, чор категорияи асосие, ки метавонад ба рушди устувори инноватсионии соҳаи саноат замина гузоранд, инҳоянд: ҳукумат, ҷомеа муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва соҳибкорон, ки ҷойгоҳ ва нақши ҳар яки он дар диссертатсия пурра шарҳу тавзеҳ ёфтаанд **[10-М].**

7. Ҳанӯз ҳам ҳалли амалии масъалаҳои такмил додани омилҳои ба рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ таъсиррасон дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон то андозае боқӣ мондааст, ки бо назардошти хусусият ва равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ тақвият бахшидани он сатҳи некуаҳволии аҳолии кишварро баланд мебардорад **[5-М].**

8. Масъалаи рушди саноати кишвар зери таваҷҷуҳи сиёсати инноватсионии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифта, муносибатҳои

иқтисодии инноватсиониро дар роҳи дурусти системанокии инноватсионӣ тақозо мекунад. Фароҳам овардани шароит барои таъмини самаранокии стратегияи рушди устувори корхонаҳои саноатӣ таҳияи стратегияи миллиро дар сатҳи макро ва мезо пешбинӣ менамояд. Бояд гуфт, ки корхонаҳои саноатӣ дар татбиқи самаранокии ҳадафҳои сиёсати иқтисодии давлатӣ, рушди соҳибкорӣ ва стратегияи рушди иҷтимоӣ нақши калидӣ мебозанд **[4-М].**

9. Солҳои охир бо назардошти прогресси илмию техникӣ гузариши корхонаҳои саноатӣ ба платформаҳои рақамӣ яке аз масъалаҳои муҳимми стратегӣ ба ҳисоб рафта, он дар корхонаҳои саноатӣ ба таъмини рушди устувори инноватсионии иқтисодӣ, банақшагирии автоматикунонии захираҳои истеҳсолӣ, таҳлили амиқи истифодаи оқилонаи захираҳо ва иттилооти боэътимоди саноатӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, дар диссертатсия нақшаи идоракунии платформаҳои рақамӣ дар корхонаҳои саноатии кишвар пешниҳод гардидааст **[1-М].**

10. Дар шароити муосир бояд моделҳои рушди устувори иқтисоди инноватсионие таҳия ва пешниҳод шаванд, ки тамоми равандҳои рушди устувори иқтисодиёт ва таъмини амнияти онро дар бар гиранд. Ба мақсади рушди равандҳои инноватсионии кишвар як чанд модел дар боби 3-и таҳқиқот пешниҳод шуданд, ки дар баробари таҷрибаҳои иқтисоди ҷаҳонӣ рушди устувори инноватсионии иқтисодиёти миллиро таъмин карда метавонад. Асоси модели инноватсионии рушди устувори иқтисодиро омӯзиши илм ва рушди иқтисод ташкил медиҳад **[9-М].**

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таққиқот**

1. Дар замони муосир баланд бардоштани дараҷаи инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ яке аз вазифаҳои муҳимми давлатӣ ба ҳисоб меравад. Барои ба амал баровардани чунин ҳадаф сохторҳои давлатии идоракунии инноватсионӣ дар асоси таҷрибаҳои мамлакатҳои пешрафта кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Барои идора ва такмили инноватсия дар фаъолияти саноати хӯрокворӣ аз нишондиҳандаҳои асосии саноати хӯрокворӣ, ки Агентии омори

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон интишор намудааст, истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

2. Муҳайё сохтани фазои инноватсионӣ, такмил додани ҳамкориҳои зичи шарикии давлат бо субъектҳои соҳибкории инноватсионӣ ва дастгирии онҳо рушди устувори иқтисоди миллиро таъмин месозад. Таҷрибаҳои давлатҳои пешсаф нишон медиҳанд, ки ҷалби сармоя аз ҳисоби имкониятҳои дохилӣ ва берунӣ, ҳамкориҳои зичи шарикии давлат ва субъектони соҳибкории инноватсионӣ, ташкили шароит барои андешидани чораҳои баланд бардоштани дараҷаи зиндагии мардум, рушди босуботи иқтисодӣ, ташаккули шаклҳои идоракунии инноватсионӣ ва ривоҷ ёфтани равандҳои истеҳсолот дар заминаи иқтисодиёти миллӣ тадбирҳои муҳим ба шумор меравaнд.

3. Васеъ гардонидани низоми миллии инноватсионӣ аз ҳисоби имкониятҳои корхонаҳои саноатӣ заминаи даромад ва самараноки равандҳои инноватсионӣ мегардад. Ташкили идоракунии низоми инноватсионии кишвар дар асоси истифодаи платформаҳои рақамӣ аҳаммиятнок арзёбӣ мегардад.

4. Ташкили “Хонаи навовариҳои технологии Тоҷикистон” дар кишвар зарур буда, дар он навтарин дастовардҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва нанотехнологияҳо дар соҳаҳои гуногуни саноат, хӯрокворӣ, кишоварзию тиббӣ ва ғайра ба намоиш гузошта шаванд.

5. Дастгирии давлатӣ ҷиҳати рушди низоми идоракунии истеҳсолӣ ва низоми миллии инноватсионии корхонаҳои саноатӣ таъсири мусбат дорад. Аз ин рӯ, дар назди Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон ташкил намудани шурои илмии инноватсионӣ ба мақсади дар он баррасии натиҷаҳои корҳои илмӣ ба манфиат аст. Он барои таъсиррасонӣ, ба низом даровародани равандҳои инноватсионии миллӣ ва вусъатбахшии равандҳои инноватсионӣ дар кишвар мусоидат мекунад.

6. Ташкили фондҳои венчурӣ ва дастрасии стартапҳо ба соҳаҳои саноати хӯрокворӣ, корхонаҳои хурди инноватсионӣ, марказҳои таҳқиқотӣ ва конструкторӣ, IT- паркҳо, паркҳои илмӣ-технологӣ ва бизнес–инкубаторҳо муҳим мебошад.

7. Имтиёзҳои қарзҳои давлатӣ барои рушди фаъолияти корхонаҳои навтаъсисе, ки бо таҷҳизоти инноватсионӣ ва усулҳои инноватсионӣ фаъолият менамоянд, зиёд карда шаванд. Таъмини захираҳои моддию молии воридшаванда аз ҷониби давлат, ки соҳибкор дастрас карда наметавонад, тезонидани раванди истифодаи дастовардҳои илмию техникӣ дар соҳаҳои саноат ва хоҷагии қишлоқ истеҳсолотро самаранок мегардонад.

8. Тавассути пажуҳишҳҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, лоиҳаҳои таҳқиқотӣ ва таҳияи инфрасохторҳои инноватсионӣ дар сатҳи хурд дар минтақаҳои кишвар раванди интихоб, дастрасӣ доштан ва дар фаъолияти корхонаҳои соҳаҳои гуногуни иқтисоди воқеӣ мавриди истифода қарор додани навгониҳои илму техникаро осон гардонида, самаранокии истифодаи онҳоро баланд мебардорад.

Ҳамин тариқ, хулосаю тавсияҳои зикргардида асоснокии илмию назариявии идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро собит сохта, аз руйи он ва таҷрибаҳои давлатҳои пешсаф усулҳои муосири идоракунӣ, механизмҳои асосии идоракунӣ ва дурнамои нишондиҳандаҳои истеҳсолии маҳсулоти хӯрокворӣ сиёсати инноватсионӣ ва стратегияи рушди устувори миллиро дар самти идоракунии рушди устувори инноватсионии корхонаҳои саноати хӯрокворӣ татбиқ менамояд.

## РЎЙХАТИ АДАБИЁТ:

### Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ:


1. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025. [Матн]. – Душанбе, 2021. – 282 с.
2. Барномаи рушди саноати хӯрокворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 [Матн]: Қарори № 373. Душанбе, 2019. – 25 с.
3. Барномаи рушди инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2021 [Матн]: Қарори 227 аз соли 2011. – 37 с.
4. Барномаи саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 [Матн]. – Душанбе, 2020. – 26 с.
5. Бюджет для Граждан. Государственный бюджет: исполнение в 2022 году. Публикация «Бюджет для граждан: исполнение в 2022 году» подготовлена в рамках совместного проекта ПРООН и Министерства экономики и финансов Республики Узбекистан «Финансирование стойчивого развития в Узбекистане». – 62 с.
6. Консепсияи пешрафти инноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон/ бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, № 144 тасдиқ шудааст;
7. Консепсияи рушди ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (2012-2020) бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, №643;
8. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, №642 ;
9. Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2022;
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ” аз 18 апрели соли 2012, № 822;
11. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сиёсати давлатӣ дар соҳаи саноат” аз 18 майи соли 2017, №384;
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни ҶТ аз 23.12.2021 № 1827, аз 08.06.2022 № 1882) дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ 19.07.2012, №389;
13. . Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Душанбе, ҶДММ «Контраст». 116 с.

14. Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 аз 30 майи соли 2015, №354;

15. Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. [Матн]. – Душанбе, 2018. – 44 с.

16. Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва техника барои солҳои 2011-2015 “Ташаккули инфрасохтори инноватсионӣ ва дастгирии фаъолияти инноватсионӣ” аз 3 марти соли 2011, № 144;

**Захираҳои электронӣ:**

17. Вазорати саноат ва технологияҳои навӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон - Маълумоти таҳлилӣ оид ба ҷамъбасти натиҷаҳои нишондиҳандаҳои фаъолияти корхонаҳои саноати хӯрокворӣ дар соли 2019. [Захираҳои электронӣ]: URL:;

18. Государственное регулирование инновационной деятельности [Электронный ресурс]: URL: http://geopub.narod.ru/student/fokin/1/13.htm (дата обращения: 20.10.2022);

19. Глобальный инновационный индекс – 2022 [Электронный ресурс]: https://economy.kz/ru/Novosti_instituta/id=5262 (дата обращения:05.04.2023);

20. Инновации в пищевой промышленности: шесть успешных примеров [Электронный ресурс]: URL: https://media.mts.ru/business / 198387-innovatsii-v-pischevoy-promyshlennosti/ (дата обращения:26.12.2023);

21. Институционализм [Электронный ресурс]: URL: https://www.banki.ru/ wikibank/institutsionalizm/ (дата обращения:16.04.2023);

22. Индекс инноваций Китая поднялся на 12-е место в мире [Электронный ресурс]: URL: http://kg.china-embassy.gov.cn/rus/ggwj/202209/t 20220922 _10769597 htm (дата обращения:25.04.2023);

